**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ВБД: 87.3**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ҶАББОРОВА ВАЗИРА ҲАСАНОВНА**

# ҶОЙГОҲИ ФАЛСАФАИ АМАЛӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АҲМАДИ ДОНИШ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. - Таърихи фалсафа**

**Роҳбари илмӣ:**

**Атоев Атоулло Мухторович – доктори илмҳои фалсафа, профессор**

ХУҶАНД - 2025

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима**……………………………………………………………….3-19

**БОБИ 1. АҲМАДИ ДОНИШ - БУНЁДГУЗОРИ РАВИЯИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА**

1.1. Пайдоиш ва хусусиятгириҳои равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна…………………………………………………………………...20-40

1.2. Шарҳи ҳол ва манбаъҳои идеявии ташаккулёбӣ ва таҳаввули ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш……………………….……41-69

1.3. Таносуби донишу илм ва таснифоти илмҳо дар таълимоти Аҳмади Дониш…..........................................................................................69-86

**БОБИ 2. ФАҲМИШИ ФАЛСАФАИ АМАЛӢ ВА ТАМОИЛГИРИҲОИ ОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АҲМАДИ ДОНИШ**

2.1. Мақоми илми ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш…………………………………………….87-105

2.2. Фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он аз назари Аҳмади Дониш…………………………………………………………………...105-124

2.3. Фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа масъалаи калидии фалсафаи амалии Аҳмади Дониш…………………………………………………………………...124-150

**ХУЛОСА**……….……………………………………………...151-155

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**…..……………………………… 156-172

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Дар давраи классикии афкори фалсафӣ ҷиҳати рушд додани донишҳои илмӣ мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик саҳми бориз гузошта, асарҳои зиёди бунёдӣ таълиф намуданд. Имрӯз дар ҷомеаи зуд-зуд ба тағйирёбӣ дучорояндаи ҷаҳонӣ, арсаи бархурди тамаддунҳо, ки имкониятҳоро барои аз байн рафтан ва ё бегонашавии арзишҳо васеъ мегардонад, вусъат бахшидани раванди гуфтугӯи фарҳангҳо, ки ҳамзистӣ, ҳамдилӣ, эҳтиром ба ҳамдигарро миёни ҷомеаҳо тақвият медиҳад, идеяҳои пешниҳоднамудаи онҳо барои ҳаллу фасл намудани мушкилоти ҷомеа, бавижа дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия, танзими муносибатҳои оилавӣ ва барқарорнамоии усулҳои идоракунии ҷомеа бе ягон шакку тардид таъсири худро гузошта истодаанд.

Аз зумраи чунин мутафаккирони барҷаста, файласуфи шинохтаи қарни XIX-и тоҷик, саромади ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, ки як таҳаввулоти ҷиддиро дар низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд оварда, барои пайдоиши ҷаҳонбинии нав мусоидат кард Аҳмади Дониш мебошад. Мувофиқ ба сарчашмаҳои маҳфузбуда, номи аслии ӯ Аҳмад ибни Носири Сиддиқии Бухороӣ мебошад, вале дар таърихи илму фарҳанги мардуми тоҷик ӯ бо номи Аҳмади Дониш ё худ бо лақаби Аҳмади Калла муаррифӣ карда мешавад.

Инчунин, вобаста ба тамоилгирии андеша ва ба эътибор гирифтани таълифоти гуногунмазмуни эҷодкарда, ӯро донишмандони соҳаҳои гуногуни илм ҳамчун файласуф, нависанда, шоир, маорифпарвар, муаррих, сиёсатмадор, муҳандис, меъмор, мунаҷҷим, ҷуғрофидон, маъданшинос, сураткашу хаттот, мусиқишинос, табиб, ҷомеашиносу ҳуқуқшинос ва ғайра мешиносонанд.

Бояд қазоват кард, ки ин баҳодиҳӣ бе далел нест ва асоси илмӣ дорад. Зеро, аввалан омӯзиш ва таҳқиқи асарҳои ӯ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Аҳмади Дониш дар тамоми соҳаҳои илми замони худ асарҳои пурмазмун

навиштааст ва ё худ дар фалсҳои алоҳидаи асарҳои эҷодкарда доир ба мавзуъбандӣ ва масъалаҳои баҳсбарангези соҳаҳои мухталифи илм, маориф, низоми давлатдорӣ андешаҳои боэътимоди худро баён карда, мактаби фалсафӣ-фарҳангии маорифпарвариро бунёд гузоштааст.

Дуюм, Аҳмади Дониш аз шумори он мутафаккирони соҳибназаре ба ҳисоб меравад, ки дар китобҳои пурмуҳтавои худ, хусусан зерфаслҳои алоҳидаи асари «Наводир-ул-вақоеъ» дар бораи вазъи оилавӣ, давраҳои фаъолияти эҷодӣ, кор дар дастгоҳи идораи сиёсии амирони манғития, мазмун ва мавзуъбандии асарҳои навиштаи хеш иттилои кофӣ медиҳад. Бинобар ин, аз мутолиаи рисолаву асарҳои бунёдии Аҳмади Дониш хонанда ва ё муҳаққиқ метавонад ба таври зарурӣ маълумоти воқеиро дар бораи зиндагинома, фаъолияти эҷодии мутафаккир, авзоъи умумии ҷамъияти Аморати Бухоро ба даст оварад.

Сеюм, аз ҷониби муҳаққиқони варзидаи ватанию хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни осори ба илмҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ (инсоншиносӣ) бахшидаи файласуфи тоҷик ба таври возеҳ ва мукаммал таҳқиқу таҳлил карда шудаанд. Мутаассифона, муайян кардан ва таҳлилу баррасӣ намудани ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш аз масъалаҳои камомӯхта ва ё ба таври зарурӣ таҳқиқнашуда ба шумор меравад. Аз ин мавқеъ, маҳз ин паҳлуи омӯхтанашуда ва таҳқиқнагаштаи ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Дониш зарурати таҳқиқ ва таҳияи диссертатсияи алоҳидаро ба миён овард, ки аз рӯзмарра будани мавзуъ далолат мекунад.

Чаҳорум, арзиши илмӣ ё аҳаммияти назариявӣ-методологии таҳқиқоти мазкур дар он таҷҷассум меёбад, ки сарфи назар аз таваҷҷуҳи махсусе, ки Аҳмади Дониш ба омӯхтан ва кашфи асрори ниҳони замину осмон, қонунҳои табиату ҷамъият, муайян кардани умумият ва тафовути байни ин ду олами мавҷуд медиҳад, вай дар навбати аввал омӯзгор, тарбиятгари инсон барои дарёфти камолу шаъну эътибор мебошад. Аз ин мавқеъ, моҳияти ҷаҳонбинии ӯро дар фаҳмиши мафҳуми инсон - шинохтан ва дарк кардани моҳияти ӯ, таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули инсон, муайян намудани

нақш ва мавқеи ӯ дар ҷомеа, инчунин нишон додани иҷрои нақшҳои иҷтимоӣ аз ҷониби фард ва ғайра ташкил медиҳанд.

Ҷузъҳои муҳимми фалсафаи амалии Аҳмади Дониш ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудун мебошанд, ки дар ин бахшҳо маорифпарвар паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсонро баррасию таҳлил менамояд. Ӯ инсонро нисбат ба дигар мавҷудоти зинда бартар мешуморад ва таъкид менамояд, ки одамон ба ҳамдигар барои муваффақ гаштан ба ҳадафҳо, иқболу саодат, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ободии мулк, таъмини баробарии иҷтимоӣ ва ғайра дасти мадад расонанд. Ба маънои дигар, инсон мавҷуди ғайрифаъол, нотавон нест, балки имкониятҳои васеи фикрию ҷисмониро дорост. Метавонад бо неруи азими зеҳнию ақлӣ ба табиату ҷомеа дигаргунӣ бахшад.

Ҳамзамон, андешаҳои Аҳмади Дониш дар боби ахлоқ, низоми оиладорӣ ва идоракунии ҷомеа бо вуҷуди сипарӣ гаштани беш аз як аср арзиши назариявӣ ва амалии худро аз даст надодаанд. Бо ин сабаб, дар ҷомеаи муосири тоҷик, ҷаҳонишавӣ ва универсализатсияи арзишҳо ба ахлоқи устувор таъсири манфӣ расонида, ба бегонагии фарҳангӣ мусоидат мекунанд. Ин падидаҳо ба низоми анъанавии оилавӣ ва муносибатҳои оилавӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Илова бар ин, онҳо шароитҳои мусоидро барои пайдоиши гурӯҳҳои мухолифин, инчунин ҳаракатҳои экстремистӣ ва радикалӣ фароҳам меоранд, ки ҳадафи онҳо тағйири низоми конститутсионии кишвар ва ба даст овардани қудрати сиёсӣ мебошад. Бо ҳамин сабаб, таҳқиқи ин мавзуъ хеле муҳим ва зарур мегардад.

Ниҳоят, рӯзмаррагӣ, аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалии таҳқиқи ин масъалаҳо зарурати пажӯҳиши мавзуи мазкурро ба миён овард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши сарчашмаҳо ва маъхазҳои муътамад нишон медиҳанд, ки аввалин таҳқиқотҳо доир ба таҳлилу баррасии ҷанбаҳои мухталифи ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш ҳанӯз аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX шуруъ шудааст. Мувофиқ ба сарчашмаҳои боэътимод нахуст ба таҳлил ва таҳқиқи осори Аҳмади Дониш донишманди шинохтаи

тоҷик С.Айнӣ таваҷҷуҳ додааст. Аз ҷумла, дар китоби «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» [10] муаллиф Аҳмади Донишро мунаққиди ошкорбин ва олими бонуфузи Бухоро меҳисобад.

Дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» [11] бошад, оид ба аҳамияти асари «Наводир-ул-вақоеъ» маълумот дода, бо далелҳои муътамад асоснок менамояд, ки чаро доираи сиёсии аморат, руҳониёни хурофотзадаю уламмои фосиқ аз ақидаҳои Аҳмади Дониш дастгирӣ накарданд ва ба арзиши китоби пурмазмуни ӯ нарасиданд.

Минбаъд дар асарҳои бунёдии донишмандони маъруф, аз ҷумла Е.Э.Бертелс [31], А.Баҳоваддинов [32, 33], З.Раҷабов [118, 119, 120, 121, 122], И.Брагинский [35], Р.Ҳодизода [145, 149, 150, 151, 152], Х.Мирзозода [93, 94, 95, 96, 97, 98], М.Комилов [61], И.Шарипов [153, 181, 182], Ҳ.Ҳасанов [148], М.Раҷабӣ [88], Ш.Абдуллоев [4, 5], Ғ.Ашӯров, М.Диноршоев [160, 161], П.Гулмуродзода [43], Х.Назаров [111], Н.М.Зокиров [52, 53] ва дигарон заминаҳои асосии пайдошавӣ ва ташакули равияи маорифпарварӣ дар кишварҳои Аврупо ва мамолики Шарқ, нишон додани умумият ва фарқияти байни пайдоиши маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна, ҳадаф ва барномарезии иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии маорифпарварон дар самти рушд додани соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, бозтоби масъалаи илму маориф, ислоҳи барномаҳои таълимӣ дар мадрасаву макотиби аморати Бухоро, нишон додани роҳу усулҳои барқарор ва инкишоф додани низоми давлатдорӣ дар таълимоти маорифпарварон, нақши Аҳмади Дониш ҳамчун асосгузори равияи маорифпарварӣ дар ташаккули мактаби нави илмӣ-фалсафӣ ва ҷамъ овардани ҳамасрон ва шогирдон дар атрофи худ ва ғайра таҳқиқ ва мавриди муқоиса қарор дода шудааст.

Махсусан, дар кори таҳқиқотии Э.Бертелс [31, с.9-28] ба таҳлили даҳ усуле, ки маорифпарвар дар боби давлатдорӣ ва риоя доштани рукнҳои адолати иҷтимоӣ ба подшоҳ пешниҳод мекунад ва як ҷузъи фалсафаи амалии Аҳмади Дониш маҳсуб меёбад, диққати хосса медиҳад. Вобаста ба

хусусиятгирии андешаҳо ва арзиши прогерессивӣ доштан, ӯ Аҳмади Донишро асосгузори ҷунбиши ҷадидия дар Осиёи Миёна меҳисобад.

Адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Р.Ҳодизода [149, 150] доир ба муайян кардани накши Аҳмади Дониш дар таърихи рушди афкори иҷтимоӣ-сиёсии мардуми тоҷик таваҷҷуҳи хосса дода, мазмунан ба ҳам наздикӣ доштани рисолаи «Захират-ул-мулук» - и Алии Ҳамадонӣ ва асари «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро дар боби умури давлатдорӣ, усулҳои ҷоридошти адолати иҷтимоӣ эътироф менамояд.

Донишманд ва олими шинохтаи тоҷик З.Раҷабов бевосита ба таҳқиқи осори мутафаккирони асри XIX ва ибтидои қарни XX-и мардуми тоҷик аҳамияти хосса дода, доир ба ҷанбаҳои гуногуни ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш як зумра асарҳои бунёдӣ [118, 119, 120, 121, 122] таълиф кардааст.

Ӯ дар таълифоти хеш, асосан вазъи иҷтимоӣ-сиёсии давр, сабабҳои асосии пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, ҳадафҳо ва барномарезии маорифпарваронро нишон дода, хусусан саҳми Аҳмади Донишро дар ташаккул, таҳаввул ва таъсиси муҳити нав, мактаби илмӣ-фарҳангии маорифпаврарӣ муайян мекунад.

Олимони шинохтаи тоҷик М.Диноршоев ва Ғ.Ашӯров [161] бошанд, дар як мақолаи арзишманди худ баъзе аз масъалаҳои назариявӣ ва методологии равияи маорифпарварӣ, бахусус андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Донишро нишон дода, ӯро аз ҷумлаи асосгузори фалсафаи иҷтимоӣ дар таърихи афкори иҷтимоӣ-сиёсии мардуми тоҷик мешуморанд.

Дар корҳои таҳқиқотӣ ва мақолаҳои ҷудогонаи олим, файласуфи муосир ва маъруфи тоҷик И.Ш. Шарипов [153, 181, 182] тамоилгирии ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX таҳлилу баррасӣ ёфтаанд. Бавижа, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба рушди худшиносии миллӣ, сарнавишти фоҷиабор, талху торики халқи тоҷик ва давлатдории тоҷикон диққати муҳаққиқро ба худ ҷалб кардааст.

Олими дигари ватанӣ М.Раҷабӣ [88] дар корҳои таҳқиқотии худ сарчашмаҳои асосии пайдоиши ҷунбиши ҷадидияро муайян намуда,

фарқиятҳои байни идеяҳои маорифпарварон ва пайдоиши равияи ҷадидияро муайян мекунад. Аз ҷумла, дар тафриқа аз дигар муҳаққиқони ватанию хориҷӣ талош меварзад, ки таъсир ислом ва аҳкоми шаръиро дар ташаккули ҷаҳонбинии фалсафии ҳам маорифпарварон ва ҳам насли дуюми онҳо (ҷадидон) равшан намояд.

Дар тафриқа аз тамоилгирии андешаҳои М.Раҷабӣ файласуфи дигари тоҷик Ш.Абдуллоев [4, 5, 157] бештар ба таҳқиқ кардани ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии пайдоиши маорифпарварӣ ва тамоюлгирии андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш аҳамият медиҳад.

Файласуфи тоҷик М.Султонов [179] андешаҳои адабиётшиноси тоҷик Р.Ҳодизодаро ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва муқоисаи афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷонибдорӣ карда, монандии ақидатии ин ду мутафаккирро ошкор мекунад.

Файласуфи тоҷик Х.Назаров бошад, дар мақолаи худ «Ақидаҳои сиёсии Мир Сайид Али Ҳамадонӣ» [170] мушаххастар наздик будани идеяҳои иҷтимоӣ-сиёсии М.Ғаззолӣ ва Алии Ҳамадониро ошкор карда, таъсири онҳоро дар ташаккули дидгоҳи фалсафии Аҳмади Дониш ишора менамояд.

Дар корҳои таҳқиқотии файласуфи тоҷик Б.Ҷ.Самиев [131, 132, 133, 172, 173, 174, 175, 176, 177] ба чунин нуктаҳои муҳим, ки бештар тамоили иҷтимоӣ-сиёсӣ доранд, аҳамият дода мешавад: таҳлил ва таҳқиқи афкори иҷтимоӣ-фалсафии маорифпарварони тоҷик дар бораи сохтор ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX; тартиби табақабандии аҳолӣ ба қишрҳои гуногун ва ҷойҳои ишғолкардаи онҳо дар ҷомеа, муайян намудани пешомадҳои асосии пайдоиши маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна; нишон додани усулҳои идоракунии давлат, роҳҳои барқарорсозии ҷомеа, танзими соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, усулҳои риоя доштани меъёрҳои адолати иҷтимоӣ, таъсири идеяҳои маърифатпарварӣ ба ташаккули ақидаҳои насли дуюми маърифатпарварон – ҷадидон ва ғайра.

Дар маҷмуъ, ҷамъоварӣ, омӯзиш ва коркарди мавод нишон медиҳанд, ки ҷанбаҳои зиёди ақидаҳои маорифпарварони тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври гуногун: ҳам муфассал ва ҳам мушаххас таҳлил ва муқоиса карда шудаанд. Аммо, дар сатҳи илми ватанию ҷаҳонӣ таҳқиқоти комил дар бораи фалсафаи амалии Аҳмади Дониш мавҷуд намебошад.

Аз ин рӯ, дар доираи ин мавзуъ масъалаҳои фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш, ки унсурҳои асосии он: ахлоқ, фалсафаи хонаводагӣ ва сиёсатмадорӣ (фалсафаи сиёсӣ) мебошанд, таҳлилу муқоиса хоҳанд шуд. Ин ҷанбаҳо калидӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқ ва ба насли имрӯз расонидани онҳо барои рафъи мушкилоти асосӣ дар самти танзими муносибатҳои ахлоқии ҷомеа, бунёди оила ва низоми идоракунии давлат арзиши амалии худро доро мебошанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш на танҳо фаҳмиши замонавии назарияҳои ӯро равшан мегардонад, балки нақши ӯро дар таърихи ташаккул ва таҳаввули ҷараёни маорифпарварӣ баръало нишон медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори таҳқиқотӣ ба омӯзиш ва таҳлили ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш бахшида шуда, инъикоскунандаи яке аз ҷанбаҳои масъалаи таҳқиқии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои солҳои 2020-2025 дар бахши равияи таърихи фалсафа ба ҳисоб меравад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот – ин омӯзиш ва таҳлили муфассали масъалаҳои фалсафаи амалӣ: ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати давлатдорӣ (мудун) дар таълимоти Аҳмади Дониш мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалӣ кардани мақсади таҳқиқот иҷрои чунин вазифаҳо муҳим шуморида шуд:

- мушаххас кардани хусусиятҳои фарққунандаи пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна аз кишварҳои Аврупо ва Россия;

- таҳқиқ кардани манбаъҳои идеявии ташаккулёбӣ ва таҳаввули ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш;

- таҳлил ва муқоиса кардани таносуби илму дониш дар таълимоти Аҳмади Дониш;

- муайян кардани ҷойгоҳи илми ахлоқ дар осори маорифпарвар;

- муқоиса намудани тартиби ташкили оила ва одоби оиладорӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш ҳамчун унсури муҳимми фалсафаи амалӣ;

- илман асоснок кардани сиёсати мудун ҳамчун ҷузъи фалсафаи амалӣ дар таълимоти маорифпарвар.

Таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷониба ва муфассали мероси фалсафии Аҳмади Дониш бахшида шудааст, ки ин шева барои дарки амиқтари саҳми ӯ дар рушди фалсафаи амалӣ дар Осиёи Миёна ва берун аз он мусоидат хоҳад кард.

**Объекти таҳқиқот:** маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав дар Осиёи Миёна.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот:** баррасии масъалаҳои ахлоқ, тадбири манзил ва сиёсати мудун ҳамчун ҷузъҳои таркибии фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш.

**Фарзияи таҳқиқот:** ҳаракати маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна на танҳо сабаби ташаккулёбии мактаби нави фикрӣ гардид, балки барои дигаргуншавии низоми давлатдорӣ ва тағйирёбии муносибатҳои нави иҷтимоӣ такони ҷиддӣ дод.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2020 дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, объекти он доираи таърихии асри XIX ва ибтидои қарни XX-ро дар таърихи фалсафаи тоҷик дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия муаллиф, асосан ба сарчашмаҳо, осори мутафаккирони тоҷик, ки то замони Аҳмади Дониш зиндагӣ ва эҷод кардаанд, асарҳои таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни равияи маорифпарварӣ ва тамоилгириҳои он дар кишварҳои Аврупою мамолики Шарқ таҳлилу муқоиса карда шуда, дар шакли монография, диссертатсия, мақолаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, таваҷҷуҳи хосса додааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби диссертант методҳои таҳлили ратсионалӣ, усулҳои умумии маърифати илмӣ, методҳои таърихӣ, низомнокӣ, таҳлили муқоисавӣ, усулҳои мантиқӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Сарчашмаи маълумот**. Сарчашмаҳои асосие, ки зимни пажӯҳиши мавзуъ нақши калидӣ бозиданд, асарҳои Аҳмади Дониш «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Меъёр-ут-тадаюн», «Манозир-ул-кавокиб», «Наводир-ул-вақоеъ» ба ҳисоб мераванд.

Инчунин, ҳангоми таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи мавзуъ асарҳои «Насиҳат-ул-мулук», «Кимиёи саодат» - и Муҳаммад Ғазолӣ; «Захират-ул-мулук» - и Алии Ҳамадонӣ; «Мадинаи фозила»- и Абӯнасри Форобӣ; «Тадбири манзил» - и Ибни Сино, «Таърихи инқилоби Бухоро»- и Садриддин Айнӣ ба ҳайси сарчашма мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Далелҳои аз ҷанбаи илмӣ ва мантиқӣ асоснокшуда, натиҷаҳои илмии зимни пажӯҳиши мавзуъ бадастомада доир ба фаҳмиш ва мушаххас кардани барномарезии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии маорифпарварон ба сифати заминаи эмпирикии таҳқиқот хизмат карданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ба анҷом расидааст.

**Навгонии илмӣ.** Мавзуи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш ҳамчун предмети таҳқиқот баррасӣ шуда, тафовути афкори ӯ аз андешаҳои мутафаккирони гузаштаи халқи тоҷик нишон дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқотро метавон ба таври зерин пешниҳод кард:

- пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ҳамчун як ҷаҳонбинии нав, ки асосгузораш Аҳмади Дониш мебошад, таҳқиқ карда шуда, умумият ва фарқияти байни тамоилгириҳои маорифпарварӣ дар Аврупо ва Осиёи Миёна нишон дода шудаанд;

- вобаста ба марҳалаҳои рушд ва давраҳои камолоти Аҳмади Дониш манбаъҳои идеявие, ки ба ташаккул ва таҳаввули афкори маорифпарваронаи мутафаккир нақши муассир гузоштаанд, асоснок гардонида шуданд;

- таносуби байни донишу илм ва таснифоти илмҳо дар таълимоти Аҳмади Дониш дар муқоиса бо мутафаккирони гузашта, муайян шудааст;

- ахлоқ ҳамчун шохаи асосии фалсафаи амалӣ шарҳу тавзеҳ дода шуда, ҷойгоҳи категорияҳои ахлоқӣ дар ҳаллу баррасии масъалаҳои ҷомеадорӣ, ки аз мавзуи калидии таълимоти маорифпарварии Аҳмади Дониш мебошад, таҳлилу муқоиса карда шуданд;

- оила ва одоби оиладорӣ ҳамчун ҷузъи асосии ҷомеа, шохаи дигари фалсафаи амалӣ мебошад, ки дар таълимоти Аҳмади Дониш ҷойгоҳи хосса дорад. Дар робита бо ин, тамоилгириҳои ақидаҳои маорифпарвар таҳқиқу таҳлил ёфта, умумият ва фарқияти андешаҳои ӯ аз ақидаҳои мутафаккирони гузаштаи тоҷик нишон дода шудаанд;

- дар таълифоти Аҳмади Дониш давлат ҳамчун унсури асосии низоми сиёсии ҷомеа, шохаи фалсафаи амалӣ муайян карда шуда, андешаҳои маорифпарвар дар бораи нишон додани роҳу усулҳои давлатдорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таҳлилу таҳқиқ карда шудаанд.

Ин ҷанбаҳои навгонии илмӣ аҳаммияти таҳқиқот ва мақоми онро дар фаҳмиши амиқтари мероси фалсафии Аҳмади Дониш таъкид менамоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1) Пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, хусусан Аморати Бухоро як рӯйдоди муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар ташаккул ва таҳаввули тафаккури мардум тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд оварда, боиси шакл гирифтани ҷаҳонбинии нав гашт. Аз ин рӯ, то солҳои инқилоб он на танҳо тамоили зиддифеодалӣ, балки зиддимустамликавиро дошт.

Бинобар ин, маорифпарварӣ дар минтақаи Осиёи Миёна бо хусусиятгириҳои худ аз маорифпарварӣ дар Аврупо ва Россия, ки асосан тамоили зиддифеодалӣ ва рафъи муносибатҳои архаистӣ дошт, фарқ мекард. Хусусиятгириҳои он бештар ба ҳаракатҳое, ки дар кишварҳои дигари Шарқ, аз ҷумла Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон пайдо шуда буданд, шабоҳат доштанд. Аз он сабаб, ки мавқеи сиёсии ин кишварҳо - статуси мустамлика буд ва ҷунбишҳо, асосан алайҳи мустамликадорон сар мезаданд.

2) Аз омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарфаи осори таълифкардаи Аҳмади Дониш, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба нашр расонидаи олимони ватанию хориҷӣ бармеояд, ки барои пайдоиш ва ташаккули афкори маорифпарварона, озодфикронаи Аҳмади Дониш ёздаҳ манбаи муҳим нақши муассир гузоштанд:

- аввалан, таҳсилоти ибтидоӣ, ки маорифпарвар аз муҳити таълимии модараш гирифтааст;

- дуюм, таҳсили маорифпарвар дар мадраса;

- сеюм, фориғ аз таҳсил дар суҳбати таърихнигорон ва қиссагӯён ширкат варзидани маорифпарвар;

-чаҳорум, машғул шудани ӯ ба расмкашӣ ва хаттотӣ, нусхабардорӣ ва китобат кардани осори ахлоқӣ ва фалсафии классикон;

- панҷум, мустақилона омӯхтани манбаъҳои боэътимоди таърихӣ, аз ҷумла осори файласуфон, девону достонҳои шоирон аз тарафи маорифпарвар;

- шашум, иштироки мунтазам доштан дар муҳити донишмандон ва аҳли зиёиёни кишвар;

- ҳафтум, кашидани тарҳи лоиҳаи биноҳои давлатӣ ва иншоотҳои гуногун зимни иҷрои вазифа дар дарбор;

- ҳаштум, иҷрои вазифаҳои масъул дар идораи сиёсии Аморати Бухоро;

- нӯҳум, сафарҳо ба Россия;

- даҳум, таъсири дастовардҳои илмии замон, махсусан фалсафаи ғарбӣ, ки ҳангоми сафарҳо ӯ аз мутарҷими худ Қозимбек огоҳӣ пайдо кард;

- ёздаҳум, вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро, ки кишварро ба ҷомеаи аз фарҳанг ва тамаддун дурмонда табдил дода буданд.

3) Мафҳумҳои донишу илмро Аҳмади Дониш ба мисли мутафаккирони аҳди қадим, асрҳои миёнаи тоҷику форс аз якдигар ҷудо накарда, балки муродифи ҳам меҳисобад. Бар замми ин, ҳама иттилоъро дониш меҳисобад, вале қайд мекунад, ки доираи мафҳуми дониш нисбат ба иттилоъ васеътар аст.

Ҳамзамон, ӯ донишҳоро ба назарӣ ва амалӣ тақсим карда, ин навъи донишҳоро илмӣ мешуморад, зеро онҳо вобаста ба хусусиятгирии мавзуъ ва соҳаи омӯзиш проблемагузории илмҳои гуногунро инъикос медоранд. Пас, аз ин гурӯҳбандии илмҳо маълум карда мешавад, ки маорифпарвар донишҳоро ба илмӣ ва ғайриилмӣ тақсим мекунад, вале дар бораи донишҳои ғайриилмӣ маълумоти дақиқе намедиҳад. Доир ба масъалаи таснифоти илмҳо низ маорифпарвар дар осори худ ягон фасли алоҳидаеро набахшидааст. Аммо аз таълимоти ӯ дар мавриди муайян кардани анвоъи илмҳо маълум мешавад, ки фалсафа, илмҳои табиӣ, риёзӣ, нуҷум, ҳандаса, мантиқ ва ғайра илмҳои назариявӣ буда, илмҳои ахлоқ, оиладорӣ ва сиёсат шохаи илмҳои амалӣ мебошанд. Дар рисолаҳояш низ ба масъалаҳои марбут ба се шохаи асосии фалсафаии амалӣ аҳамияти махсус медиҳад.

4) Аҳмади Дониш ахлоқро ба шохаи илмҳои амалӣ дохил мекунад, ки бо калимаҳои хулқу хӯй ҳамреша аст ва муайянкунандаи рафтору кирдор буда, дигар амалҳои инсонро меомӯзад. Ӯ ба мисли Афлотун фитрӣ будани

ахлоқро пурра ҷонибдорӣ накарда, онро тағйирпазир меҳисобад. Қайд мекунад, ки беҳбудии зиндагӣ ва муваффақ шудани инсон ба ҳадафҳои худ аз чунин омилҳо вобастагӣ дорад:

1) манзиле, ки дар он инсон зиндагӣ барпо кунад;

2) либосе, ки ӯро аз гармову сармо ҳифз намояд;

3) ғизое, ки аз тановули он қоматаш рост истад;

4) зане, ки бо ӯ оила бунёд карда, аз он насл офарад.

Дар баробари ин, маорифпарвар категорияҳои этикаро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: гурӯҳи аввал категорияҳое мебошанд, ки сифатҳои мусбат, ахлоқи нек ва рафтори писандидаи инсонро инъикос мекунанд (адолат, некӣ, саховатмандӣ, беозорӣ, таҳаммулпазирӣ, қаноатмандӣ, покизагӣ, вафодорӣ, парҳезгорӣ, покдоманӣ, фурӯтанӣ, дӯстӣ, бузургворӣ, риояи асрор, миннатдорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра); гурӯҳи дуввум категорияҳое ҳастанд, ки рафтори ношоиста, кирдорҳои номатлуб, яъне сифатҳои бад ё номатлуби инсонро инъикос мекунанд (истеъмоли зиёди машрубот, дуздӣ, такаббур, хушомадгӯӣ, ғайбат, фиреб ё иҷро накардани ваъда, макр, кинаварӣ, ғазаб, тамаъҷӯӣ ва шаҳватпарастӣ, худбинӣ, худпарастӣ ва ғайра).

5) Аҳмади Дониш оиларо асоси ҷомеа ҳисобида, иҷрои дурусти вазифа ва уҳдадориҳое, ки ӯ барои ҳар як аъзои он муайян намудааст, омили муҳимми устуворӣ ва бақои хонавода мепиндорад. Дахолати модаршӯ, модарзан ва дигар хешу пайвандонро бошад, дар бобати ҳал намудани муносибатҳои оилавӣ тавсия намедиҳад ва ин амалро василаи асосии ноустуворӣ ва пош хурдани оилаҳо мешуморад.

6) Раият асоси ҷамъияту салтанатанд, аз ин рӯ, вазифаи асосӣ ва аввалиндараҷаи подшоҳ дар низоми давлатдорӣ ва ободии мулк ин таъмини адлу инсоф ва муносибати наку бо раият ва расидан ба эҳтиёҷоти онҳо мебошад. Аз таҳлил ва муқоисаи андешаҳои Аҳмади Дониш бармеояд, ки ӯ ба мисли мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҷамъиятро ба маданӣ (фозила) ва ғайримаданӣ (ғайрифозила) тақсим мекунад.

Ҷомеаи маданӣ гуфта, Аҳмади Дониш чунин ҷомеаро мефаҳмад, ки низоми идоракунӣ дар он бар асоси риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст. Дар чунин ҷомеа ба вазифаҳои давлатӣ афроди сазовор, ки ба сатҳи маълумотнокӣ, дараҷаи касбият ва таҷриба мувофиқат мекунанд, таъйин карда мешаванд.

Маорифпарвар ба таври ошкоро дар тафовут аз мутафаккирони гузашта қабилаҳои туркро ба ҷомеаи ғайримаданӣ мансуб медонад. Ба он хотир, ки мувофиқ ба маълумоти ӯ ин қабилаҳо аз фарҳанги ташкили ҷамъият, санъати ҳифз ва истифодаи об, фаъолияти кишоварзӣ дур мебошанд. Қабилаҳои турк тарзи ҳаёти кӯчманчӣ доштанд, дар ҷойҳое, ки сабза, алаф ва об пайдо мекарданд, зиндагӣ ихтиёр доштанд. Аз ин рӯ, риоя накардани фарҳанги ҷомеадорӣ, бетаҷрибагӣ ҷамъияти онҳоро зуд пароканда мекард ва барои пойдории ҷомеаи худ тадбир намеандешиданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомада, хулосаю тавсияҳои кори таҳқиқотӣ барои масъулини ниҳодҳои давлатӣ, кормандони соҳаҳои маориф ва фарҳанг, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккул додани тафаккури сиёсии шаҳрвандон, ба танзим даровардани меъёрҳои ахлоқӣ, раванди таълиму тарбия насли наврас, иҷрои вазифаю уҳдадориҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд ва ғайра аҳамияти назариву амалӣ доранд. Чунки татбиқ кардани ин рукнҳо робитаро байни се ниҳоди асосӣ: оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа мустаҳкам мегардонад.

Маводи кори таҳқиқотиро метавон барои таҳия намудани рисолаҳои илмии зинаҳои гуногуни таҳсилоти олӣ, диссертатсияҳо, китобҳои дарсӣ аз соҳаҳои илмҳои хусусияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва тарбиятидошта истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо интихоби методҳои таҳлил ва таҳқиқи мавзуъ, мутобиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин миқдори зарурии мавод, ки дар ҷараёни кор ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд, тасдиқ мегардад. Манбаъҳои истифодашуда ба дурустӣ санҷида шудаанд ва ақидаҳои илмии пешниҳоднамудаи таҳқиқотчӣ ва дар диссертатсия баёншуда

тасдиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур ба талаботи Шиносномаи тахассус: 09.00.03 - Таърихи фалсафа мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот кори илмии мустақилона иҷрошуда мебошад. Довталаб ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона ва низомнок муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлили маводро бомақсадона истифода мебарад. Дар асоси такя намудан ба осори фалсафии Аҳмади Дониш ва асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои маорифпарвар бахшида шудаанд, умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи пайдоиши равияи маорифпарвариро дар Аврупо, Россия ва Осиёи Миёна муайян менамояд, манбаъҳои ташаккули афкори маорифарваронаи Аҳмади Донишро дақиқ мегардонад, таносуби илм ва донишро дар таълимоти Аҳмади Дониш мушаххас мекунад ва ба таври мукаммал ҷойгоҳи фалсафаи амалиро дар таълимоти мутафаккир таҳқиқ менамояд.

Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд. Инчунин, маводи интишоркардаи диссертант, маърузаву гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ салоҳияти касбии ӯро доир ба масъалаи баррасишаванда тасдиқ менамоянд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи МДТ «ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров» (протоколи №11 аз 18.06.2024), ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифат ДМТ (протоколи №8 аз 13 марти 2025) муҳокима гардида, барои дифоъ тавсия дода шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, конференсияҳои илмӣ-амалие, ки ҳар сол (2020-2025) дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба

номи академик Б.Ғафуров» гузаронида шудаанд, гузориш дода шудааст. Қисме аз онҳо дар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расиданд. Инчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҳамоишо ва семинарҳои илмии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

- конференсияи илмӣ-амалии “Нақши донишгоҳҳо ҷиҳати муваффақ шудан ба ҳадафҳои рушди устувор” - дар мавзуи “Бобоҷон Ғафуров ва нақши ӯ дар рушди таърихи афкори фалсафии Осиёи Марказӣ. - Ташкент-2023;

- анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии “Хонишҳои чоруми Артуч” – дар мавзуи “Ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ - омили солимии оила”. – Панҷакент, 2022;

- анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии “Хонишҳои панҷуми Артуч” – дар мавзуи “Истиқлоли миллӣ ва истиқлолӣ фикрӣ” – Панҷакент, 2023.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

- конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар мавзуи “Нақши Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ” – Хуҷанд, 2023;

- конференсияи илмӣ-назариявӣ “Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо” - дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш”. - ДМТ, - Душанбе, 2024;

- семинари илмӣ-назариявии “Фалсафаи муосири тоҷик: мушкилот ва дурнамои рушди он” – дар мавзуи “Сарчашмаҳои онтологии таълимоти Абубакри Розӣ дар бораи инсон”. – Душанбе, ТНУ, 2021 ва ғайра.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар се мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори таҳқиқотии анҷомдодашуда аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 172 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АҲМАДИ ДОНИШ - БУНЁДГУЗОРИ РАВИЯИ МАОРИФПАРВАРӢ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

## 1.1. Пайдоиш ва хусусиятгириҳои равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна

Маорифпарварӣ - равияи иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳамчун як диди нав нисбат ба дарк, фаҳм ва ҳалли масоили зуҳурнамудаи ҷомеа мебошад. Аз оғози пайдоиш ва марҳилаҳои минбаъдаи ташаккули худ ин ҷунбиши иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ қариб панҷ садсоларо дар бар мегирад, аммо бо вуҷуди сипаришавии ин садсолаҳо идеяҳои тамоили пешрафтадоштаи маорифпарварон, андешаву тавсияҳои судманди онҳо доир ба масъалаҳои системаи идораи сиёсӣ, инкишоф ва рушди соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, раванди таълиму тарбия, бунёди хонавода, тарғиби касбу ҳунар ва ғайра рӯзмаррагии худро аз даст надоданд.

Имрӯз низ онҳо новобаста аз вазъи зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир, ки аз як тараф, бо таъсири падидаи ҷаҳонишавӣ ба ҷаҳонишавии арзишҳо оварда, аз тарафи дигар зери таъсири падидаи бархурди фарҳангҳо барои аз байн бурдани арзишҳои фарҳанги моддию маънавии миллатҳо мусоидат менамоянд, нақши худро гузошта истодаанд.

Дар бораи таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи ин равияи фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ муҳаққиқон ва донишмандони зиёди ватанию хориҷӣ осори бунёдӣ ва пурарзишеро таҳия кардаанд [31, с. 9-28], [32], [33], [118], [119], [120], [121], [152], [151], [185], [60], [35], [43], [153], [187], [4], [92], [160 с.49-60], [161, с.48-59], [159, с.22-29], [169], [92], [51], [133], [202], [132], [111], [117].

Донишмандон дар ҳар як кори таҳқиқотӣ як ҷанбаи норӯшани мавзуи мазкурро ҳаллу фасл намудаанд, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд. Бинобар ин, дар ин зерфасли таҳқиқот зарурат барои такрори гуфтаи муҳаққиқон дар мавриди муфассал нишон додани заминаҳои пайдоиши ҷунбиши маорифпарварӣ, шарҳу тавзеҳи мафҳуми маорифпарварӣ, ташаккул ва таҳаввули маорифпарварӣ, нишон додани

умумият ва фарқиятҳои байни зуҳури маорифпарварӣ дар кишварҳои ғарбӣ ва шарқӣ ва ғайра пеш намеояд. Танҳо ба хотири нишон додани робитаи бевоситаи байни зерфаслҳои таҳқиқот, риоя кардани талаботи низомнокӣ, пайдарпайии фикрҳо ва гузориши масъалаҳо муҳим аст, ки баъзе аз андешаҳо, назарияҳои илмии мавҷударо дар якчанд нуктаи муҳим мавриди таҳлил ва муқоиса қарор медиҳем.

**Нуктаи аввал:** ин рабт дорад ба шарҳ ва тавзеҳи мафҳуми маорифпарварӣ дар адабиёти илмӣ. Бояд зикр намуд, ки мувофиқ ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, маъхазҳои илмӣ, асарҳои зиёди таҳқиқотии донишмандон бори аввал мафҳуми маорифпарвариро файласуфи немис И.Кант кор фармудааст.

Баъдан дар таълифоти Ф.Волтер, Гердер, Д.Дидро, П.Голбах ва дигарон маорифпарварӣ ба сифати як низом, ки бозгӯикунандаи ҷаҳонбинии нав мебошад, шарҳу тавзеҳ меёбад.

Аз нигоҳи донишманди ақлгаро И.Кант рӯшанбинӣ - ин давраи аз ҳолати ноболиғӣ берун шудани инсон аст. Чунки ӯ дар ин марҳилаи синнусолӣ бе дастгирии дигарон қобилияти истифода бурдани ақли худро надорад, ба кумаки бузургсолон эҳтиёҷманд аст. [64, с.27]

Аз ин фаҳмиш бармеояд, ки аз дидгоҳи Кант инсон дар давраи бачагӣ маҳорат ва қобилияти дуруст дарк кардани амалҳои иҷрокардаи худро надорад, яъне оҷизу гумроҳ аст. Бинобар ин, ҷиҳати ҳал ва рафъи мушкилоти пешомадаи худ ӯ ба дастгирӣ ва кӯмаки бузургсолон ниёз дорад. Дар давраи наврасӣ бошад, маҳорат ва қобилияти худдарккунӣ, худшиносии инсон ташаккул меёбад. Вобаста ба ин фард кӯшиш мекунад, ки ба олам ва зуҳуроту ҳодисаҳои пайдошудаи ҷомеа ақлонӣ муносибат намояд. Аз ин мавқеъ, ӯ аз ниёзмандӣ раҳоӣ меёбад, гуноҳи содиркардаи худро пай мебарад, озодӣ ва ҳуқуқҳои худро ҳифз мекунад ва аз паси islоҳи камбудиҳо мешавад.

Ба ҳамин андешаи И.Кант монанд донишманди эронӣ Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ [109] низ ба ҷойи истилоҳи «маорифпарварӣ» маъмулан мафҳуми «рӯшанбинӣ»-ро истифода мебарад, вале аз ҷанбаи луғавӣ онро

ба мафҳуми «равшанӣ»-и физикӣ шабоҳат намедиҳад. Қайд мекунад, ки рӯшанбин он инсоне аст, ки бе ягон тарсу ваҳм, таассубу хурофот ба ҳодисаву зуҳуроти олами айнӣ (объективӣ) баҳои воқеӣ ва бо далел асоснокшудаи илмӣ медиҳад.

Аз лиҳози пайдоиш мафҳуми «маорифпарварӣ» аз решаи калимаи маориф таркиб ёфта, маънои дониш, биниш, маърифат, илм, шинохт ва ғайраро дорад. Масалан, нимаи дуюми асри XIX ва даҳсолаи аввали қарни XX дар минтақаи Осиёи Миёна донишмандон дар асарҳои худ ба ҷойи ин мафҳум истилоҳоти зерин, аз ҷумла тараққихоҳ, тараққипарвар, соҳибфикр, ҷадид ва ғайраро кор фармудаанд. Аз ин миён танҳо С.Айнӣ дар осори таълифкардаи худ истилоҳи «маорифпарварӣ» - ро фаровон кор мефармояд.

Дар кишварҳои Аврупо ва махсусан Россия низ, асосан мафҳуми маорифпарварӣ истифода бурда мешавад. Дар Эрон ба ҷойи мафҳуми «маорифпарварӣ» истилоҳоте чун «рӯшанкалла», «рӯшанфикр» ва ғайра кор фармуда мешаванд. Онҳо ин давраи таърихиро «асри ҳушмандон, доноён» муаррифӣ менамоянд.

Ин ҷо, аз ин чанд далели тасдиққунанда метавон ба хулоса омад, ки аз лиҳози мазмун маорифпарварӣ ин равияи фалсафӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ буда, маорифпарвар тарғибкунандаи илму дониш аст. Шахси рӯшанфикр, биниши тозадошта, яъне соҳиби ҷаҳонбинии нав, ки андешаҳояш дар асоси такя кардан ба ақлу мантиқ баён карда мешаванд, мебошад.

**Нуктаи дуюм:** ин иртибот дорад ба таърифҳои илмие, ки аз ҷониби донишмандон ва муҳаққиқон ба мафҳуми маорифпарварӣ додаанд. Воқеан, омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чӣ дар адабиёти илмии давраи шӯравӣ ва чӣ давраи истиқлолияти давлатӣ ба саволи маорифпарварӣ чист? – таърифҳои зиёди илмӣ дода шудааст. Масалан, дар сарчашмаҳои илмӣ маорифпарварӣ гуфта, идеологияи сиёсӣ, фалсафӣ ва фарҳангии давраи таназзули феодализм ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои сармоядориро меноманд. [156, с. 540]

Ё худ онро чараёни адабию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ тавзеҳ медиҳанд, ки бо воситаи таблиғи ғояҳои хайр, баробарӣ, бародарӣ, адолат, илму маърифат камбудиҳои сохти муайяни ҷамъиятиро барҳам зада, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехост. [156, с. 198].

Бояд зикр кард, ки таҳлил ва муқоисаи таърифҳое, ки минбаъд аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба маорифпарварӣ додаанд, ошкор менмоянд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ба ин ду таърифи додашуда монандии зич доранд ва байнашон фарқияти ҷиддиеро мушоҳида кардан номумкин аст.

Аммо донишманди тоҷик Ғ.Ашӯров дар мақолаи худ таҳти номи «Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав» дар бораи маорифпарварӣ ду таърифи илмӣ медиҳад, ки нисбат ба таърифҳои илмии додашуда, аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво мукаммал мебошанд. Мувофиқ ба таърифи аввал, маорифпарварӣ як тарзи тафаккури нав, як ҷараёни хос буда, бар зидди сохти феодалӣ ва институтҳои архаистии он мубориза мебурд. Таърифи дуюм чунин мазмунро дорад, ки маорифпарварӣ маънои тарғиб, паҳн кардани илму дониш, фарҳангро дар байни мардум дошта, ҳадафаш бо ҳар роҳу восита маърифатнок кардани оммаро ифода мекунад [159, с. 10-12].

Воқеан, мувофиқ ба мазмуни таърифи аввал файласуфи тоҷик Ғ.Ашӯров маорифпарварро ба он мутафаккире нисбат медиҳад, ки дар осору амалиёти ӯ тавсифи вазъи умумии ҷамъият тариқи таҳлили илмӣ-фалсафӣ, адабӣ-бадеӣ таҳқиқ ва баррасӣ мегардад. Ба саволҳое посух доданӣ мешавад ва роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеадориеро ҷустуҷӯ менамояд, ки ба рушд ва таҳаввули соҳаҳои ҳаётан муҳимми он мусоидат намоянд. Ба андешаи файласуфи тоҷик мисоли равшани ин гуфта афкор ва амалиёти Аҳмади Дониш шуда метавонад.

Ба андешаи мо на танҳо андеша ва амалиёти Аҳмади Дониш, балки ақида ва барномаи амали ҳамасрон ва шогирдони ӯ, аз қабили Возеҳ, Савдо, Ҳайрат, Аҷзӣ, Асирӣ ва дигарон тасдиқкунандаи андешаи фавқӣ аст.

Аз мазмун ва моҳияти таърифи дуюм бармеояд, ки маорифпарвар он мутафаккире мебошад, ки масъалаи меҳварии барномаи амали ӯро тарғиб, паҳн кардани илму дониш, арзишҳои фарҳангӣ ва бо ҳар роҳу усул маърифатнок кардани мардум ташкил медиҳад. Талошу кушишҳои бевоситаи С.Айнӣ, А.Мунзим, Мирзо Сироҷ гувоҳи ин гуфта мебошанд.

Аз таърифҳои илмии дигар муҳаққиқони тоҷик, аз ҷумла: Б.Ғафуров, А.Баҳоваддинов, З.Раҷабов, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, И.Шарипов, М.Раҷабӣ, Ш.Абдуллоев, Н.Ғаффорӣ, Б.Самиев, ки ба маорифпарварӣ додаанд, метавон хулоса баровард, ки маорифпарварӣ ҳамчун равияи маърифатӣ-фикрӣ, иҷтимоӣ-сиёсиест, ки муқобили мафкураи ҳукмрони замони худ баромада, ҳадафаш тарғибу ташвиқи афкори пешқадамона, навҷӯёна, ташкили давлати бо адл ороста, ки баробарии иҷтимоиро таъмин менамояд ва мардумро ба зиндагии шоиста мерасонад, мебошад.

Дар маҷмуъ, маорифпарварӣ ин равияи фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, маорифпарварон он нафарони тараққихоҳе маҳсуб меёфтанд, ки ҳадафашон ба роҳ мондани омӯзиш ва тарғиби илму дониш, аз ҷумла дар баробари илмҳои динӣ омӯзонидани илмҳои замонавӣ, аз қабили забонҳои хориҷӣ, нуҷум, риёзиёт, ҳандаса ва ғайра, огаҳ гардонидани мардум аз дастовардҳои техникӣ ва бозёфтҳои илмӣ-фарҳангии кишварҳои пешрафта ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Дар тафовут аз барномарезии иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии маорифпарварон муҳаққиқон зиёде равияи мухолифи ин навъи тафаккурро обскурантизм меномиданд, ки маънои муносибати хусуматомезона, душманона доштанро нисбат ба ҳама гуна пешрафт ва навовариҳо ифода менамуд.

Ин навъи тафаккур тамоили регрессивӣ дошт ва пайравони онро, асосан руҳониён, мударрисони мадраса, толибилмон ва шогирдони онҳо ташкил медоданд. Онҳоро ҷиҳати амалӣ кардани ҳадафҳояшон амалдорони идораҳои давлатӣ, ки ниҳоди архаистии идораи давлатиро тағйир додани намехостанд, дастгирӣ ва ҳимоят менамуданд.

Дар маҷмуъ, намояндагони ин равия муқобили идеяҳои созандаи маорифпарварон баромада ба аҳолӣ тарғиби илму маориф, донишандӯзӣ, соҳибкасбшавӣ, ба пешрафт муваффақ гаштан, дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳои худ намуданро раво намедиданд ва бо ҳар роҳ мехостанд барои амалинамоии ҳадафҳояшон монеа эҷод намоянд.

**Нуктаи сеюм:** асоснок кардани заминаҳои асосии пайдоиши равияи маорифпарварӣ, нишон додани умумиятҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Зеро вобаста ба авзоъи умумии ҷамъият ва барномаи амали маорифпарварон дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Миёна фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуд буданд.

Дар асри XVII, дар Аврупо, бавижа дар Германия вобаста ба вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, яъне муносибатҳои дохилии кишвар равияи маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни фарҳангӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ зуҳур кард.

Баъдан ин ҷунбиш дар Франсия ва Англия ташаккул ва таҳаввул ёфт, ки намояндагони барҷастаи он мутафаккирони франсуз, аз ҷумла Дени Дидро, Ж.Ж.Руссо, Голбах, Гелвитсӣ, Ламетрӣ ва мутафаккирони англис Ҷ. Локк, А. Смит ва Д. Юм буданд, ки бо нигоҳи нав, андешаҳои созанда муқобили низоми давлатдории яккаҳоким, афкори схоластикӣ ва архаистӣ, ки ҳукмрони давр буд, баромада, илму маориф ва фарҳанг, тарғиби принсипи адолат ва баробарии иҷтимоиро воситаи асосии раҳоии кишвар аз якаҳукмронии мутлақи шоҳ, озод шудани мардум аз шуури тақлидии динӣ, муносибатҳои архаистии замон шумориданд.

Роҳандозӣ кардани яккаҳокимии мутлақи шоҳ дар низоми давлатдории кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Германия, Франсия ва Англия ба авҷ гирифтани зулму истибдод, нобаробариҳои иҷтимоӣ мусоидат кард, ки дар натиҷа норозигии мардумро ривоҷ дод, нигоҳи рӯшанфикронро тағйир дод ва барои оғоз намудани барномаи амали онҳо шароитро созгор кард.

Масалан, дар Фаронса ин авҷи бӯҳрони феодалӣ дар ниҳоят ба инқилоби бузурги Фаронса (солҳои 1789-1794) оварда расонид. Ба

маорифпарварон шароит фароҳам овард, ки андешаҳои худро ошкоро ва бепардагирӣ баён дошта, камбудиҳои ҷомеаро рӯирост нишон диҳанд. Дар баробари ин роҳ ва усулҳои бартараф кардани ин камбудиҳоро мушаххас карда, барои татбиқ ба масъулон пешниҳод намоянд.

Аз ҷумла, агар Ф.Волтер бо вуҷуди ҷонибдори идеяи монархияи равшанфикрии Аврупо будан масоили нақши калисо ва оштинопазир будани динро бо илм дар мавриди танқиди ошкоро қарор медиҳад. Ш.Л.Монтескё бошад, дар асри худ "Рӯҳи қонунҳо" вазифаҳои давлатрро нисбат ба Ҷ.Локк такмил дода, шохаҳои ҳокимиятро ба қонунбарор, иҷроия ва суд асоснок менамояд. Дар қатори дигар маорифпарварони Аврупо таблиғгари бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар он ба пуррагӣ риоя гарданд, мебошад. Талаб менамуд, ки подшоҳ бояд маърифатпеша, маънавиятгустар, донандаи маҷмуи донишҳо бошад ва аз санъати идоракунии давлат ба куллӣ бохабар, то дар ҷомеа маъруфият пайдо намояд.

Аз ин нигоҳ маҳдуд кардани муносибатҳои феодалӣ, ҷойгоҳи дин ва нақши руҳониён дар ҳаллу баррасии масоили ҷомеадорӣ, тағйир додани шуури динии мардум ва аз мафкураи онҳо озод кардани хурофоту таассуб, боварӣ доштан ба қудрати ақли инсонӣ, иқтидори илм, маориф, тарғиби касбу пеша, ташаккул додани муносибати нави ҷамъиятӣ - сармоядорӣ аз сабабҳои асосии пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ дар Аврупо маҳсуб меёбанд, ки масоили меҳварии таълимоти маорифпарваронро ташкил медоданд.

Ҳамин тавр, пайдоиши маорифпарварӣ дар Аврупо дорои чунин тамоилигириҳо дошт:

1. Вазъи низоми ҷомеадорӣ, ки аз шоҳ то дигар намояндагони ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, махсусан калисо аз муносибатҳои феодалӣ ҳимоят мекарданд ва ҳар гуна дигаргунию навовариҳоро, ки ба рушди ҷамъият ва тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ меоварданд, намепазируфтанд. Аз ҷумла, ба рӯшанфикрон имконият намедоданд, ки беадолатии мақомдорони

идораҳои давлатӣ, таассубу хурофоти рӯҳониёни ташкилотҳои диниро фош карда, усул ва роҳҳои ба пешрафт нойил гардидани ҷомеаро нишон диҳанд. Дар ин росто онҳо бо пешниҳоди афкори пешқадамона барои барҳам хурдани низоми феодалӣ ва архаистӣ шароит муҳайё карда, минбаъд нақши худро дар рушд ёфтани муносибатҳои сармоядорӣ гузоштанд.

2. Бо вуҷуди ривоҷи зулму истибдод, нобаробариҳои иҷтимоӣ, рушди таассубу хурофот, таҳдиду монеаҳо маорифпарварони аврупоӣ кушиш мекарданд, ки дар бораи низоми давлатдорӣ, роҳҳо ва усулҳои рушди соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ, таъмини адолат ва баробарии иҷтимоӣ асарҳои илмӣ навишта, тадқиқотҳои бунёдӣ анҷом диҳанд, то мардум аз мутолиаи онҳо дараҷаи маърифатнокии худро ташаккул дода, муборизи роҳи озодӣ, ҳимоятгари ҳуқуқ ва озодиҳои худ гарданд. Мисоли равшани он таҳияи асарҳои энсиклопедӣ дар бахши илм, санъат, ҳунар ва ғайра, ки аз ҷониби мутафаккирони аврупоӣ таҳия гардиданд, мебошад.

3. Тарғиби илму дониш, касбу ҳунар, тарбияи мутахассисони соҳавӣ, таҳияи асарҳои бунёдӣ аз ҷониби маорифпарварон дар кишварҳои Аврупо ба рӯҳияи мардум таккони ҷиддӣ бахшид. Сатҳи маърифатнокии оммаро баланд бардошт, имкониятҳоро ба рушди низоми шаҳрдорӣ, фарҳанги муошират, эҳтиром ва қадр кардани шаъну шарафи инсон ва ғайра овард.

Дар Россия равияи маорифпарварӣ дар асри XVIII пайдо шуд. Намояндагони барҷастаи равияи маорифпарварӣ дар Россия Ф.Прокопович, А.Кантемир, М.Ломоносов, А.Радишев, Н.Добролюбов, В.Белинский, Н.Чернишевский, А.Гертсен ва дигарон буданд.

Бо вуҷуди он ки байни хусусиятгириҳои пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Аврупо ва Россия умумиятҳо зиёданд, тафовутҳо низ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла барномаи амали маорифпарварони чӣ Аврупо ва чӣ Россия бар зидди муносибатҳои феодалӣ, ки зулму истибдод ва нобаробариҳои иҷтимоиро дар ҷомеа ривоҷ дод, институтҳои архаистӣ, дар симои калисо, ки байни илм ва дин муносибати оштинопазирро ба вуҷуд овард, равона шуда буд. Фарқият дар он ба назар мерасид, ки шароити

иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои Аврупо аз Россия тафовут доштанд.

Барои тасдиқи ин гуфта, ин ҷо зикри нуктаи назари Г.В.Плеханов, ки хусусиятгириҳои пайдоиши равияи маорифпарварӣ дар Франсия ва Германияро бо маорифпарварӣ дар Россия муқоиса мекунад, мувофиқ мешуморем. Ба ақидаи ӯ: “он барномае, ки ҳамаи маорифпарварони кишварҳои гуногун барои худ танзим карда буданд, якранг аст, вале дар ҳар як кишвар вобаста ба шароити таърихӣ, иҷтимоию сиёсӣ ифодаи мушаххаси он фарқ мекард”.

Дар маҷмуъ, равияи маорифпарварӣ дар Россия бо анъанаҳои миллӣ, вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ аз мамолики Аврупо фарқ карда, ҳадафи асосии маорифпарварон мубориза ба муқобили ҳуқуқи крепостноӣ ва зулму истибдоде, ки аз ҷониби крепостнойҳо нисбат ба омма раво дида мешуд, мебошад.

Аз ин рӯ, кушиши маорифпарварони Россия ҷиҳати амалӣ кардани ин ҳадафи худ бесамар намебошад, балки дар солҳои 60-уми асри XIX барои барҳам додани ҳуқуқи крепостноӣ ва инкишоф додани муносибатҳои сармоядорӣ таъсири амиқ гузоштанд.

Дар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла Осиёи Миёна ҷунбиши маорифпарварӣ дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шуд, ки бо хусусиятгириҳояш аз афкори маорифпарварии кишварҳои Аврупо ва Россия тафовут дошт. Фарқияти куллӣ ин аст, ки равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ба мисли кишварҳои Аврупо на танҳо тамоили зиддифеодалӣ, зиддиархаистӣ, балки зиддимустамликавӣ низ дошт.

Ҳамин тавр, равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна худ ба худ, бе ягон заминаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пайдо нашудааст. Агар заминаҳои пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарвариро дар Осиёи Миёна таҳқиқ кунем, онҳоро метавон ба таври зайл мушаххас намуд:

1) авзоъи мураккаб ва печидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии аморати Бухоро, ки дар натиҷаи рушди муносибатҳои феодалӣ

ва низоми мустамликадорӣ ба як кишвари ақибмонда ва истибдодӣ табдил ёфта буд;

2) анъанаҳои бои таърихӣ ва фарҳанги ғании гуманистии тоҷикон.

3) сафарҳои равшанфикрони тоҷик ба кишварҳои пешрафтаи Аврупо, аз ҷумла Россия, ки дар рӯҳияи онҳо ҳисси озодфикрӣ ва ислоҳталабиро ба вуҷуд овард;

4) огоҳ шудани маорифпарварони тоҷик аз мақолаҳои дар рӯзномаву маҷаллаҳо чопкарда, китобҳои тозанашри ҳамфикронашон дар дигар кишварҳои Шарқ ва ғайра.

Масалан, Аҳмади Дониш дар осори худ, аз ҷумла дар китобчаи таърихӣ, ки бо номи “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития” маъруф аст, ба таври муфассал хонандаро бо вазъи воқеии ҷомеа феодалии Аморати Бухоро шинос мегардонад. Аз ҷумла, маорифпарвар сиёсати давлатдории амир Дониёл, ки аз он давра оташи илму маърифат дар Аморати Бухоро ба хомӯш шудан шурӯъ намуд ва решаи зулму истибдод, ки беш аз қарнҳои пешин ривоҷ ёфт ва ҳамаи онҳо барои дур аз тамаддуни ҷаҳони мондани Аморати Бухоро оварда расониданд, мавриди танқидки ошкоро қарор медиҳад. [26, с. 8-9]

Баъдан маорифпарвар назму насақи давлатдорӣ, шеваи раиятпарварии дигар амирони ин хонадон: Шоҳмурод, амир Ҳусейн, амир Ҳусайн, амир Насрулло, амир Музаффар ва амир Абдулаҳадро ба риштаи тасвир кашида, ҳама амалу рафторашонро беҳарос ошкор менамояд. Дар охир ба хулоса меояд, ки аз ин назму насақи давлатдории тарбиятдидагони мактаби чингизӣ ба ҷуз зулму истибдод, қонеъ кардани нафси ҳайвонӣ чизи дигареро умед кардан ногузир аст. Мафкураи онҳо танг, маърифаташон паст, аз санъати идоракунии давлат, ки таъмини принсипи адолат ва риояи баробарии иҷтимоиро тақозо дорад, маълумоте надоранд. Ба ҷуз қатл, куштор, дӯздӣ, фисқ ва фасод.

Маорифпарвар бо ҳамаи талошҳои худ, ки дар низоми давлатдории манғитиён ислоҳотеро ҷорӣ карда наметавонад, андешаҳои худро дар анҷоми

рисола ҷамъбаст намуда, барои насли оянда иттилоъ медиҳад, ки ояндагон хоҳанд дид, он молу сарвате, ки амирону амалдорони дарбори сиёсӣ ба тариқи зулму шиканҷа аз мардум ҷамъ карданд ба манифаташон масраф нагашта, ғанимати аҷнабиён мегардад ва он амалдорони нолоиқ сари худро ба дор хоҳанд супорид. [26, с. 96]

Бо вуҷуди ин, аз ҷониби Аҳмади Дониш рӯирост ошкор кардани камбудиҳои ҷойдоштаи низоми давлатдории амирони манғития дар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷамъиятӣ, ки ифшои шароити номусоиди ҷамъияти феодалии дар ҳоли таназзул буда мебошад ва дар баробари ин пешниҳод кардани роҳу усулҳои ақлонии низоми давлатдорӣ, таҳлили илмии масоили ҷомеадорӣ боис бар он гардид, ки ӯ ҷунбиши маорифпарвариро дар кишвар асос гузорад ва бо роҳбарии худ як мактаби бузурги тамоили прогрессивидоштаро таъсис диҳад. Аз ин мавқеъ шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро барои пайдоиши маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна яке аз заминаҳои муҳим ва асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Нуктаи чаҳорум:** такя кардан ба анъанаҳои бои таърихӣ ва фарҳанги ғании гуманистии гузаштагон ҳақиқатан заминаи чаҳоруми ташаккул ва рушди афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Ин нуктаро бо он далел метавон тасдиқ кард, ки чӣ Аҳмади Дониш ва чӣ ҳамасрон, шогирдони мактаби ӯ: Возеҳ, Савдо, Шоҳин, Ҳайрат, Аҷзӣ, Асирӣ, Мирзо Сироҷ, Мунзим, Айнӣ ва дигарон аз осори классикон ба пуррагӣ воқиф буданд ва дар ташаккули афкори маорифпарваронаи онҳо андешаҳои ақлонӣ ва илмии онҳо нақши муассир гузоштааст. Чунки дар ҳаллу баррасии масоили мухталифи ҷомеадорӣ маорифпарварон ба осори гузаштагони худ такя карда, барои тасдиқи фикри худ аз онҳо мисолҳо меоранд.

Чӣ тавре дар ин маврид донишманди тоҷик Ғ.Ашӯров барҳақ қайд мекунад: "Афкори пешқадаме, ки дар осори Биноӣ, Восифӣ, Сайидои Насафӣ, Бедил акс ёфта буд, идеологияи табақаҳои миёнаи шаҳрҳои Ҳирот, Бухоро, Самарқанд, ки рӯҳияи зидди туркони шайбонӣ дошт ба Аҳмади Дониш ва паравони вай таъсир расонида буд". [159, с. 16]

Ниҳоят, мавзуи мазкур бисёр доманадор аст ва дар як сархат ва ё рисола ҳаматарафа таҳқиқ кардани он ногузир аст. Аз ин рӯ, минбаъд сайъ менамоем доир ба ин ҷанбаи мавзуъ таҳқиқоти алоҳидаеро анҷом диҳем.

**Нуктаи панҷум:** маорифпарварони тоҷик, асосан тавассути сафарҳо ва боздид аз кишварҳои Аврупо, Россия ва Шарқ ба авзоъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, афкори ҷамъиятии кишварҳо шинос шудаанд. Бинобар ин, таъсири сафарҳои равшанфикрони тоҷик ба кишварҳои пешрафта барои ташаккули афкори маорифпарваронаи онҳо нақши муҳим гузоштанд.

Махсусан, Аҳмади Дониш тӯли сафарҳои секаратаи худ ба Россия аз вазъи афкори ҷамъиятии мардум рус, дастовардҳои илмиву фарҳангии ин кишвар шиносоӣ пайдо карда дар тафаккури худ як таҳаввулоти ҷиддиро ба вуҷуд овард. Ё худ Сиддиқии Аҷзӣ ва Асирӣ, ки аз дастовардҳои илмию фарҳангӣ, пешравиҳои кишвари Россия огоҳӣ доштанд як маншаи ташаккули афкори маорифпарварии худро маҳз ин замина меҳисобанд.

Ҳайрат низ дар зери таъсири ақидаҳои маорифпарваронаи устоди худ Аҳмади Дониш уламои мансабхоху ҳисрҷӯро мавриди танқиди ошкорои худ қарор дода, ташвиқи касбу ҳунаромӯзӣ, омӯзиши илмҳои дунявӣ ва истифода бурдани арзишҳои фарҳангии инсониятро барои мардуми аморати Бухоро муҳим мешуморад, бар замми ин мардумро барои бо маданияти пешрафтаи рус такя кардан, даъват мекунонад.

Маорифпарвари дигар, Сиддиқии Аҷзӣ бошад, дар асари "Миръоти ибрат"-и худ ба тариқи назм вазъи раванди таълим ва барномаҳои таълимиро дар мадориси Бухоро мавриди танқид қарор дода, онро тариқи назм ба таври зайл тасвир менамояд:

Дар он дорулфунунҳои мунаққаш,
Имороти баланду бобу дилкаш.
Чӣ мехонанд, медонӣ, бикун гӯш,
Шунав бо гӯшу маҳкам гир бо ҳӯш.

Ба наҳву сарф умре сарф созанд,

Ва рӯзе як сабақ гиранд бозанд.

Бувад ҳар рӯзашон як ҷумла таҳсил,

Ки дар ҳар ҳафта се рӯз аст таътил... [16, с. 434-435]

Маорифпарвари воқеъбини дигари тоҷик Мирзо Сироҷи Ҳаким, баъди ҷамъбасти натиҷаи сафарҳо дар китоби худ “Туҳафи аҳли Бухоро” ва мақолаҳои ҷудогонааш мардуми кишвари худро ба омӯзиши илмҳои замонавӣ, азбар кардани касбу ҳунар даъват мекунад. Таъкид менамояд, ки барои маърифатнок шудани аҳолӣ, ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии онҳо бояд масъалаҳои таълими дуруст, таълими пайваста, омӯзиши забонҳо, мутолиаи доимии рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, ки дар кишварҳои пешрафта тавсия дода мешаванд, ба роҳ монда шаванд. Хусусан, қайд мекунад, ки «Дар мактабҳо ҳама фанҳо: тоҷикӣ, рассомӣ, русӣ, арабӣ, арифметика ва ҷуғрофия бояд аз ҷониби мутахассисон омӯзонида шаванд, муаллим бояд мавзуи худро донад». [91]

Мирзо Сироҷ дар тӯли умри худ сафарҳои зиёде ба кишварҳои Аврупо ва Шарқ кардааст. Зимни боздид аз дастовардҳо, комёбиҳои дар соҳаҳои гуногун ба даст овардаи кишварҳо шинос мешавад, дар баробари ин, камбудиҳое, ки дар мамолики гуногуни Шарқ ба мушоҳидааш расидаанд дар навиштаҳояш ошкоро инъикос медорад. Аз ҷумла, зимни боздид аз мактабҳои шаҳри Берлин қайд мекунад, ки ҷуғрофия ҳамчун як фанни мустақил аз ҷониби муаллиме, ки ин касбро соҳиб аст, таълим дода мешуд. Яъне ҳар як фан ё ихтисос муаллими алоҳида ва соҳавии худро бояд дошта бошад. Одамони соҳибкасбу соҳибҳунар сабаби пешрафти ҳар ҷомеа буда, барои некуаҳволии мардум, рушди фарҳанги иқтисодӣ саҳми бузург гузошта метавонанд.

Инчунин, Мирзо Сироҷ донистани забонҳои хориҷиро барои рушди тиҷорат ва саноат зарур мешуморад. Аз бардошти сафарҳо ва мушоҳидаҳо маорифпарвар муътақид мешавад, ки бе надонистани забонҳо, тиҷорат ва саноати мо ба ҳеҷ ваҷҳ рушд карда наметавонанд.

Имрӯз низ ин таъкиди Мирзо Сироҷ арзиши илмии худро гум накардааст, аз актуалӣ будани худ далолат мекунад. Ба он хотир, ки имрӯз як воситаи муҳим ва асосии муаррифии арзишҳои фарҳангии миллатҳо дар сатҳи байналмилалӣ, рушд додани соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакатҳо аз мутахассисони забондон вобастагӣ дорад.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон такрор ба такрор таъкид кардани масъалаи мазкур, хусусан азбар кардани ду забони хориҷӣ аз ҷониби мутахассисони ҷавони кишвар далолат аз он мекунад, ки дар давраи бархурди фарҳангҳо, ҷаҳонишавии арзишҳо ҳифзкунанда ва муаррификунандаи арзишҳои фарҳангии миллат дар арсаи байналмилалӣ маҳз мутахассисони забондон буда метавонанд.

Ё ин ки маорифпарвари тоҷик дар баробари тасвир намудани театрҳои кишварҳои аврупоӣ ба хулосае меояд, ки тамошои як спектакл ё иштирок кардан дар як намоиши театрӣ ба хондани як асари бадеӣ баробар аст.

Ӯ баъди шиносоӣ бо дастовардҳои кишварҳои Аврупо бо ҳасрат умед мебандад, ки дар ватанаш - Аморати Бухоро театрҳо, китобхонаҳо, толорҳои фарҳангӣ, коххои консертӣ бино карда шаванд, то онҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии мардум, рушди ҷомеа мусоидат намоянд. Ӯ, махсусан баъди боздиди осорхонаҳои мамолики Аврупо ба хулоса меояд, ки воқеан осорхона таърихи зиндаи ҳар як халқ, ёдгории арзишманди ҳар як шаҳр барои наслҳои ояндаи он мебошад.

Азбаски маорифпарвар аз илми тибб огоҳӣ дошт ва худ ба ташхис ва табобат беморон машғул мегашт, тибро соҳаи ҳаётан муҳими низоми ҷомеадорӣ мешуморад. Чунки маҳз табиб барқароркунандаи саломатии инсон ва солим нигоҳдорандаи аҳли ҷомеа аст. Дар робита бо ин тайи сафарҳо ӯ ба рушди ин соҳа таваҷҷуҳи зарурӣ медиҳад.

Масалан, зимни боздид аз шаҳри Тиблисӣ осоишгоҳ, чашмаҳои маъданӣ ва шифобахши ин шаҳр диққати ӯро ба худ ҷалб мекунад. Дар ин маврид мушоҳидаҳояшро чунин тасвир менамояд: «Дар кӯҳистонҳои он ҷо обҳои чашма фаровон. Аксари онҳо дорои хавосси тиббӣ аст. Шурби онҳо ҳам гуворо, хусусан ҷиҳати суъиҳазм ва ҳуссоти куллия ва амрози масона ва кабад (ҷигар) манфиат дорад. Ва баъзе аз онҳо, ки қобили шурб намебошад, истиҳмоми онҳо ҷиҳати никрису амрози ҷилдӣ муфид аст». [91, с.30]

Ҳадафи маорифпарвар аз сафарҳо дар кишварҳои пешрафта боздиди на танҳо дастоварду зебогиҳои шаҳру деҳот, осорхонаву театрҳо, китобхонаю бемористонҳо буд, балки ӯ аз як тараф, талош меварзид, ки ин бозёфтҳоро, ки аз ранҷи дасти инсонҳо офарида шудаанд ба мардуми Бухоро нишон диҳад, аз тарафи дигар, мехост, ки ҳукматдорони кишвар дар пайи ободӣ ва рушди ҷомеаи худ шаванд. Зеро ки дар Осиёи Миёна, махсусан аморати Бухоро обҳои фаровон, чашмаҳои шифобахш, имкониятҳои бунёди театру китобхона ва бемористонҳо мавҷуд мебошад. Танҳо нерӯи ақлоние зарур аст, ки ин боигариҳоро ба манфиати мардум ва рушди ҷомеа истифода барад.

**Нуктаи шашум:** ҳамзамон, огоҳ шудани маорифпарварони тоҷик аз мақолаҳои дар рӯзномаву маҷаллаҳо чопкарда, китобҳои тозанашри ҳамфикронашон дар дигар кишварҳои Шарқ ва ғайра заминаи шашуми рушди афкори маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна гаштааст, ки дар ин бора

таҳқиқотҳои алоҳида анҷом ёфта, арзиши ин ибтикор ба таври зарурӣ равшан гардонида шудааст.

Умуман, дар хулосаи зерфасл месазад қайд кард, ки воқеан, пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна як падидаи муҳим дар ҳаёти ҷамъиятии мардумони ин минтақа ба ҳисоб мерафт. То оғози солҳои инқилоб (1917-1920) он на танҳо хусусияти зидди феодалӣ, балки зиддимустамликавӣ дошт.

Аз ин ҷиҳат маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна бо тамоилгириҳои худ аз маорифпарварӣ дар Аврупо ва Россия фарқ мекард ва бештар ба "ҷунбишҳое, ки дар Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва дигар мамолики Шарқ ҷой доштанд, қаробат мекард. Чунки ин мамлакатҳои номбурда бо каме фарқият аз якдигар статуси сиёсиашон – статуси мустамлика буд ва ин вазъияти онҳо, дар ҷунбишҳои ғоявие, ки дар ин мамолик рух медоданд, акс меёфт. Инро мо дар мисоли аморати Бухоро ба хубӣ пай бурда метавонем". [159, с. 14-15]

Ниҳоят, маорифпарварӣ ин мафкураи сиёсию фарҳангӣ, ки муқобили тарзи муносибатҳои ҷомеаи феодалӣ баромад карда, таблиғи илм ва маърифатро дар маркази таълимоти худ қарор додааст, фаҳмида мешавад. Аз ин лиҳоз баҳри бедории миллӣ ва худшиносии омма, инчунин роҳҳои ҷуста баромадани ҳалли нобаробариҳои иҷтимоӣ, идеали пешгирифтаи маорифпарварон ва ислоҳотхоҳон ҳамоҳанг мебошад. Ин аст, ки ҳар ду ҳаракат дар Шарқ дар давраи гузариш аз ҷомеаи феодалӣ ба ҷомеаи сармоядорӣ ва дастгирӣ кардани муносибатҳои капиталистию тарзи истеҳсолоти он пайдо шудаанд.

Аҳаммияти асосии ин ду ҳаракат мубориза рӯирост ва ошкоро бурдан бар зидди мустамликадорон буда, баҳри озод шудани мардуми кишвар аз зулму таҳдиди мустамликадорон ва феодалони маҳаллӣ тарғиб ва ташвиқи арзишҳои гузаштаи мардуми худро талаб менамуданд. Ҳамчунин мисли ҳаракати маорифпарварӣ яке аз шартҳои пайдоиши ҳаракати ислоҳ кӯшиши ҷуста баромадани роҳҳои беҳтари сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии кишвар дар асоси такя ба анъана ва

бозёфтҳои пурарзиши гузаштагон буд. Баъд аз он ки мардум зулму шиканҷаи мустамликадориро ҳис намуд, сонияи раҳойии худро аз ин вазъ дар озодӣ, омӯзиши илму дониш ва дифоъ аз ҳуқуқҳои худ мебинад.

Новобаста аз таъкидҳои фавқӣ ин ҷо чанд далели зикршуда нишон медиҳанд, ки идеали сиёсӣ ва манбаҳои пайдоиши ин ду ҳаракат ба ҳам монанд буда, яке бе дигаре имкони ташаккул ёфтанро надошт. Вале бо вуҷуди ҳамоҳангӣ ва наздикии ақидаҳо байни ҳаракати маорифпарварӣ ва ислоҳотхохи тафовут вуҷуд дошт. Ин ҳам бошад, меҳвари ҳаракати ислоҳро боварӣ ба қувваи эҳёбахши дин, аммо меҳвари равияи маорифпарвариро нерӯи созандаи ақл, илм, маърифат ташкил медод.

Бо нишон додани ин фарқият на бояд ба хулоса омад, ки ҷараёни ислоҳотхоҳи идеали сиёсии маорифпарвариро инкор мекард. Ҳарчанд меҳвари ҳаракати ислоҳро боварӣ ба қувваи эҳёбахши дин ташкил медод, вале дар навбати худ он нақши илм, маърифат ва ақлро дар роҳи барқароргардонии кишвар ва худогоҳии мардум инкор намекунад, ҳамчунин нақши илм, маърифат ва ақлро дар раванди инкишофи ҷомеа побанди дин намегардонад. Аз тарафи дигар, равияи маорифпарварӣ робитаи баййни илм, маърифат ва ақлро бо дин ва боварӣ ба нерӯи динӣ инкор накарда, ягон мухолифате байнашон намегузорад.

Фарқияти дигари байни равияи маорифпарварӣ аз ислоҳотхоҳиро мебояд дар он ҷуст, ки маорифпарварон бештар ба масоили ислоҳи дастгоҳи сиёсии идораи давлатӣ, беҳтар ба роҳ мондани усулҳои нави соҳаҳои иқтисодӣ ва фарҳанги кишвар, маърифатнок кардани тамоми мардум, таваҷҷуҳи зиёде медоданд. Аммо ислоҳотхоҳон ислоҳи шуури динии тамоми мардумро асоси инкишофи ҷомеа ва роҳи беҳтар гардонидани соҳаҳои ҳаётбахши он ҳисоб мекарданд.

Аз ин мавқеъ, маълум метавон кард, ки ҳаракати ислоҳотхоҳи ҳамчун як ҳаракати зидди муносибатҳои архаистӣ ва тарзи ҷомеадории феодалӣ ҳанӯз дар Миср ва дигар давлатҳои Араб пайдо шудааст. Баъдан дар дигар кишварҳои Шарқи мусулмонӣ густариш ёфт. Дар ин давра дар Аморати Бухоро, ки бар ивази ислом «исломи амирӣ»,

«исломи мулло ва подшоҳон» тамоми соҳаҳои идораи давлатиро ба души худ дошт, роҷеъ ба ислоҳ ва идеали сиёсии намояндагони он ягон маълумоте набуд. Танҳо оид ба ин ҷанбаи мавзуъ донишмандони тоҷик С.Айнӣ, А.Баҳоваддинов ва баъдан М.Раҷабӣ, Ш.Абдуллоев дар корҳои таҳқиқотии худ маълумоти мукаммал додаанд.

Бояд гуфт, ки ҳаракати ислоҳ дар Осиёи Миёна худ аз худ бе ягон таъсири авзоъи сиёсию фарҳангӣ пайдо нашудааст. Нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Миёна ин ҳаракат дар зери таъсири давлатҳои Туркияву Эрон ва мамолики арабу мустамликадорони Россияи подшоҳӣ падид омад. Аввалин ислоҳотхоҳоне, ки алайҳи муносибатҳои феодалӣ баромада талаби ворид кардани ислохро дар структураи давлатии Аморати Бухоро мекунанд Абунасри Курсавӣ ва Мулло Шаҳобиддин маълум ба Марҷонӣ буданд.

Абунасри Курсавӣ, ки аввалин муслеҳи ислом дар Аморати Бухоро ва тамоми Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт, аз сабаби он ки ба нофаҳмиҳо дучор омад, бинобар ин, талабу ташвиқоти пешгирифтаи ӯ дар байни мардум эътиборе пайдо накарданд. Вале тавсияву пешниҳодҳои ӯ тавонистанд то андозае таконе дар низоми муносибатҳои феодалӣ ворид намоянд.

Мулло Шаҳобиддини ибни Баҳоваддин (Марҷонӣ), ки яке аз амалдорони дин буд, бо ақидаҳои пешқадамонаи худ қайд намуд, ки усули кӯҳнаи зулму таҳдид ва беадолатӣ нисбати халқ ба манфиати ислом дигар фоидабахш нест. Бинобар ин, ӯ роҳи озодии мардумро аз зулму таҳдиди феодалон ва мустамликадорон дар таблиғи илм, ривоҷи соҳаи маориф, тарзи дунявии тарбияву таълим мебинад ва вобаста ба авзоъи сиёсии Аморати Бухоро мардумро ба ҳамин руҳия тарбия карданӣ мешавад.

Марҷонӣ талаби ислоҳи исломро карда, ҳамчун намояндаи барҷаста ва таблиғгари усули дунявии омӯзиши илм ва озодии ақидаю сухан баромад мекунад. Барномарезии ӯ чунин буд:

1. Дар ҳамаи саволҳои динӣ ҳар як шахс бояд мувофиқи қобилият ва дарки худ аз китоби «Қуръон» ҷавобе ҷӯяд.

2. Ба тарзи маҷбурӣ тобеи худ кардани ҳуқуқи шахси дигарро барҳам бояд дод.

3. Аз таълими мадраса он фанҳое, ки ба толибилмон саводи комиле намедиҳанд, бардошта шавад.

4. Дар мадраса бояд таълими «Қуръон» ҳадисҳои пайғамбарро роҷеъ ба таърихи ислом мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

5. Дар мадраса бояд дар қатори илмҳои динӣ илмҳои дунявӣ ва забони русӣ омӯзонида шавад.

6. Бояд мардуми мусулмонро ба омӯзиши арзишҳои фарҳангӣ исломӣ ва ҷаҳонӣ сафарбар намуд.

Ин талабҳои нақшаи тартибдодаи Марҷонӣ дар он шароити ногувори иҷтимоию сиёсӣ Аморати Бухоро як қадами пеш ба сӯйи расидан ба дарки худшиносӣ буд.

Ин ҷо бояд ба ҳамин нукта бештар таваҷуҳ дод, ки ақидаҳои аз ҷониби Абунасри Курсавӣ ва Марҷонӣ баррасишуда дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мардуми тоҷик як падидаи нав набуданд. Зеро то ин давра донишмандони шинохтаи тоҷик ба мисли Абунасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Насириддин Тусӣ, Алии Ҳамадонӣ ва боз чандин мутафаккирони дигар роҳҳои ба танзим даровардани ҷомеа ва усулҳои барқароргардии онро дар таблиғи омӯзиши илмҳои дунявӣ дида, дар доираи он осори зиёде таълиф кардаанд. Баррасии ин мавзуъ низ бори дигар собит мекунад, ки ҳаракати ислоҳ дар асоси омӯзиш ва истифодаи арзишҳои классикон падид омада, омили асосии бедории миллӣ, худогоҳиро дар ташвиқи анъанаи гузаштагон нишон додааст.

Ниҳоят, давраи мустамликавӣ ва воридшавии тарзи истеҳсолоти сармоядорӣ дар кишварҳои Шарқ, алалхусус дар Аморати Бухоро, агар аз як тараф, боиси то андозае тараққӣ кардани соҳаи иқтисодии кишвар гардида бошад, аз сӯйи дигар, дар шуури динии худи маорифпарварон бе таъсир намонд. Чӣ тавре аз асарҳои мутафаккирон маълум мегардад,

вобаста ба авзоъи сиёсӣ бар ивази масоили сабр, қисмат, орзӯ, боварӣ ба Худо ва хушбахтии худ, ба ҳалли масъалаҳои дигар, аз қабили масоили беҳтар кардани соҳаҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, роҳҳои идора ва обод кардани он ва ғайраро гузоштаанд. Мутаассифона, ҷорӣ ва риоя кардани ин гуна навовариҳо дар шароити сиёсии нимаи асри XIX - и Аморати Бухоро, ки дар он давра рӯҳониёни мутаассиб тамоми идораи давлатиро ба уҳда доштанд, мушкил буд. Аз ин хотир, рӯшанфикрон роҳи халоси аз ин авзоъро дар такя намудан ба исломи муҳаммадӣ дида, талаби ислоҳи исломро ба пеш гузоштанд. Чӣ тавре Ш.Абдуллоев менигорад: дар ягон асари маорифпарварон мо ба танқиди рӯирости дин дучор намоем. Танқиди рӯҳониён мутаассибу манфиатпеша ва амали онҳо ин танқиди дин нест. [4, с. 71

Агар ин ақидаро аз ҷиҳати илмӣ таҳлил кунем маълум мешавад, ки маорифпарварони тоҷик нигоҳи худро на аз танқиди дин баён карданд, балки бо танқиди сохтори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии кишвар ва дигар нобаробариҳои иҷтимоӣ, ба танқиди ақидаҳои таассубангез ва хурофотии рӯҳониён, ки аз номи ислом баромад менамуданд, гузаштаанд. Маводро оид ба тасдиқи ин гуфта аз мутолиаи асарҳои Аҳмади Дониш, Фитрат, Аҷзӣ, Мирзо Азими Сомӣ ва дигарон метавон ба даст овард.

Хусусан, дурустии ин далел дар асари Аҳмади Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» инъикоси худро ёфтааст. Дар ин рисола Аҳмади Дониш рӯирост ва ошкоро авзоъи сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангии Аморати Бухоро ва тарзи давлатдории амирони манғитияро, ки худро «фиристонидагони Худо дар рӯйи замин» меҳисобиданд, ба зери танқид гирифта, талаби ислоҳи исломро дар ин сарзамин мекунад.

Дар асарҳои маорифпарварони дигари тоҷик низ ақидаҳои озодфикрона аз танқиди дин оғоз нашудааст. Онҳо рӯйирост костагиҳои тарзи давлатдории амирони манғития ва авзоъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии замони худро фош карда, сипас сабаби асоси

пастравӣ ва бемаърифатии шоҳу амалдорон, мардумро аз нафаҳмидан ва риоя накардани аркони асли дин медонад. Махсусан, А.Муҳиддинов мазмун ва мундариҷаи асари Фитрат «Давраи ҳукмронии Амир Олимхон» - ро таҳқиқ карда, менависад, ки «Уламои дин ин тарзи идораи давлатиро мутобиқ ба шариат», бар фармудаи Худо ва пайғамбар дониста, тамоми мардумро ба он маҷбур мекарданд, ки амали подшоҳро рад накунад, вале, касе, ки аз фармудаи подшоҳ саркашӣ мекард онро гунаҳкор ҳисобида, ба зери зулму таҳдид гирифтор менамуданд. [143, с.4]

## 1.2. Шарҳи ҳол ва манбаъҳои идеявии ташаккулёбӣ ва таҳаввули ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш

Аҳмади Дониш - файласуф, маорифпарвар, ҷомеашиноси шинохтаи асри XIX-и тоҷик мебошад. Зиндагиномаи ӯ равшанкунандаи як саҳифаи таърихи мардуми тоҷик мебошад, зеро дар ҳар як марҳалаи он тағйиротҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XIX-и Осиёи Миёна баръало инъикос меёбанд.

Мутафаккир аз овони кӯдакӣ қобилияти вижа дар таҳсил нишон дод, ки ин истеъдоди хосса ба ӯ имкон дод то маълумоти амиқ гирифта, яке аз андешамандони муваффақи замони худ гардад. Фаъолияти ӯ гуногунҷабҳа мебошад: ӯ на танҳо файласуф, балки астроном, математик, таърихнигор ва шоир низ буд.

Асарҳои ӯ доираи васеи мавзуъҳоро фаро мегиранд, аз метафизика ва этика то назарияи сиёсӣ ва илмҳои табиӣ. Ӯ на танҳо ба ҳифзи мероси фарҳангӣ талош мекард, балки бо диди тоза ба онҳо аҳамият дода, онҳоро мехост ба воқеиятҳои нав мутобиқ гардонад. Дар осори худ Аҳмади Дониш сохторҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро аз ҷанбаи интиқодӣ таҳлил карда, барои ислоҳот ва рушди маориф талош мекард, ки ин андешаҳо нигоҳи ӯро актуалӣ ва инъикоскунандаи талаботи замон мегардониданд.

Оид ба зиндагинома ва фаъолияти гуногунҷанба, осори таълифкардаи Аҳмади Дониш муҳаққиқони зиёде дар асарҳои худ маълумоти дақиқ

додаанд. Аммо омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аввалин маълумотро дар бораи зиндагиномаи худ, маҳз Аҳмади Дониш додааст. Ӯ дар пешгуфтори китоби «Наводир-ул-вақоеъ» чунин навиштааст: «...бандаи «заиф-ал-муфтақиру ило афви раббиҳи-л-борӣ» - Аҳмад ибн-ан-Носир ас-Сиддиқӣ [ал-хифо] ал-Бухороӣ, ки ба тақозои фитрат ва муқтазои ҷибиллат ҳам аз сиғари синн, ки чашмаи ман ба ҷаҳони фарох боз шуд, руҷӯъ ба завоиду фавозил, ки абнои ҷинсро тарози ҷома ва зеби амома (салла, дастор) аст, аз татаббӯъ (аз пайи чизе рафтан, бо талошу кӯшиш ба талаби чизе рафтан; ҷустуҷӯ кардан)-и имлою иншо ва хома оварда, баъд аз эҳрози фазоили муктасабӣ ва резачинии мондаи арбоби дониш моводи бисёр ва никоту ишорот, ки хулоса ва натиҷаи масоили илмия аст, дар хазинаи мударикаам ҷамъ омада буд». [24, с. 20-21]

Аммо ин маълумот нокифоя буда, аз он дар бораи рӯз ва соли таваллуди маорифпарвар иттилоъе ба даст овардан ногузир аст. Дар анҷоми асари «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» бошад, маорифпарвар ному насаби пурраи худро ба шакли зайл: Аҳмад ибни-ан-Носир-ул-Ҳанафӣ Ас-Сиддиқи Ал-Бухороӣ [24, с. 213] зикр медорад.

Дар фасли дигари китоби мазкур низ чунин иттилоъ медиҳад, ки «Бидонед, ки ҷадд (бобо)-и шуморо ба ҷуз аз ман фарзанде набудааст ва он ҷӣ буда пеш аз ман ва баъд аз ман гузашта». [25, с. 26]

Дар ҷойи дигари ин фасл дар бораи давраҳои аввали ба таҳсил фаро гирифтани худ иттилоъ дода, чунин ишора мекунад, ки «Ва пеш аз он ки маро ба дабиристон барои таълиму тааллум (илмомӯзӣ, омӯзиш, таҳсили илм, ёд гирифтан) ниҳанд, дар хона ба ҳузури атфол пеши модар ба муоламаи абҷад ва тахтаи лавҳ вуқуфе ба хат ва хондани он ва гоҳе мавзун сохтани калом ба қофия, бе он ки ӯро маъние бошад, бинобар истеъдоди фитрӣ ба ҳосил будааст». [25, с. 27]

Ба маълумоти С.Айнӣ «Аҳмад ибни Носири Сиддиқии Бухороӣ, ки дар таърихи илму маърифати тоҷик бо Аҳмади Дониш ё худ Аҳмади Калла маъруф мебошад, дар соли 1827 дар Бухоро таваллуд ёфтааст». [9, с. 29-41]

Олими дигари тоҷик Р.Ҳодизода низ андешаи С.Айниро ба пуррагӣ ҷонибдорӣ карда, вале нисбат ба муҳаққиқон дигар дар муаррифинамои зиндагинома ва таҳлили афкори иҷтимоӣ-сиёсии ин шахсияти таърихӣ маълумотҳои саҳеҳ медиҳад, ки ба таври возеҳ дар китоби ӯ бо номи "Аҳмади Дониш" инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тавр, аз андешаҳои фавқуззикр ва дигар сарчашмаҳои илмии мавҷудбуда маълум мегардад, ки Аҳмади Дониш фарзанди Мулло Носир буда, зодгоҳи падариаш тумани Шофиркоми Бухоро мебошад. Яъне Мулло Носир «дар аввалҳои асри XIX, эҳтимол дар солҳои 1810-1815 бошад, ба Бухоро барои таҳсил аз тумани Шофирком омада буд». [150, с. 3-4]

Номи аслии ӯ Аҳмад, тахаллусаш Дониш, номи эътоии дарбориаш, ки ба касбаш мудохилат дошт, Махдум буд. Таваллуди ӯ ҳарчанд хушнудии аҳли дарборро зиёд накард ва аз ҷониби онҳо табли шодӣ зада нашуд, вале боиси хушнудии волидайн гашт, ки тарбияи дурусти онҳо Аҳмадро ба як донишманди воқеъбин, ҳақҷӯ, маорифпарвар ва ислоҳотхоҳи низоми идоракунии истибдоди амирӣ, хурофотпарастию таассубгароии доираи руҳониён табдил дод, ки номи неки худро дар саҳифаи таърихи миллати тоҷик дурахшон нигоҳ дошт.

Падари Аҳмад, Мулло Носир, дониши кофӣ дар илмҳои дунявӣ надошт; ӯ вазифаи имоматиро дар яке аз масҷидҳои маҳаллӣ бо такя ба маълумоти динӣ, ки дар мадраса гирифта буд, иҷро мекард. Воситаҳои рӯзгори хонводаашро аз хайрияҳои сокинони маҳалла барои иҷрои вазифаҳои имоматӣ мегирифт.

Модари Аҳмад, дар муқоиса бо баъзе занони он давраи Бухоро, ки танҳо дониши сатҳии динӣ доштанд ва таваҷҷуҳи толибилмонро бо ҳикояҳо дар бораи азоби охират ҷалб мекарданд ва аз хурдсолӣ ба онҳо тарс меомӯхтанд, то ки неъматҳои моддиро ҷамъ кунанд, олиҳаи саводнок ва ботадбир буда, доираи васеътари маълумот дошт. Мулло Носир аз доштани чунин зани фозилаю олима ифтихор мекард. Ӯ барои он ки дониши худро

бесамар бо худ набарад дар хонааш ба гурӯҳи духтарбачагони маҳалла дарс мегуфт ва онҳоро хату савод меомӯзонид.

Умуман, тавре ки аз маълумоти худи маърифпарвар бармеояд, дар оилаи Мулло Носир, ғайр аз Аҳмад, чанд кӯдак, ки пеш аз ӯ ва баъд аз ӯ таваллуд шудаанд, аммо бо сабабҳои гуногун вафот кардаанд. Танҳо Аҳмад зинда монд ва ӯро волидайн, ки ҷисман хеле заиф буд, бо эҳтиёти махсус тарбия мекарданд. Вақте ки ӯ шашсола шуд, падараш хоҳиш дошт, ки ӯро ба мадраса диҳад. Аммо, бо донистани вазъи таҳсил дар мадраса ва муносибати устодон бо хонандагон, падару модари Аҳмад қарор доданд, ки ӯро он ҷо нафиристанд, то писари ҷисман заифашон ба бераҳмии омӯзгорон дучор нашавад.

Аҳмади ҷавон, ки дар он вақт тасаввуроте дар бораи асрори ҷаҳон ва инсон надошт, дарси савод ва донишомӯзиро бо модараш ва духтарони маҳаллааш оғоз кард. Оид ба ин лаҳзаи саҳифаи рӯзгори худ Аҳмади Дониш чунин ишора дорад: «Ва ба хотир дорам, ки дар овони туфулият ба қалам ва мидод ба деворҳои хокӣ болои кулӯх хатҳо ва шаклҳо мекашидам ба ҳандаса мувофиқ ва ҳарфҳо мениҳодам (ба таълим мутобиқ). Дар ин ҳол аз авохири мусҳафи маҷид то рубъ ҷузве боло рафта ва аз «Чаҳоркитоб», ки таламмузи мутадовил байни сибён аст, ниҳоят рубъи аввал хонда. Ва нафси ман қонеъ набудааст, ки ба алфози зоҳираи оёт ва сувар (сурат) қаноат кунам. Аз тафсири Мавлоно Яъқуб монии он ҷӣ хонда, меҷустам ва луғотро ба ҳамдигар татбиқ ва қиёс мекардам, ки маънии «қола» - гуфт ва маънии «яқулу» - мегӯяд, маънии «қул» - бигӯ, маънии «аҳад» – танҳо, маънии «самад» – бениёз». [25, с. 27]

Вақте ки Аҳмад ба синни нӯҳсолагӣ расид, падараш ӯро ба мактаби мардона ва баъдан ба мадраса фиристод, то писараш «Қуръон»-ро азёд карда, монанди падараш илмҳои динро азхуд кунад ва баъдан ҳамчун имом дар масҷид хизмат кунад. [133, с. 65]

Аммо, тавре ки худи равшанфикр қайд мекунад, аз оғози таҳсил дар мадраса дар ӯ ҳисси нафрату адоват ба усулҳои таълим, омӯзиши қоидаҳо ва

сарфу наҳви забони арабӣ, инчунин ба дигар фанҳои таълимӣ ба вуҷуд омад. Дар ин маврид далеле меорад: «чун лукнат бар забон доштам ва ба душворӣ сабақе ҳифз мекардам ва ба такрори бисёр ҳавсала надоштам ва муҳаббати зиёда ба бар ҳифз дар табиати худ намеёфтам» [25, с.27] тарки мадраса намудам. Аз ин рӯ, бехабар аз падару модар ӯ тарки мадраса карда, вақти худро бар суҳбати донишмандон, ба монанди муаррихон, ки аз саҳифаҳои гузаштаи таърих сухан гуфта ва ҳикоятҳои аҷибе нақл мекарданд, мегузаронад.

Масалан, худи мутафаккир дар бораи фаъолияти давраи ноболиғии худ чунин менависад: «берун аз мадраса ман вақти худро дар суҳбатҳое мегузаронидам, ки нақл аз гузашта мекарданд. Ман шунидани нақлҳо аз пайғомбарон, ҷойҳои муқаддас, шахсони таърихӣ ва муборизаи подшоҳонро баҳри ба даст овардани умури давлатдорӣ дӯст медоштам. Аз ин рӯ, аз ин тарзи рафтор борҳо зери таъқиби устод ва падари худ гаштам. Чун аз хона берун мешудам хамеша маро аз назди суҳбати ҳикояткунандагони таърих меёфтанд». [22, с. 14]

Вақте ки Мулло Носир аз ин рафтори писараш хабар ёфт, ӯро боз ба мадраса рафтан ва илмҳои динӣ, инчунин мантиқро омӯхтан маслиҳат дод. Дар натиҷа, таҳсил дар мадраса таъсири амиқе ба рушди фаъолияти маънавии Аҳмади ҷавон гузошт. Ба шарофати ин, ӯ тавонист барои худ шароите фароҳам орад, ки ба таври мустақилона фанҳои ба барномаи таълимии мадраса дохилнашударо омӯзад. Хусусан, ӯ ба омӯзиши астрономия, фалсафа, сиёсат, сотсиология, адабиёт ва таърих таваҷҷуҳи зиёд нишон медод.

Илова бар ин, аз айёми кӯдакӣ маорифпарвар ба расмкашӣ ва хаттотӣ таваҷҷуҳи зиёде дошт. Тавре ки худи ӯ нақл кардааст, аллакай аз ҳафтсолагӣ вай расмҳои зиёдеро бар деворҳо мекашид ва баъзе шеърҳоро ба забони арабӣ менавишт. Ин ҷо зикр кардан лозим аст, ки машғул шудан ба расмкашӣ ва хаттотӣ барои ӯ манбаи аввалини ташаккули ҷаҳонбинӣ, фаъолияти минбаъдаи сиёсӣ гардид. Зеро, бо назардошти арзишҳо, бозёфтҳо

ва нақшунигориҳои биноҳо, ки аз ҷониби ҳунармандони гузашта офарида шудаанд, ӯ дар вуҷуди худ орзуи зебо, бошукӯҳ ва муттараққӣ гардонидани кишварашро парвариш мекард.

Дар ин маврид Аҳмади Дониш чунин маълумот додааст: «Ва навиштани китобҳо дар ҳошияи иморот ва тарқими сулсу райҳон ва зулф, ки он аз лавозими катибаи иморот аст ва кашидани кӯҳҳо ва ашколи турфа ва муқарнас (сохтмони тоқу равоқдори баланд; тоқ ва кунгураи пурнақшу нигор). Ва маро дар ҳамаи ин саъю тараддуд доия дар замир як будаст, ки мабод агар султон иморати мадраса ва хонақоҳ кунад ва бад-ин саноеъ эҳтиёҷ афтад, масдари он ту бошӣ ва дигарон оҷиз оянд, ё агар китобе мусаввар ва музайян (зебу зинат додашуда, ороста) хоҳад, ту саранҷом диҳӣ ва дар мулку давлат шарик бошӣ». [25, с. 48]

Аҳмади Дониш, ҳамзамон аз давраи наврасӣ ба хондани асарҳои гаронбаҳои Абӯнасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Насириддини Тӯсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Имоми Ғаззолӣ, эпосҳо ва маҷмуаҳои ашъори Фирдавсӣ, Анварӣ, Ҷомӣ ва дигарон аҳамияти беандоза медод, осори Арастуро низ меомӯхт.

Тавре ки Р.Ҳодизода оид ба маҳорати фавқулоддаи маорифпарвар қайд мекунад: «Аҳмади Дониш аллакай аз даҳсолагӣ саводи хуб дошт ва ду-се навъи хатро дар сатҳи хаттотони касбӣ менавишт. Аз хондани аввал ғазалҳои Ҳофиз ва Бедилро азёд мекард». [150, с.12]

Умуман, мутолиаи ин китобҳо чашми ӯро ба дунёи воқеӣ боз кард. Бо муқоиса ва таҳлили ғояҳои гуногун, Аҳмади Дониш ба хулоса омад, ки дониш ва илми ҳақиқӣ маҳз дар ҳамин осор таҷассум ёфтаанд, на дар китобҳое, ки бо таассуби зиёд дар мадрасаҳо омӯхта мешуданд, ки ин ӯро ба ҷустуҷӯҳои минбаъдаи илмӣ ва фалсафӣ илҳом бахшид ва дар ташаккули назари интиқодӣ ба воқеият саҳм гузошт. Аз сабаби он ки дар мадрасаҳо аз ин осор таълим дода намешуд, бинобар ин, илме, ки барои зиндагӣ лозим аст, рӯи саҳифаҳои нокушодаи китобҳои мазкур пинҳон монданд. Воқиф гаштан

аз донишҳои фалсафию табиӣ, илму нуҷуму риёзиёт, тиббу кимиё оҳиста-оҳиста пеши Аҳмади Дониш дарҳои бастаро кушоданд.

Хусусан, дар ин бобат худи ӯ иттилои дақиқ медиҳад, ки аз сабаби он ки дар ин давра хатти ман ғайр аз машқи устод камол гирифта буд ба китобати девони Абулмаонӣ Бедил иштиғол намудам, то аз ин ҳисоб зарре ба даст оварам. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки «баъд аз тааллуми дарсӣ китобат мекардам ва дар моҳе як Бедил менавиштам аз бисту чаҳор ҷузв то сӣ ҷузв. Аз бист танга то сӣ танга байъ (хариду фурӯш) намуда, аксарро захира мекардам ва камтарро ба ваҷҳи маош сарф менамудам». [25, с. 29]

Ин далел аз он гувоҳӣ медиҳад, ки китобат кардани девони Бедил барои Аҳмади Дониш на фақат ба хотири ба даст овардани маблағ, ҷиҳати таъмин кардани оила бо маводи зарурии рӯзгузаронӣ, ба даст овардани истиқлолияти моддӣ хизмат кардааст, балки барои ташаккули ҷаҳонбинии маорифпарвар дар мавриди дарки фарҳанги иқтисодӣ нақши калидӣ гузоштааст.

Ё худ чӣ тавре адабиётшноси тоҷик Р.Ҳодизода арзёбӣ медорад: «Вай махсусан китобати девони Бедилро дӯст медошт. Ҳар бор ки байту мисраъҳои ғазалиёту маснавиёти ӯро китобат мекард, дар баҳри маънии ақидаҳои ин шоир чуқуртар шино менамуд, симои ин шоири исёнгар ва афкори далеронаи вай Аҳмадро бештар афсун мекарданд. Ӯ мехост осори Бедилро на фақат ба хатту унвонҳои зебо, балки бо суратҳои муҷассам низ ороиш диҳад. Ӯ дар суратгарӣ моҳир набуд, аммо шавқи осори Бедил ӯро ба ҷунбиш овард. Вай дар зарфи чанд муддати кӯтоҳ ба дараҷаи суратгарони номдор расид. Барои ин вай устоде надошт. Аз устодони беноме, ки нусхаҳои хаттиро ба суратҳои зебо зиннат дода буданд, пайравӣ кард, ба дараҷаи онҳо расид, аммо сабку салиқаи худро дар ин санъат ҷорӣ кард». [149, с. 24]

Муҳаққиқони ватание, ки паҳлуҳои гуногуни таълимоти маорифпарварро таҳқиқ кардаанд, низ ба ин масъала таваҷҷуҳ дода, оид ба ворисияти ақидаҳои фалсафии мутафаккирони гузаштаи тоҷик ба Аҳмади Дониш андешаҳои мухталиф баён кардаанд.

Масалан, агар файласуфи тоҷик М.Султонов [179, с. 16-18] зимни таҳлил ва муқоисаи ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо Аҳмади Дониш наздикии ғоявӣ доштани андешаҳои ин ду донишмандро нишон диҳад, пас, файласуфи дигар Ш.Абдуллоев [4], [157, с. 11-15] таъкид мекунад, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш нақши афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқии М.Ғаззолӣ ва М.Ҳамадонӣ бузург аст.

Адабиётшиноси тоҷик Р.Ҳодизода [150, с. 293] ба нақши Аҳмади Дониш дар таърихи рушди афкори иҷтимоӣ-сиёсии халқи тоҷик диққати махсус додааст. Бар асоси омӯзиши маъхазҳои муътамад, ӯ ба чунин натиҷа мерасад, ки рисолаи «Захират-ул-мулук»-и Алии Ҳамадонӣ ва асари «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз ҷиҳати мазмун ва масъалагузорӣ дар мавриди идораи салтанат ва усулҳои адолати иҷтимоӣ наздикии идеявӣ доранд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Х.Назаров низ дар мақолаи худ «Афкори сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» [179, с. 46-50] доир ба робитаи наздики идеявӣ доштани ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии М.Ғаззолӣ ва Алии Ҳамадонӣ андеша ронда, қайд мекунад, ки ақидаҳои онҳо дар шаклгирии афкори иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш таъсир гузоштаанд.

Файласуфи тоҷик Б.Ҷ.Самиев [133, с. 86-99] дар мавриди шарҳ ва тавзеҳи мафҳуми адолат ва риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш таҳқиқот анҷом дода, зикр менамояд, ки яке аз мавзуҳои марказӣ, як хатти сурхе, ки ҳамаи паҳлуҳои ҷаҳонбинии маорифпарварро ташкил дода, баррасӣ ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷамъиятӣ аз он маншаъ мегиранд, масъалаи адолати иҷтимоӣ ва риояи усулҳои ҷоридошти он мебошад.

Дар ин маврид муаллиф зимни омӯзиш ва муқоисаи асарҳои «Кимиёи саодат», «Насиҳат-ул-мулук»-и М.Ғаззолӣ, «Захират-ул-мулук»-и Алии Ҳамадонӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ба хулосае меояд, ки аз ҷиҳати мазмун ва баррасии масъала ақидаҳои онҳо ба ҳам наздикии ғоявӣ доранд. Ҳарчанд, шаклан байни ақидаҳо, тавсияву пешниҳодҳои мутафаккирон тафовут ба назар мерасад.

Воқеан, хондани девони ашъори шоирон ва мутолиаи асарҳои файласуфон ба рушди ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш такони қавӣ бахшиданд. Аз ҷумла, омӯзиши муттасили асарҳои гуногуни файласуфон назари ӯро ба пайдоиши олам, асрори коинот, инсон ва дарки моҳияти ӯ, асрори табиат ва ҷомеа тағйир дод, тафаккури ӯро нисбат ба таълим дар мадраса ва сабақ гирифтан аз рӯҳониёни хурофотпарасту мутаассиб ба куллӣ дигар кард. Аз ин рӯ, месазад қайд кард, ки ин самти фаъолият, омӯзиши осори ғании гузаштагон манбаи дуюми ташаккулёбӣ ва таҳаввули афкори маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш гаштааст.

Ҳамин тариқ, то синни 18-20 солагӣ Аҳмади Дониш ҳамаи кӯшишҳои худро барои азбар кардани донишҳои замонавӣ равона карда, таҷрибаро ҳам аз зиндагӣ ва ҳам аз ин илмҳо меандӯхт. Аммо ӯро фикрҳои дигар, набудани шуғли муайян, мустақилона пайдо карда натавонистани манбаи даромад ва вобастагӣ аз падар нигарон мекард. Ҳоло он ки дар ин давра ҳамсиннони ӯ, ки аз оилаҳои дорою сарватманд буданд соҳиби ҷойи кор гашта, аз ин ҳисоб сарчашмаи даромад ба даст меоварданд ва хонаводаи худро бо маводи ниёзи аввал таъмин мекарданд.

Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш назди хеш вазифа мегузорад, ки ҳамаи қобилиятҳо ва сарвати маънавии худро барои таъмини хонаводааш истифода барад. Ӯ мефаҳмид, ки ҷамъоварӣ ва захира кардани сарват инсонро аз дигарон вобаста намекунад ва имконияти озодона зиндагӣ карданро барояш фароҳам меорад. Бо ин мақсад, ӯ дар ҳамин синну сол ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ кард. Аз ҷумла, шабона, бо фармоиши одамони сарватманд, маҷмуаҳои ашъор ва эпосҳоро зебо нусхабардорӣ карда, бо рангҳои тилло ва лазурит оро медод, сарлавҳаҳои боҳашамат месохт ва онҳоро бо тасвирҳо зиннат медод, то таваҷҷуҳи фармоишгаронро ҷалб кунад. Аз ин рӯ, ҳар моҳ аз ҳисоби ин заҳмату ранҷҳояш, ки теъдоди саҳифоти китобаткардааш аз 24 то 30 қисмро ташкил медоданд, аз бист то сӣ танга маблағ мегирифт. [150, с. 24]

Бинобар ин, машғул шудан ба ҳунари хаттотӣ ва ороиши китобҳо на танҳо дунёи маънавии ӯро ташаккул доданд, балки ӯро ба як хаттоти барҷаста ва рассоми монисифати замон табдил дод. Ин аст, ки дар ин давра ӯ на танҳо байни дӯстону ҳамақидагон обрӯ ва эҳтироми хосса пайдо кард, балки дар муҳити илмӣ-фарҳангии Аморати Бухоро дар рушди ин ҳунарҳо (хаттотӣ ва рассомӣ) таҳаввулот овард.

Иттилое, ки дар ин маврид адабиётшиноси тоҷик Р.Ҳодизода медиҳад: «Дар таърих кам воқеъ шудааст, ки шуои истеъдоди зотӣ ба чангу ғубори замон тамоман аз назари давр пинҳон монда бошад. Ба ҳамин тариқ, аз эътибори аҳли замон берун мондани Аҳмад - махдум низ мумкин набуд. Ба ҷамъият роҳ ёфтани ӯ ба ҳар тарзе ки бошад, як амри қонунии таърих буд» [150, с. 29] - бозгӯкунандаи ақидаи болозикр аст.

Аҳмади Дониш дар дарбори манғития, аз ҷумла бо фармони амир Насрулло асарҳои гуногуни илмӣ ва адабиро нусхабардорӣ мекард, ки аз ин ҳисоб ба ӯ подоши хуб медод. Ин манбаи даромад барои беҳтар гаштани вазъи молии оилаи мутафаккир мусоидат намуд, хонаводаи онҳоро аз ниёзмандӣ халос кард.

Ғайр аз ин, дастрасӣ ба китобхонаи аморат ва китобҳои нодиру гаронбаҳои фалсафӣ, астрономӣ, тиббӣ ва математикӣ ба Аҳмади Дониш имкон доданд, ки бо камоли майл онҳоро аввалан, мутолиа намуда, баъдан нусхабардорӣ кунад. Иҷрои ин корҳо аз як тараф, барои такмили дониши маорифпарвар нақши муассир гузоштанд, аз тарафи дигар, дастрасии онҳо ба дигар донишмандон ва хонандагон доираи муҳити илмӣ-адабиро дар Бухоро васеъ намуд.

Ин як роҳе буд барои маърифатнок кардани омма ё худ ворид кардани ислоҳоти маънавӣ дар муҳити тирагуни низоми феодалии давлатдории Бухорои амирӣ. Маҳз машғул шудан ба ҳунари хаттотӣ, бо ороиши зебо нусхабардорӣ кардани осори пурарзиши гузаштагон (девони Ҳофиз, осори Бедил ва ғайра) на танҳо вазъи оилавии ӯро беҳтар гардонид, балки аз манбаи

сеюми ташаккули афкори прогрессивӣ ва ислоҳотталабии маорифпарвар ба ҳисоб меравад.

Истеъдоди модарзодӣ ва донишҳои амиқу возеҳи ӯ дар соҳаи илмҳои табиӣ, техникӣ ва дақиқ ба Аҳмади Дониш имкон доданд, ки худро ҳамчун муҳандиси дақиқсанҷ дар дастгоҳи идораи давлатии аморати Бухоро нишон диҳад. Ӯ лоиҳаҳои биноҳои давлатӣ ва иншоотро таҳия мекард, ки баъдан мувофиқи нақшаҳои ӯ сохта мешуданд. Дар ин давра амир Насрулло қобилияти барҷаста ва зеҳни Аҳмади Донишро қадр карда, ӯро яке аз машваратчиёни наздиктарини худ гардонид. Ин тамоилгии соҳаи фаъолиятро метавон манбаи чаҳоруми рушди афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш шуморид.

Манбаи панҷуми ташаккул ва таҳаввули афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш сафарҳо ва таассуроти бардоштааш аз онҳо мебошад. Сафар карданро маорифпарвар чунин тавзеҳ медиҳад, ки агарчӣ қитъае аз сақар (дӯзах, ҷаҳаннам) аст, аммо гоҳе ёдовариҳо дорад, аз ҷумла агар шахс бемор бувад сиҳат ёбад ва агар муфлис бошад, ғанимате ба даст орад. Барои тасдиқи фикр ӯ дар ин маврид аз забони сайёҳи бухороӣ, ки дар айёми сайёҳат дар минтақаи Пишовари Ҳиндустон ба сарои саркори фарангӣ, бо номи Уктуриё-малика меафтад, ҳикоят мекунад, ки саркори фарангӣ аз сайёҳ мепурсад:

- «Ту дар ин диёр ғарибӣ ва боз маҳзун ва мағмум (дучори ғам гардида, ғамгин, андӯҳгин) набошӣ. Ва туро шуғле бояд, ки худро бад-он машғул дорӣ».

– Гуфтам: «Аз давлати саркор соҳиб ҳама рӯз ба айш ва ҳама шаб ба ишрат мегузаронам».

– Гуфт: «Агар туро ҳавсала ёрӣ диҳад, барои мо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ китобат фармоӣ дар вақте ки фароғат ёбӣ».

– Гуфтам: «Ба чашм, ман ҳам муттаваққеам, ки ба ту хидмате кунам ва пеши ту ёдгор гузорам, аммо аз назди худ ҷуръат намеёфтам». Он гоҳ асбоби китобати ман фармуд, ки муҳайё доранд.

Дар муддати шаш моҳ барои ӯ истинсох (нусха, рӯйнавис)-и дафтари «Шоҳнома» намудам, ки баъд аз итмом бароям се даст рахту либоси қимате ва як туфанги шашмилаи тиллокӯб ва ду ҳазор рупияи гулдор инъом фармуд». [24, с. 147]

Сайёҳ аз мусоҳибаи худ бо саркор сифатҳои ҳуккоми фарангиро тавсиф мекунад. Муътақид бар он мешавад, ки новобаста аз вазъи иҷтимоӣ онҳо ба қадру қимати инсон мерасанд, ба ӯ самимӣ суҳбат мероянд. Хусусан, агар шахс соҳиби касбу пешае бошад, эҳтироми ӯ боз назди онҳо зиёдтар мегардад. Аммо дар аморати Бухоро, баръакс на инсон қадру қиммат, шарафу эътибор дорад ва на аҳли касбу пеша ба ҷойгоҳи муносиб ба кору мансаб таъмин гардонида мешаванд.

Аҳмади Дониш солҳои хизмат дар дарбори амирони Бухоро се маротиба (солҳои 1857, 1869, 1874-1875) ба Петербург пойтахти Русия сафар кардааст. Аввалин сафари ӯ ба давраи хукмронии амир Насруллоҳ, ки маорифпарвар ҳанӯз 30-сол дошт рост меояд.

Ӯ дар ҳайати 35 - нафараи фиристодагони амир Насруллоҳ (муддати сафар аз тирамоҳи соли 1857 то 12 январи соли 1858 меанҷомад) ба сифати муншӣ сафарбар мешавад. Амир ин ҳайатро бинобар даъвати вазири дарбори императори Русия ба Петербург мефиристад, ки ҳадафаш аз номи ҳукумати Бухоро изҳори тасаллият расонидан ба муносибати даргузашти император Николайи I ва табрикот ба муносибати тоҷгузорӣ ва ба тахт нишастани Александри I буд.

Аҳмади Дониш дар ин сафар бо кишвари тавсеаёфта ва муҷаҳҳаз ба роҳи оҳан, барқ, корхонаҳои саноатӣ, қасрҳои бошукӯҳ, хиёбонҳои зиннатёфта ва кӯчаҳои мумфарш, тибби пешрафта рӯ ба рӯ мешавад, ки дар муқоиса бо Бухоро бисёр тафовут дошт ва ҳатто асрҳо аз Бухоро пешрафта ба назар мерасид. Кишвареро медид, ки қадамҳои устувор дар заминаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳунар ва сармоядорӣ бардошта буд ва онро бо Бухоро ҳоҷати муқоиса набуд. Аморати Бухорое, ки амир Насруллоҳ ва дарбориёнаш

онро ба бухориён ва ҷаҳониён бошукӯҳ ва муқтадир муаррифӣ мекарданд, акнун барои Аҳмади Дониш вайронае беш набуд.

Бинобар ин, баъд аз бозгашт мехост андешаҳои худро бо мақсади ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба амири Бухоро баён кунад, то амир ҷиҳати беҳбудии вазъи ҷомеа ва мардуми фалокатзада тадбир андешад. Аммо амири ғарқ дар зулм, ситам ва фасод Аҳмади Донишро ба ҳузури худ напазируфт ва ба назароти ӯ дар бораи ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, фарҳанг, таълим ва тарбия аҳамият надод. Баъд аз муддати кӯтоҳ, амир даргузашт ва писараш Музаффар (1860-1886) бар тахт нишаст.

Дар давраи ҳукумати ин амири нодон ва сустирода, идораи кишвар ба дасти афроди бесавод, судҷӯ ва рӯҳониёни фосид ва мутаассиб афтод. Андешамандони ориф ва рӯшанфикрони огоҳ дар ин замон дар фаромӯшӣ ва узлат мезистанд. Вале Аҳмади Дониш ҳанӯз дар дарбор хидмат мекард ва амир Музаффар ӯро ҳамчун мунаҷҷим нигоҳ медошт. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш талош мекард, ки амири ҷадидро ба густариши илм ва ривоҷи маърифат тарғиб кунад.

Сафарҳои дуввум ва саввуми ӯ ба Санкт-Петербург дар давраи ҳукмронии амир Музаффар сурат гирифтанд. Дар ин сафарҳо, Аҳмади Дониш ҳама чизеро, ки дид ва шунид, бо диққат ва муфассал дар асари худ «Дар сафорати Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм ва ҷашни Русия» тавсиф намуд. Баъд аз сафари севуми худ, амир Музаффар ба Аҳмади Дониш боз вазифаи муҳимме дар давлат пешниҳод кард, аммо Дониш шарт гузошт, ки ислоҳот дар идораи кишвар гузаронда шавад ва корҳои давлат беҳтар гардонида шаванд, барои мардум зиндагии хуб ва ободиву тараққии кишвар талошҳо фароҳам ояд. Ӯ бовар дошт, ки қабули вазифаи давлатӣ дар шароити бетартибӣ дар кишвар манфиате нахоҳад овард ва тасмим гирифт, ки пешниҳодҳои худро оид ба идораи давлат дар рисолае бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» баён намуда, онро ба амир Музаффар супорад.

Ӯ дар муқаддимаи ин асар чунин менависад, ки мазмуни он чунин аст: Агар амри султон ин бошад, ки ман яке аз намояндаи аҳли қалам ба мансаби

олии давлатӣ сафарбар карда шавам, бояд дар сохтори идораи давлатӣ як назму тартибе ҷорӣ бошад. Ҳарчанд ҷорӣ кардани тартибу низом дар миёни ҷамои ӯзбак бисёр ҳам мураккаб аст, бинобар ман рисолае менависам, ки дар он усулҳои ҷорӣ кардани назму тартиби аморат ва кишварҳои Фаранг нишон дода мешавад. Агар аҳли дарбор онро мақбул доранд ва аз рӯйи он амал кунанд, ман ҳар рӯз ба миқдори панҷ-шаш соат адои хизмат мекунам. Ва чӣ маҳорату малакае, ки дорам баҳри дарбор ҳавола мекунам. Вагарна, агар ин пешниҳоду таклифи ман мақбули амир ва дарбориён наафтад, чӣ коре фарохӯри ҳолашон бошад, бикунанд. [25, с. 110]

Афкор ва нуфузи Аҳмади Дониш бо зоиқа (ҳисси чашоӣ)-и амир мувофиқат надошт, бинобар ин амир тасмим гирифт, ки ӯро аз Бухоро дур кунад. Ба наздиконаш гуфт, ки ман фалониро бо сафирони давлат ба ҷониби Русия равон кардам, ӯ ба ман насиҳатгар шуд, аз ин ба баъд ӯро нафиристам. Саранҷом, вақте ки амир пешниҳодҳои Аҳмади Донишро рад мекунад, ӯ аз хидмати дарбор канорагирӣ намуда, маҷбур ба Ғузор меравад ва се солро дар он ҷо мегузаронад.

Дар соли 1885, вақте ки амир Абдулаҳад бар тахт менишинад, Аҳмади Дониш маҷбур мешавад, ки ба Бухоро баргардад ва ба ҳайси китобдори яке аз мадорис ба фаъолият машғул шавад. Дар ин давра бевосита барои ӯ шароит мусоид меояд, ки ба таълиф ва тадвини осори илмӣ ва адабӣ пардозад ва китоби «Наводир-ул-вақоеъ» (1875-1882), ки баргирифта аз «Сафарнома»-и Носири Хисрав ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад, ба итмом расонад.

Умуман, барои Аҳмади Дониш самараи сафарҳои Россия натанҳо иборат аз мушоҳидаи қудрати бозӯи муъҷизотофари заҳматкашони рус буд, балки тарзи идроку иқтидории хулосабароирии ӯ низ такомул ёфт. Инчунин, ба василаи дӯстони россиягиаш аз ғояҳои сотсиализми хаёлии Аврупои Ғарбӣ бохабар будааст ва ҳатто нисбат ба ин идеяҳо ҳусни таваҷҷуҳе доштааст. Ӯ пас аз он ки аз нобаробарии иҷтимоӣ ва беадолатии замонааш сухан мекунад, ба хонандагон иттилоъ медиҳад, ки мардуми ситамкашида дар Фарангу

Юнон барои тағйир додани сохти ҷамъиятӣ қиём намуда, ҳокимиятро ба даст даровარданд. [24, с. 12-13]

Ҳамзамон, ин ақида далолат аз он мекунад, ки андешаҳои инқилобии маорифпарвар маҳз дар заминаи сафарҳояш ба Россия ва шинос гардидани ӯ аз дастоварду пешравиҳои кишварҳои Русу Фаранг, ки мардум дифоъ аз озодию ҳуқуқҳои худ мекарданд, маншаъ гирифтааст ва баъдан афкори ислоҳотхоҳии ӯ аз ҷониби ҳамасрон ва шогирдонаш такмилу равнақ ёфтанд.

Хусусан, Садриддин Айнӣ дар мавриди андешаҳои Аҳмади Дониш ва муҳимтарин асари ӯ «Наводир-ул-вақоеъ» чунин иттилоъ медиҳад: «Ман ин китобро сар то по бодиққат хондам. Мутолиаи ин китоб ба ман лаззати фаровоне ҳадя намуд. Такрор ба такрор хондам ва фаҳмидам, ки чаро муллоён ӯро кофир мехонданд. Аҳмади Махдум дар ин китоб муллоёни расмиро бераҳмона интиқод намуда, фасоди руҳониён ва амирро фош кардааст. Хулоса, дар сояи мутолиаи ин китоб ақидаҳои ман ба ҷунбиш омад ва инқилобе дар фикри ман ба вуҷуд омад. [12, с. 3-4]

Аҳмади Дониш барои халқи тоҷик мероси пурарзиш ва муҳимеро боқӣ гузошт. Осори ӯ иборат буданд аз:

- «Ар-рисола фи аъмол-ул кура»;
- «Манозир-ул-кавокиб»;
- «Наводир-ул-вақоеъ»;
- «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун»;
- «Таърихча» ё «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»;
- «Меъёр-ут-тадаюн» ва бисёре аз дастнависҳо ва хотиротро дар бар мегиранд.

Тавре, ки пажӯҳишгари масоили марбут ба фалсафаи маорифпарварӣ, донишманди тоҷик Б.С.Амондуллоев бо истинод ба маълумоти С.Айнӣ қайд мекунад, асарҳои «Рисола дар табаддул ва тағайюри давлатҳо аз қирони улвайн», «Таодули хамсаи матаҳаййира» (дар бораи ҳаракати панҷ сайёра:

Меркурий, Венера, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал) ва «Ҷоемъ-ул-ҳикоёт» низ меваи эҷоди маорифпарвар мебошанд.

«Наводир-ул-вақоеъ» – яке аз машҳуртарин асарҳои Аҳмади Дониш мебошад, ки дар он ӯ ҳодисаҳои нодири замони худро тасвир мекунад, масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро муҳокима намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод менамояд.

«Таърихча» – дар ин асар Аҳмади Дониш таърихи мухтасари сулолаи манғитияро баён карда, сабабҳо ва натиҷаҳои ҳукмронии онҳоро таҳлил менамояд.

«Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» ё «Рисолаи сиёсӣ» - дар ин асар муаллиф дар бораи аҳамияти тамаддун ва ҳамкорӣ, омилҳои асосии таҳкимбахшандаи ҷомеа, роҳҳои таъмин кардани адолат ва баробарии иҷтимоӣ, усулҳои тараққӣ додани кишшварро андешаҳои худро баён мекунад, зарурати ворид кардани ислоҳоти ҷиддӣ иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар сохтори аморат таъкид менамояд.

Рисолаи «Меъёр-ут-тадайюн»-ро маорифпарвар соли 1894 таълиф менамояд. Асар дар бораи аркону қоидаҳои дин ва масъалаҳои динӣ бахшида шуда буд.

Ба маълумоти Р.Ҳодизода «Ин рисолаи Аҳмади Дониш дар ҳаққи уламои дини Бухоро айбномаи сахте буд. Онҳо акнун аз ҳамлаю ҳуҷуми бефоида ба муқобили Дониш даст кашида, фақат ба пинҳон намудани доғи лаънате, ки нависанда ба рӯи онҳо зад, саъю кӯшиш мекарданд». [150, с. 146]

«Ар-Рисола фӣ аъмол-ул кура» - аз зумраи асарҳои маорифпарвар мебошад, ки дар он масъалаҳои ҷуғрофиё ва ситорашиносӣ таҳқиқ ёфта, ҳодисаҳои гуногуни табиӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти инсон муҳокима мегарданд.

«Манозир ул-кавокиб» яке аз асарҳои Аҳмади Дониш аст, ки дар услуби классикии астрономияи тоҷикӣ-форсии асрҳои миёна – зиҷ, ки маҷмуаи ҷадвалҳои астрономӣ мебошад ва бо воситаи он вақт, тақвим, давомнокии рӯз, вақти хондани намозҳо, самти қибла, лаҳзаҳои тулӯъ ва

ғуруби сайёраҳо, хусуф ва кусуфи Офтоб ва Моҳ ва ғайра мушаххас карда мешаванд, навишта шудааст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, шаш фасл, тавзеҳот, луғат, феҳрист иборат аст. Фаслҳои асар фарогири чунин мавзуъҳо мебошанд: вуқуф ба ҳайъат ва ашколи фалакӣ аз лавозими ин илм аст, ба тариқи иҷмоли намате дар ин боб таҳрир меравад; «фасл дар ҳайати афлок, фасл дар таъйини таворих дар санаи тадвини ин рисола, фасл дар ёфтани толеи авқот; фасл дар таъйини мавозеи кавокиби собита; фасл дар латоиф бад-он ки Офтоб наййири аъзам ва хусрави сайёроту савобит ва кавкаби таанниву виқор аст ва дар афлок ба манзалаи дилу фармонравои аълову асфаласт». [150, с. 146]

Аҳмади Дониш дар ташаккул ва рушди ғояҳои маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна нақши муҳим бозид. Асарҳои ӯ то ҳол ҳамчун манбаи муҳимми такмили дониш ва илҳом барои олимон ва таҳқиқотгарони муосир боқӣ мемонанд. Ҳиссаи Аҳмади Дониш дар рушди фарҳангӣ ва фикрии минтақа ниҳоят бузург аст ва мероси ӯ то ҳол ба наслҳои оянда таъсири назаррас мерасонад [17, с. 113].

Аз маълумоти мукаммале, ки донишманди тоҷик А.Девонақулов дар муқаддимаи асари «Наводир-ул-вақоеъ» - и Аҳмади Дониш оид ба вақти навишта шудани китоб додааст, он ба солҳои 1868-1873 рост меояд ва китобро маорифпарвар дар соли 1875 аз нав таҳрир намудааст. Асар аз бисту се боби алоҳидаи ба ҳам алоқаманд иборат буда, «масъалаҳои тарбияи инсон, муайян кардани мавқеи маърифат дар такомули фарди ҷамъиятӣ, танқиди ҳаёти феодалӣ, мазаммати зулму истибдод, васфи адлу адолат, тарзи нави идораи давлат, таассуроти сафарҳои Россия ва чанде ҳикояҳои фалсафию реалистиро дарбар мегирад». [24, с. 5]

Ба маълумоти Р.Ҳодизода бошад, «Наводир-ул-вақоеъ» баъди асари «Манозир-ул-кавокиб» дуюмин асари калони Аҳмади Дониш ба ҳисоб меравад. Аммо шуҳрати ин асар аз рисолаи илми нуҷум борҳо бузургтар буд. Доираи хонандагони ин асар низ хеле зиёд буд. «Манозир-ул-кавокиб»-ро шумораи маҳдуди мутахассисони илми нуҷум мехонданд. Аммо «Наводир-

ул-вақоеъ»-ро ҳам олимоне, ки ба масъалаҳои илмию фалсафӣ завқ доштанд, ҳам хонандагоне, ки ҳикоятҳои аҷибу ғарибро дӯст медоштанд, баробар мехонданд. Яъне «Наводир-ул-вақоеъ» дар хомӯшии ғафлат ва торикии ҷаҳлу нодонӣ ғулғулаангезӣ бедорӣ буд. Ҳар касе, ки ба хондани ин асар дастёб мешуд, гӯё ба олами равшани илму маърифат роҳ меёфт...». [150, с.122]

Бояд зикр кард, ки яке аз масъалаҳои калидии асари мазкури Аҳмади Дониш он аст, ки ӯ вазифаи файласуфро на танҳо ба тариқи «феъли ҳаким бе ҳикмату маслаҳат набошад» муайян мекунад, балки онҳоро ба омӯзишу кашфи асрори олам ва равшан намудани ҳақиқати он даъват менамояд: «Ҳаким бояд, ки маҷмуи модда ва ҳаюлои олами улвӣ ва суфлиро кашф кунад ва ҳақиқати онро дарёбад». [24, с. 6]

Асари арзишманди ӯ «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» чӣ тавре худи маорифпарвар иттилоъ медиҳад «дастурест дар одоби муоширати мулук ва муамалати асҳоби ҷоҳ ва иқтидор (бо мутаалликону зердастон) ва тариқи зиндагонии сутуда ва миёнаравӣ (дар умури маошия) ...». [25, с. 110]

Дар ин асар Аҳмади Дониш мавзуҳои марбут ба усулҳои идоракунии давлат, риояи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ, тартиби таъйин ва ҷойгиркунии кадрҳо дар муассисаҳои давлатӣ, таъсиси артиш барои таъмини амният ва суботи ҷомеа, зарурати таъсиси оила ва иҷрои вазифаҳои муҳимми аъзои онро баррасӣ ва таҳлил менамояд.

Ӯ, инчунин усулҳои асосии рушди ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, масъалаҳои дигари муҳиммро таҳлилу таҳқиқ мекунад. Бо вуҷуди он ки ин асар аз тарафи амир Музаффар пазируфта намешавад, вале он арзиши худро аз даст надод. Имрӯз низ он метавонад барои роҳбарон, кормандони мақомотҳо ва идораҳои даватӣ, аҳли ҷомеа ба сифати як дастурамали муҳим ҷиҳати иҷрои вазифаю уҳдадориҳои ба душашон гузошташуда, нақш гузорад.

Таълифоти охирини Аҳмади Дониш, ки дар айёми пиронсолӣ онро дастраси хонандагон кардааст «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати

хонадони манғития» мебошад. Дар ин таълифот маорифпарвар назму насақи ҳар як амири манғитияро аз Дониёл то Абдулаҳад, ки сабабгори ба гӯшаи торик, дур аз тамаддуну фарҳанг мондани аморати Бухоро гардид, ошкоро ба риштаи таҳқиқ ва таҳлил мекашад, ки таълифи ин асар худ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки шароити носозгори давлатдории манғитиён маорифпарварро ба навиштани ин рисолаи таърихӣ, ки нигоҳи холис ва интиқодии ӯро таҷассум медорад, водор кардааст.

Аҳмади Дониш дар аҳди давлатдории Дониёл зиндагӣ накардааст ва айёми зиндагии ӯ ба замони ҳукмронии амирони манғитӣ: Насрулло, Музаффар ва Абдулаҳад рост меояд. Яъне ӯ шоҳиди бевоситаи назму тартиби давлатдории ин амирон буд. Зимни иҷрои вазифаҳои давлатӣ бо онҳо ҳамсуҳбат буда, баҳри бартараф кардани камбудиҳо ва ба кишвари пешрафта табдил додани аморати Бухоро ақидаҳои пешқадамона ва тавсияҳои ҷолиб медод.

Мутаасифона ин амирон ғояҳои созандаи ӯро ба эътибор нагирифта, дар назму тартиби давлатдорӣ истифода намебурданд. Зеро аз бех ин сулола бо зулм ва қатлу куштор ба сари қудрат омад ва амирон насл ба насл ин услуби идоракуниро ба ҷойгузинонашон ба мерос монданд.

Аҳмади Дониш тавассути муқоисаи усули давлатдории се амир: Дониёл, Шомурод ва Ҳайдар ин ҷо ба чунин назар мерасад: дар тафовут аз низоми давлатдории амир Дониёл, ки ба табақаи аҳли сайф (сипоҳиён) такя мекард, амир Шоҳмурод ва амир Ҳайдар бошанд, ба уламо ва ривоҷи улуми динӣ таваҷҷуҳи бештар доштанд. Аз ин рӯ, дар назари мардум ин амирон то ҳадде амирони маърифатдӯст, каноатпеша, адлгустар ба ҳисоб мерафтанд. Аммо дар асл ин уламо ашхоси тамаллуқпеша, таассубгаро ва ҷоҳу мансабпараст буданд.

Донишмандони тоҷик С.Айнӣ ва Б.Ғафуров давраи ҳукмронии ин ду амири манғитиро низ таҳқиқ карда, услуби давлатдории онҳоро мавриди танқид қарор медиҳанд. Аз ҷумла, Б.Ғафуров Шоҳмуродро амири риёкор, ки

бо қиёфаи дарвешӣ худро порсо нишон доданӣ мешуд, тавсиф менамояд. [41, с.93] Дар асл таассубгаро, ҷангҷӯ ва золим буд.

Муаррихи дигари тоҷик Мирзо Азими Сомӣ амир Насруллоро - амири қаҳҳор, саффок (хунрез) ва золим мешуморад. Аммо дар тафовут аз дидгоҳи ӯ Аҳмади Дониш дар аввал Насруллоро ҳамчун подшоҳи ботамкин, қавидил, нотарс тавсиф мекунад. Зеро ӯ «ба ҳар кайф аз аҳволи умаро ва сипоҳ ва уламо хабардор буда, мартабаи ҳоли ҳар касро фарохӯри он нигоҳ медошт ва доим дар аҳди ӯ фарохию арзонӣ буд». [26, с. 19]

Вале баъди мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва фаъолият дар дарбор, аз наздик шинос шудан ба услуби коргузорӣ, ба тарзи муносибат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ огаҳ гашта, дар симои ӯ ҳокими ғаддор, ҷоҳил, ифлос ва нолоиқро тасвир мекунад. Чунки ӯ «бештар ба амрод ва суҳбати зебописарон афтода, аксар маносиби амаратро ба ин табақа арзонӣ медошт ва дар рикоби ӯ ҷавонони паришамоил бисёр мерафтанд ва ба суҳбати уламо ва фузало ва умури давлатӣ камтар руҷӯъ мекард, магар барои зарурат». [26, с. 19]

Ҳамин тавр, аз омӯзиши рисолаи мазкур маълум метавон кард, ки инқирози аморати Бухоро ва рӯ ба пастравӣ ниҳодани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз давраи ба сари қудрат омадани «амири қассоб» - амир Насрулло шурӯъ шуда, давраи таназзули он дар аҳди салтанати амир Музаффар авҷ гирифт. Чунки Музаффар аз рӯзи аввали ба сари қудрат омадан ба қатлу куштор, зулму шиканҷаи мардум машғул шуда, ба вижа ҳамаи мансабдороне, ки дар замони ҳукуматдории падараш дар дарбор фаъолият меварзиданд, аз вазифа озод кард. Ба мансабҳои идораи гуногуни давлатӣ наздикони худ, ки аз шаҳри Кармина ҳамроҳаш ба Бухоро омада буданд, мувазаф менамояд.

Ба ҷуз Аҳмади Дониш усули давлатдории амир Музаффарро муҳаққиқони зиёде низ зери танқид қарор доданд. Бахусус, Садри Зиё менависад: «пастравии умури мулкӣ, илмӣ ва динӣ дар Бухоро аз белаёқатӣ ва фориғболии амирон, бесаводӣ, ҷаҳолат, золимӣ ва порахӯрии қозикалон, хиёнаткории вазирону сараскарон ва дигар соҳибмансабон сар задааст, ки бар ивази порадиҳӣ ва хушомад ба ин вазифаҳо масъул гаштаанд». [128, с.10]

Дар аҳди ҳукумати подшоҳии рус, ки аморати Бухороро амир Музаффар идора мекард муҳаққиқ В.В.Крестовский ба Бухоро ташриф меоварад. Баъд аз огоҳ шудан аз вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии аморати Бухоро андешаҳояшро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса меояд: аз сабаби он, ки амир ва мансабдорони идораи давлатӣ ба вазъи маданию иқтисодии кишвар беаҳмиятӣ зоҳир кардаанд, дар натиҷа ҳолати шаҳр ниҳоят дараҷа ифлосу чиркин гашта буд. Хусусан, лои кӯчаҳо аз тасаввур берун монда буд, лой монанди атолаи ғализе буда, чунон бӯи бад дошт, ки аз афташ аспҳо намехостанд, ба он қадам монанд. [72]

Бояд зикр дошт, ки авҷ гирифтани таассуби динӣ, хурофотпарастӣ боиси вусъатёбии заминҳои вақф мегаштанд. Аммо дар заминҳои вақф кор кардани деҳқонон хеле сангин буд. Зеро онҳо аз субҳ то шом дар заминҳои мутаваллиҳо кор карда, ҳангоми ҷамъоварии ҳосил аз он ҳиссаи ночиз ба даст меоварданд.

Инчунин, дӯздию мусодираи мол боиси зиёд шудани андозҳои гуногун мегашт. Хусусан, аз сиёсати роҳандозикардаи Музаффар вазъро ба он сатҳ расонид, ки на фақат аз замини зироат, балки аз замини нокорам низ хироҷ меситониданд, дар сурати даъвои мардум далеле пеш меоваранд, ки «ин замин бо сабаби камҳавсалагии деҳқонон нокишта мондааст». [41, с. 121]

Ба таври иҷборӣ ситонидани андозҳо, аз қабили танобпулӣ, чӯбпулӣ, андоз аз ҳисоби осиёб, ҷувоз, роҳ ва гузаргоҳҳои чорво, талаб кардани боҷ аз тарафи рӯҳониён ва масҷид, талаб кардани даҳяк ва ушр ва ғайра зиндагии мардуми деҳотро тоқатфарсо намуда буд ва аҳволи аҳли касбу пешаи шаҳрҳо низ аз ин вазъ беҳбудӣ надоштанд. Дар сурати саркашии ашхоси гуногун аз пардохти андоз ва боҷу хироҷ ӯро маъмурин дастгир карда, ба ҳабс мегирифтанд.

Мувофиқи иттилои Аҳмади Дониш «камтарин ҳабси амир Музаффар се сол ва бисёртарини он ҳафт сол буд. Чун маҳбасхонаҳо пур мешуд ӯ одамонро рама-рама бароварда ба қатл мерасонид». [26, с. 42-43]

Ҳамзамон, тартибу низоми соҳаи ҳарбӣ дар аҳди ҳукмронии амир Музаффар низ хеле суст буд. Саркардагони аскар тарбияи ҳарбӣ нагирифта ва аскарони қаторӣ аз низоми ҷангӣ тамоман хабар надоштанд. Аммо аз сабаби зиёд будани теъдоди аскарони амир ӯ лашкари худро қавӣ, пурзӯр ва обутобёфта меҳисобид.

Аҳмади Дониш дар ин маврид низ норизоиятии худро нисбати амир ва тартиби аскардории ӯ баён дошта, бо як ҳисси нафрат иттилоъ медиҳад: Музаффар ду-се соли аввал аз ҳукумати бебақияи падар лашкар кашида, болои Ҳисору Қӯқанд рафта, баъзе мавзеъро бо қаҳру ғазаб гирифта, аҳли онро амон надода, ба қатлу асирӣ расонид ва дар охир боз ҳама ба бағю фасод баргашт. Чун ду-се фатҳи мутаоқиб аз ғайри ҷангу ҷидол амирро даст дод, нахути фиръавнӣ ба димоғи ӯ роҳ ёфта, аҳаде (нафаре)-ро ғайр аз худ дар ҷаҳон намедид. [26, с. 20-21]

Дар баробари ин, маорифпарвар бетаҷрибагӣ ва дурандеш набудани Музаффарро зимни лашкаркашиаш ба муқобили аскари ҳукумати подшоҳии рус низ ошкоро тасвир карда, чунин баҳои воқеӣ медиҳад: «Чун умаро ва аҳли маҷлис азимати сафари амирро аз Қӯқанд боздоштанӣ шуданд Музаффар ин маслиҳатро қабул накарда, худписандона фармуд, ки болои Тошканд, он ки ғалаба овардааст нукаре аз аскари Россия аст. Маро ору нанг меояд, ки ба як нукари ӯ муқобала шавам. Ман, агар саворӣ кунам, рост болои Москов меравам». [26, с. 22-23]

Ниҳоят, бетаҷрибагӣ, худкомагӣ, мағрурӣ ва сустиродагии Музаффар мардумро на танҳо бе хонаву ҷой кард, балки кишварро зери мустамликаи ҳукумати подшоҳии рус гардонид. Дар натиҷа русҳо дигар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла Уротеппа, Ҷиззах, Самарқанд ва дигар шаҳрҳоро забт карда, мутеи худ сохтанд.

Ҳамин тавр, новобаста аз он ки давраи ҳукмронии амир Абдулаҳад ва амир Олимхон аз давраи ҳукмронии амирони пешини манғития ба далели дигаргуниҳои сохторӣ ва тағйироте, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Осиёи Миёна ба вуқуъ омад, тафовут доранд, аммо ин амирон сарфи назар аз

тағйироти сиёсӣ, тартиботи авлодиро дар ҷамоати деҳот нигоҳ медоштанд. Ба муҳити нави сиёсӣ мутобиқ шуда натавонистанд ва барои барқарор намудан ва рушди ҷомеа кушиш намекарданд.

Хусусан, идеяҳои созандаи аҳли илму фазли замон, бавижа Аҳмади Донишро дар амал татбиқ накарданд. Кишвар ба мисли давраҳои гузашта ақибмонда боқӣ монд, аҳволи мардуми меҳнаткаш беҳ нагашт, ҳуқуқҳои онҳо ҳимоя намешуданд. Ба мустамликаи рус даромадани Осиёи Миёна боз ин вазъро сангинтар кард.

Баръакс, баъди пурра ба тасарруфи Россия даромадани сарзамини Осиёи Миёна дар сохтори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии кишвар ягон дигаргунӣ, пешравие ба вуҷуд наомад. Балки мустааҳкам шудани ҳуқуқуқи капиталистони рус дар ин сарзамин аз як тараф, боиси ба савдо нарафтани молҳои гуногуни аҳли касбу ҳунари Бухоро гардид. Аз тарафи дигар, он дастгоҳҳои хурде, ки баҳри таъмини талаботи аҳолӣ молҳо истеҳсол мекарданд ба муқовимати сармоядорони рус рӯ ба рӯ шуданд…

Ҳаёти аҳли кишоварз низ беҳтар нагашт. Дар мавзеъҳое, ки кишоварзон ба пахтакорӣ машғул буданд, аз ҷониби сармоядорони рус корхонаи коркарди пахта бунёд карда нашуд, балки молро ба тарзи ашёи хом ба Россия бурда, баъди ба матои гуногун табдил додан, ба Бухоро оварда, гарон мефурӯхтанд. Ба савдогарони Бухоро низ имкон намедоданд, ки корхонаҳои пахтатозакунӣ, бофандагӣ таъсис дода, ашёи хомро дар онҳо коркард карда, маҳсулоти тайёршудаи корхонаҳоро дастраси мардум гардонанд.

Дар маҷмуъ, агар то ба мустамликаи Россия даромадани Осиёи Миёна мардум аз ранҷу шиканҷаи феодалон, ҳукмдорони маҳаллӣ азият мекашиданд, баъдан сиёсати пешгирифтаи сармоядорони рус зиндагии онҳоро дучанд вазнин гардонид.

Ин вазъиятро муҳаққиқи тоҷик З.Ш.Раҷабов ба тафсил омӯхта, чунин маълумоти дақиқ додааст: «Давраи мустамликавӣ вазнинтарин давраи таърихии аморати Бухоро буд. Оммаи халқ дар зери шиканҷаи дуҷониба, аз як тараф, фишори капиталистон, амалдорони ҳукумати подшоҳӣ, савдогарон,

помешикон, рӯҳониён ва ҳар гуна бадкирдорони рус ва аз тарафи дигар, дар зери зулму таҳдиди истисморкунандагони маҳаллӣ, яъне бойҳо, хонҳо, бекҳо, мулло ва эшонҳо азият мекашиданд. Халқ ба ҳолати қашшоқӣ ва бенавоӣ афтода, ҷабру зулм ва ситамҳои мудҳиш мекашид». [124, с. 14-19]

Ё худ тавсифе, ки Аҳмади Дониш дар мавриди тасвири сифатҳои амирони манғития медиҳад, худ баҳои мувофиқ ва воқеӣ аст: «…ваҷҳи беақлии ҳукоми ин диёр аз он ҷиҳат аст, ки чун аз канори доя ҷудо мешаванд, муаллиме ба онҳо мансуб мешавад то соҳиби хатту саводе шаванд ва ду-се нафар ғуломбача ба хидмати онҳо маъмур ва шабу рӯз ба онҳо махшур. Муаллим ба одобу тарсу бим ба ҳузури онҳо менишинад ва таълими сабақе медиҳад, агар хоҳанд, вагарна маҷоли бозпурсӣ надорад, ки нонаш бурида шавад. Ва баъд аз он ки вуқуф ба хату хондани хат пайдо карданд, алалфавр ба вилояте ҳоким мешаванд. Боз ин ғуломон ҳамроҳ бошанд ва соҳиби ҷоҳу мансаб гарданд ва касеро маҷоли баёни ҳақиқат набувад…». [26, с.23]

Ҳарчанд, идеяҳои Аҳмади Дониш аз ҷониби масъулини идораи сиёсӣ дастгирӣ наёфтанд, аммо маорифпарвар тавонист, ки бо таҳияи китобҳои пурарзиш, афкори озодфикрӣ ва ҷасорат ҷаҳонбинии мардумро тағйир диҳад. Натиҷаи он асос гузоштани равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ва дар доираи мактаби худ ҷамъ овардани афроди рӯшанбини ҷомеа мебошад. Бинобар ин, шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро бе ҳеҷ шакк аз манбаи шашуми шаклгирии афкори маорифпарварӣ, ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш мебошад.

Ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ [12, с. 239], [10, с. 10-343], [90], [143, с.63], [128, с.128], [29, с.9-28], [30], [33], [34], [41, с.416], [42], [74], [78], [82], [119], [146], [153] дақиқ, муфассал ва ҳамаҷониба баррасӣ шуда, боиси таҳияи таҳқиқоти асосии зиёде гардиданд. Дар ин ҳолат, бе фурӯ рафтан ба таҳлил ва таҳқиқи пурраи ин масъала, мо ба дидгоҳҳои ҷудогонаи методҳои идораи аморати Бухоро аз тарафи амирони манғитӣ, ки ба ташаккули андешаҳои фалсафӣ,

маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш таъсир расониданд, диққат медиҳем.

Методҳои идораи амирони манғитӣ бо марказонидани сахти ҳокимият, назорати болои институтҳои динӣ ва истифодаи фаъоли қонунҳои шариат дар идораи давлатӣ хос буданд. Амирон саъй мекарданд, ки ҳокимияти худро бо мустаҳкам кардани сохтори ҳарбӣ ва маъмурӣ, инчунин маҳдуд кардани таъсири ашрофи маҳаллӣ ва руҳониён тақвият диҳанд. Онҳо ҳамчунин ислоҳотро, ки ба беҳтар кардани низоми андоз ва идораи заминҳои давлатӣ равона шуда буданд, ҷорӣ мекарданд, ки заминаи иқтисодии аморатро тақвият медод.

Аз як тараф, ин методҳо ба таҳкими ҳокимият ва нигоҳдории тартибот мусоидат мекарданд, аз тарафи дигар, шароитро барои ба вуҷуд омадани назариёти танқидӣ миёни табақаҳои босаводи ҷомеа, аз ҷумла ба Аҳмади Дониш, фароҳам меоварданд. Вай дар методҳои идораи амирони манғитӣ ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфиро медид. Ҷиҳатҳои мусбат талош барои мустаҳкам кардани давлат ва нигоҳдории суботи иҷтимоиро дар бар мегирифтанд, дар ҳоле ки ҷиҳатҳои манфӣ ба методҳои сахти саркӯбӣ ва маҳдуд кардани озодандешӣ дахл доштанд.

Ин ҷанбаҳои зиддиятноки идоракунӣ ангезаи муҳимме барои ташаккули андешаҳои фалсафӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш гардиданд, ки ба беҳтар кардани сохтори иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа равона шуда буданд. Дар асарҳои худ вай аксар вақт деспотизм ва набудани адолатро танқид карда, ба методҳои идораи инсонпарварона ва маорифпарварӣ, ки манфиатҳои ҳамаи табақаҳои ҷомеаро ба назар мегиранд, даъват мекард.

Ҳақиқати ҳол аст, ки асри XIX ва ибтидои асри XX дар таърихи сохтори давлатдории Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро давраи рӯ ба завол ниҳодани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин давра амирони манғития қудрати давлатдориро ба ихтиёри худ гирифта, аз сабаби надоштани санъати зарурии идоракунӣ ва таҷрибаи давлатдорӣ, такя накардан ба арзишҳои давлатдории мардумони таҳҷойӣ

(тоҷикон) барои ба даст овардани амволу асбоб мудом ба ҷангҳои байниқавмӣ машғул шуда, вазъи зиндагии мардумро вазнин ва соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фалаҷ гардониданд.

Дар ин маврид чӣ тавре файласуфи тоҷик Б.Ҷ.Самиев барҳақ қайд мекунад «Манғитиён, ки таърих онҳоро ҳамчун дастпарвар ва идомадиҳандагони усули чингизӣ нишон медиҳад, ҳамчунин гӯиё аз урдугоҳи чингизӣ сабақ гирифта бошанд, ҳини ба сари қудрат омадан дар кишвар ба зулму зачр, беадолатӣ андармон шуда, дар натиҷа аҳволи мардуми аҳли касбу пеша ва кишоварзонро душвор гардониданд». [133, с. 40]

Файласуфи дигари тоҷик Ш.Абдуллоев бошад, ин вазъро зимни муқоисаи низоми идоракунии империяҳои румӣ ва арабӣ бо империяи чингизӣ ба таври зерин арзёбӣ мекунад: «Империяи Рум рӯйи пояи созмони сиёсии пешрафта ва империяи араб рӯи пояи маънавиёт, идеологияи ягона ва ваҳдати динӣ барқарор буданд. Дар хирвори чингизиён, империяи кӯчманчиву саҳронишин, алалхусус дар ворисони сулолаи онҳо ба ғайр аз кушторӯ ғоратгарӣ, харобиву вайронӣ, зулму истибдод, хунрезиву сӯхтор ҳеҷ гуна сарвати маданӣ ва арзишҳои маънавии воло вуҷуд надошт. Онҳо, ҳарчанд тавонистанд мисли румиён, ки баъд аз фатҳи сиёсӣ ба Юнон аз маданияту фарҳанг ва сиёсати он баҳравар гарданд ва мисли аъроб, ки аз маданияту фарҳанги ғании эрониён, оссуриҳо ва мисриён тӯшаи босамаре бардоштанд, аз фарҳангу маданияти бостонии мардуми мусулмони турку эронинажоди ин сарзамин мутаассир шаванд, вале ин таъсир сатҳӣ буд. Сулолаҳои чингизӣ аз фарҳанги бои исломӣ танҳо ҷиҳодро, он ҳам алайҳи муслимин ва мардуми худ пазируфтанд». [4, с. 18]

Умуман, аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ маълум карда мешавад, ки дар давраи ба сари қудрат омандани сулолаи манғития сарзамини Осиёи Миёна ба се хонигарӣ: Бухоро, Қӯқанд ва Хева ҷудо шуда буд. Бархе аз минтақаҳо бек ва ҳокимони худро дошта, кӯшиши онҳо ҳимояи молу амволи минтақаи худ ба ҳисоб мерафт. Хонҳо низ ҳаёти орому осоишта надошта, пайваста барои ба тобеи худ даровардани ҳудуд ва молу амволи хонигарии

дигар талоши ҷанг мекарданд ва аз оқибатҳои он, ки натиҷааш хунрезӣ, харобӣ, ноамнӣ ва ривоҷи беадолатӣ нисбат ба мардум буд, намеандешиданд. Пас, агар ин ҷо сабаби ақибмонӣ, дур шудани Осиёи Миёнаро аз чорроҳаи тамаддуни башарӣ ҷӯё шавем, иллати онро бояд на дар зербино, балки дар рӯбино, дар усули муносибатҳои сиёсию ҳуқуқии амирони манғития ҷӯем.

Ба сари қудрат омадани хонадони манғития таърихан ба соли 1753 рост меояд. Асосгузори ин сулола Муҳаммадраҳимбӣ мебошад. Ӯ аз ҳирси манфиатҷӯӣ ва ҷоҳталабӣ Абдулфайзхонро бо ҳамроҳии ду писараш ба қатл расонида, салтанатро соҳиб мешавад. Аз оғози ҳукмрониаш ҷангҳои байниқабилавиро бо бодиянишинон ва феодалони маҳаллӣ шурӯъ намуда, он минтақаҳое, ки ба тасарруфи худ медаровард, ҳатман он ҷо яке аз пайвандон, шахсони ба худ робитаи хешутаборӣ доштаро ҳоким эълон мекард.

Масалан, дар ин давра ӯ ба минтақаи Ҳисор, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маданӣ пешрафта буд, лашкар кашида, баъди ба тобеи худ даровардан амакаш Дониёлро ҳоким эълон менамояд. Ё ки худ тавассути ҷангҳои пайдарпай ба Тошкент, Шаҳрисабз, Ҷиззах ва Хуҷанд тобеони худро ҳоким эълон карда, ба ин шаҳрҳои аз ҷиҳати иқтисодию маданӣ рушдкарда, харобиҳои зиёд овард. [41, с. 89]

Дониёл бошад, дар низоми идоракунии давлат бештар ба табақаи сипоҳ такя мекард. Бинобар ин, аз оғози давлатдории золимонаи ӯ заминҳои зиёди табақаи кишоварзон ба дасти сарлашкарон гузашта, ситонидани андоз аз заминҳо афзоиш ёфт, андозҳое ба монанди амимона, никоҳона, муҳрона, ҳақи тарозу, ки ҷорӣ шуда буданд, аҳволи зисти мардумро мушкил гардонида, беадолатиро ривоҷ медоданд.

Маорифпарвар аз айёми хурдсолӣ ва марҳилаҳои минбаъдаи рушду камолоти худ аз сиёсати давлатдории амирони манғития огоҳии пурра дошт. Иллати ҳама гуна зуҳуроти руйдодаро медонист ва мекӯшид то роҳе пайдо карда, бахри ҳаллу баррасии онҳо муваффақ шавад. Аммо муҳити дарбор, сиёсати ноодилона ва бо зулм ва фасод омезишёфтаи манғитиён ба ӯ имкон намедод, ки идеяҳои худро барои дар доираи меъёрҳои адолати иҷтимоӣ

идора кардани давлат, оқилона ба ҷойи кор таъмин кардани амадлорони дарбор, ҳимоя кардани ҳуқуқ ва озодиҳои мардум, ворид кардани ислоҳот дар раванди таълиму тарбия, рушд додани соҳаи иқтисодии кишвар ва ғайра татбиқ намояд.

Ҳарчанд, идеяҳои созандаи Аҳмади Дониш аз ҷониби амирони манғития қабул намегардиданд ва дар низоми идоракунии давалат аз онҳо истифода бурда намешуд, вале таълифи асари таърихиаш бо номи «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» барои насли баъдина як шоҳкории маорифпарвар боқӣ монд, ки рӯшангари саҳифаи торики як давраи давлатдории бодиянишинон ба сари мардуми тоҷик мебошад.

Бо дарназардошти ин, метавон хулоса кард, ки ҳамон тавре ки асарҳои гаронбаҳо ва идеяҳои навоваронаи Ҷамолиддин Афғонӣ ӯро ҳамчун падари «ренессанс» байни мусулмонони Шарқ машҳур карданд, асарҳои гаронбаҳо ва андешаҳои навоваронаи Аҳмади Дониш ба ӯ шуҳрати асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ ва аввалин ислоҳотчии исломро дар Осиёи Миёна оварданд.

Ниҳоят, аз маводи таҳқиқшуда натиҷа бардошта мешавад, ки дар қадами аввал, Аҳмади Дониш ҳанӯз дар давраи зиндагии худ ба таври муфассал шарҳи ҳол, давраҳои таҳсил ва фаъолият варзидани худро дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ, дар боб ва зерфаслҳои алоҳидаи китоби «Наводир-ул-вақоеъ» баръало инъикос медорад ва бо ин васила аз зумраи нахустин муҳаққиқоне мегардад, ки дар осораш оид ба зиндагиномаю фаъолияти худ иттилои зарурирo барои хонанда пешниҳод менамояд.

Дуюм, асарҳои мутафаккири тоҷик гуногунҷанба мебошанд ва аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа шабеҳи ҳам набуда, аз ҳам тафовут доран. Дар онҳо чунин масъалаҳо, ба монанди пайдоиши олам, низоми кайҳонӣ, системаи офтобӣ, инсон ва ҷомеа, нақши инсон дар ҷомеа, пайдоиши оила ва вазифаҳои волидайн дар тарбияи фарзандон, масъалаҳои тарбияи шахсияти комил ва раҳоӣ аз шуури догматикии динӣ, системаи идоракунии давлат, усулҳои татбиқи адолат, танзими баробарии иҷтимоӣ, таъсиси артиш, муносибати ҳокимон бо тобеон, танқиди ҳокимони ҳарису тамаъҷӯ,

хурофотзадагии рӯҳониёни мутассиб ва ғайра таҳлилу таҳқиқ карда мешаванд.

Сеюм, дар зиндагӣ Аҳмади Дониш шахси мағрур, худписанд, мумсик ва ҷоҳу мансабталаб набуд. Баръакс, ӯ қаноатпеша ва босабур буд. Аз ин рӯ, кам мехӯрд, либосҳои ботакаллуф намепӯшид ва ҳамеша бар нафси худ ғолиб меомад. Хусусан, шуғли хаттотӣ ва ороиши китобҳо на танҳо дар ташаккули дунёи маънавии ӯ нақши муҳим бозиданд, балки ӯро ба хаттот ва суратгири моҳири замонаш табдил доданд. Бинобар ин, дар зиндагӣ маорифпарвар на фақат дар доираи дӯстону шогирдон, ҳамзамон дар муҳити илмӣ-фарҳангии давр эътибору эҳтироми хосса пайдо карда буд, ки далели онро пайдоиши равияи маорифпарварӣ ва дар доираи ин мактаби фикрӣ сарҷамъ гаштани аҳли рӯшанфикри Бухорои амирӣ, тасдиқ мекунад.

Ҳамин тавр, дар хулосаи зерфасл метавон натиҷагирӣ кард, ки ҷаҳонбинии фалсафӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқии Аҳмади Дониш ба таври мустаҳкам ташаккул ёфтааст. Қисмҳои муҳимми ин раванд иборат буданд аз:

- таҳсилоти ибтидоӣ, ки аз модараш гирифтааст;
- таҳсил дар мадраса;
- муоширaт бо таърихнигорон;
- машғул шудан ба расмкашӣ ва хаттотӣ, нусхабардорӣ ва китобат кардани осори ахлоқӣ ва фалсафии классикон;
- омӯзиши манбаъҳои боэътимоди таърихӣ, аз ҷумла осори файласуфон, девону достонҳои шоирон;
- иштироки мунтазам дар муҳити олимон ва аҳли фарҳанги замон;
- кашидани тарҳи лоиҳаи биноҳои давлатӣ ва иншоотҳои гуногун зимни иҷрои вазифа дар дарбор;
- иҷрои вазифаҳои масъул дар идораи сиёсии аморати Бухоро;
- сафарҳо ба Россия;
- таъсири дастовардҳои илмии замон, махсусан фалсафаи ғарбӣ;
- вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, ки зери идораи амирони манғитӣ қарор дошт ва ғайра.

Ҳамаи ин манобеъ ва боз сарчашмаҳои зиёди дигар, дар ниҳоят барои маорифпарвар ҷиҳати таҳияи асарҳои пурарзиш ва бунёд гузоштани равияи маорифпарварӣ ва дар атрофи мактаби худ ҷамъ кардани рӯшанбинони кишвар, ки идомадиҳанда ва такмилдиҳандаи афкори ислоҳоти иҷтимоӣ ва инқилобии ӯ гаштанд, мусоидат карданд ва ғайра.

## 1.3. Таносуби донишу илм ва таснифоти илмҳо дар таълимоти Аҳмади Дониш

Дониш ҳамчун шакли хотираи иҷтимоӣ ва фардӣ, таҷассуми олами айнӣ (объективӣ) дар майнаи инсон мебошад, ки аз рӯйи мақом аз иттилоот болотар қарор мегирад. Яъне на ҳамаи иттилоъ дониш аст, дар ҳоле ки худи дониш ҳамеша иттилоот аст.

Дар боби назарияи маърифат донишҳоро вобаста ба сарчашмаҳои пайдоиш ва ба вуҷудоӣ ба ҳиссӣ ва ақлӣ гурӯҳбандӣ мекунанд. Дониши ҳиссиро зинаи ибтидои маърифат меҳисобанд, ки воқеан саҳеҳ аст. Чунки тавассути ин шакли маърифат робитаи инсон бо муҳити беруна, фаъолияти дигаргунсозии ӯ оғоз меёбад. Ин навъи дониш бевосита бо панҷ узви ҳис: босира, сомеъа, шомма, зоиқа ва ломиса ва се зинаи он: эҳсос, идрок ва тасаввур иртиботи зич дорад.

Масалан, агар тавассути эҳсос - образ, инъикоси хосиятҳои алоҳидаи ашё ва ҳодисаҳои олами объективӣ, образи субъективии ҷаҳони объективӣ инъикос ёфта, дониш ҳосил гардад, пас, ба василаи идрок - тасвири томи ашё, зуҳуроти олами воқеӣ анҷом мепазиранд. Тасаввур бошад, - тасвири умумӣ, ҳиссӣ-аёнии воқеияти объективӣ мебошад, ки аз ҷониби инсон дар айни замон дарк карда намешавад, балки он бо гузашта ё оянда робита дорад. Дар ин тасвир умумикунонӣ, ҷудо сохтани баъзе аломатҳои умумӣ ва рад кардани аломатҳои тасодуфӣ ва ночизи ашёву предметҳои воқеият дида мешавад.

Бо вуҷуди ин мушоҳидаи ҳиссӣ - танҳо як қисми хурди он ашёву предмете аст, ки инсон дониста мегирад. Нақши хоссаро дар раванди ҳосил

кардани дониш - тафаккури ақлонии шинохти олам мебозад. Хусусиятҳои хосси тафаккур инҳоянд: моҳияти предмет, ҳодисаю зуҳуротро ифода мекунад. Маърифати ақлӣ на танҳо маълумоти идроки ҳиссиро ба низом медарорад, балки чизи наверо, ки дар мушоҳидаи зиндаи инсон вуҷуд надорад, тавлид мекунад. Бавижа, идроки мақсадноки воқеият, раванди муҷаррадсозӣ (абстраксия), таҷриди тасвирҳо аз объектҳои мушаххас, хосиятҳои онҳо мебошад.

Инчунин, тафаккур табиати иҷтимоӣ дорад, зеро дар раванди шайъикунонии натиҷаҳои тафаккур дар амалияи инсон мувофиқати донишҳои бадастомада бо олами айнӣ сурат мегирад. Зинаи аввалини маърифати ақлӣ мафҳум мебошад чунки он инъикоси ашёҳо бо хосиятҳои куллию муҳимми ашёҳоро инъикос мекунад.

Ба фаҳмиши дигар, тасвири мантиқии воқеият аст. Ҳукм бошад, зинаи дуюми дониши ақлиро ташкил дода, як шакли тафаккур ба ҳисоб меравад, ки робитаҳои муайян, муносибатҳои байни ашё ва падидаҳои олами воқеиро ифода медорад. Хулоса ба сифати зинаи сеюми дониши ақлӣ эътироф мешавад ва як шакли тафаккур аст, ки барои ҳосил намудани донишҳои нав аз донишҳои қаблан муқарраршуда, мусоидат менамояд.

Дар тафовут аз дониш - илм ин фаъолияти инсон аст, ки ҳадаф ва мазмуни он маърифати олам ҳамчун низоми ягона дар асоси муҳокимаҳои мантиқӣ ва таҷрибаҳо мебошад. Сарчашмаи асосии пайдоиш ва рушди илм бошад, пайваста ҷамъ гардидани донишҳои амалӣ (эмпирикӣ) буд, ки ҳазм кардани онҳо дар майнаи сар дер ё зуд бояд амалӣ мегашт. Ба ҳайси объекти донишҳои илмӣ ашё ва зуҳуроти муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ, ки дар низоми амалияи иҷтимоӣ ворид мегарданд, мавриди корбаст қарор гирифтанд. Забони илм – ин ифодаи тафаккур дар шакли мафҳумҳост.

Умуман, илм дар асоси донишҳои муқаррарӣ зуҳур мекунад. Дониши муқаррарӣ ин дониши бенизомест, ки дар зери таъсири шароити

ҳаётии ҳар як инсон ташаккул меёбад ва талаботи оддитарини ҳаётии ӯро қонеъ мекунад. Аммо хусусияти дониши илмӣ дар он ифода меёбад, ки илм бо ҷамъбаст намудани объектҳо, воқеиятҳо сару кор дорад, ки онҳо ба объекти таҷрибаи оддӣ мутобиқ буда наметавонанд. Барои гузаронидани таҳқиқот илм ба маҷмуи махсуси олоти корӣ эҳтиёҷ дорад, ки тавассути онҳо имконияти ташаккул додани усулҳои хоссаи асоснок намудани ҳақиқати донишро, ки ба қатори онҳо назорати санҷишии дониши ҳосилшуда низ дохил мешавад, фароҳам меоварад.

Илмӣ будани дониш дар он ифода меёбад, ки он шарҳу тавзеҳ додани далелҳои воқеӣ ва фаҳмиши ақлонии оҳоро дар доираи тамоми низоми илми мушаххас анҷом дода тавонад. Агар дониши оддӣ ин ё он ҳодисаро шарҳ диҳад, илм на танҳо тарзи пайдоиш, балки сабаби онро низ тавзеҳ медиҳад. Дониши илмӣ исботу далелро талаб мекунад ва ҳар навъ ҳукму хулоса он гоҳ илмӣ шуда метавонанд, ки агар онҳо бо далелҳо ба исбот расонида шуда бошанд.

Инчунин, раванди маърифати илмӣ аз рӯйи моҳияташ хусусияти эҷодӣ дорад. Дар донишҳои илмӣ воқеият дар қолаби мафҳумҳо, мақулаҳо, принсипҳо ва қонунҳои умумӣ, диаграммаҳо, нақшаҳо ва ғайра тасвир карда мешавад. Бинобар ин, илм – ҳамчун намуди фаъолияти маърифатӣ низомнокии назариявии донишҳои объективиро дар бораи воқеият коркард мекунад. Он аз амалия пайдо шуда, талаботи истеҳсолоти моддӣ ва таҷрибаи ҷамъиятии одамон асоси пешрафти илм аст. Илм падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ буда, аз сиёсат, ҳуқуқ, дин, санъат, ахлоқ ва дигар шохаҳои гуногуни илм тафовут дорад, ки умумият ва фарқият доштани онҳо масъалаи меҳвари мавзуи таснифоти илмҳо аст. Аз ин рӯ, дар ин зерфасл кушиш мекунем, ки дар асоси такя намудан ба осори Аҳмади Дониш афкори ӯро доир ба баррасии таносуби дониш ва илм ва масъалаи таснифоти илмҳоро дар таълимоти маорифпарвар муайян намоем.

Аз ин рӯ, пеш аз таваҷҷуҳ додан ба дараҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур дар таълимоти Аҳмади Дониш бояд қайд кард, ки дар таърихи

фалсафа ба мавзуи муайян кардани таносуби байни донишу илм ва баррасии масъалаи таснифоти илмҳо бештари намояндагони мактабҳои фалсафӣ аҳамият додаанд. Махсусан, то пайдоиши илм ҳамчун низоми донишҳо, намуди махсуси фаъолият, яке аз ниҳодҳои асосии ҷомеа мутафаккирон мафҳумҳои дониш ва илмро ба як мазмун мефаҳмиданд. Новобаста аз он ки вобаста ба тамоилгирӣ дониш ба навъҳои гуногун: донишҳои ғайриилмӣ ва донишҳои илмӣ ҷудо карда мешуд.

Донишҳои ғайриилмиро донишҳои бенизом, пароканда ва бепоя шуморида, донишҳои илмиро донишҳои низомнок, мураттаб, бодалел, ки воқеиятро объективона инъикос медоштанд, шарҳу тавзеҳ медоданд. Аммо масъалаи таснифоти илмҳо бошад, аз қадим, то пайдоиши илм яке аз мавзуҳои меҳварии таълимоти файласуфон, аз ҷумла Афлотуну Арасту қарор гирифта буд. Аз ҷумла, муҳаққиқи аврупоӣ В.Вундт дар тасдиқи ин андеша бамаврид ишора карда буд, ки Афлотун ва Арасту аз он саромадоне ба ҳисоб меравaнд, ки дар таълимоти худ ба ин мавзуъ амиқ равшанӣ андохтаанд. Аз ин рӯ, назарияи афлотунӣ ва арастуӣ ду назарияи бузурги давраи қадим доир ба таснифоти илмҳо мебошанд. [38, с.44]

Аз таҳлилу муқоисаи ин андеша бармеояд, ки донишмандон пайдоиши донишҳои илмиро ба давраи қадим нисбат медиҳанд ва дар ин маврид саҳми мутафаккирони Юнони қадимро дар ташаккул ва рушди донишҳои илмӣ баланд арзёбӣ медоранд.

Ҳарчанд таҳқиқи муфассали мавзуи мазкур таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад ва дар доираи ин зербоб таҳлили пурраи он имкон надорад, вале ин андеша асоси воқеӣ дорад ва сарчашмаҳои муътамаде, ки аз гузаштагони мо мерос мондаанд дурустии ин фикрро тасдиқ менамоянд.

Бо вуҷуди ин омӯзиш ва таҳлили осори Афлотун нишон медиҳад, ки маҳз ӯ аз аввалин ҳакиме аст, ки илмҳоро ба се бахш тақисм мекунад:

1) илми ҷадал (диалектика);

2) илмҳои табииёт;

3) илми ахлоқ ва ё сиёсати мудун.

Масалан, агар файласуф дар асарҳои «Теэтет», «Парменид» ва «Софист» илми диалектикаро ташаккул дода бошад, дар китобҳои «Тимей» ва «Федон» [116] илми табииёт ва дар асарҳои «Ҷумҳурият», «Сиёсат», «Горгий» ва «Филеб» [116, с. 71, 73-75] ба ташаккул ва рушди илми ахлоқ ва сиёсати мудун замина мегузорад. Илмҳои ҷадал ва табииётро Афлотун ба силсислаи илмҳои назарӣ ва ахлоқу сиёсати мудунро ба таркиби илмҳои амалӣ дохил мекунад.

Донишманди тоҷик Ш.Т. Амирхон дар тасдиқ ин андеша барҳақ мешуморад, ки «Афлотун (асри IV пеш аз милод) таълимоти мактаби суқротиро идома дода, дар асарҳояш, аз ҷумла «Ҷумҳурият», муколамаҳои «Тимей», «Критий», «Сиёсат», «Навомис» («Қонунҳо»), «Федон» ва ғайра, ба масъалаҳои фалсафаи амалӣ, аз қабили тарбия, ахлоқ ва сиёсат таваҷҷуҳи хосса намудааст». [194, с. 32]

Бояд қайд кард, ки Арасту ба мисли Афлотун илмҳои мантиқ, табииёт ва метафизикаро ба силсилаи илмҳои назарӣ дохил карда, илми шеър, бадеъ, суханварӣ, ахлоқ ва сиёсати мудунро ба силсилаи илмҳои амалӣ шомил менамояд. Ба назари ӯ, фалсафаи назарӣ олитарин ва комилтарини донишҳо мебошад. Бо он асос, ки ин бахши фалсафа доир ба сабабҳо ва оғозҳо, ҳаракат ва тағйирёбии ашёҳо, дар бораи абадият ва азалияти олам маълумот медиҳад. [19, с.67, 69, 100-103, 272]

Агар ин ҷо низ дар мавриди таносуби илму дониш дар таълимоти Афлотуну Арасту таваҷҷуҳ диҳем, маълум метавон кард, ки онҳо ҳам илм ва ҳам донишро ба як маъно мефаҳманд, ё худ муродифи ҳам меҳисобанд.

Инчунин, ба як тамоилгирии дигари андешаҳои мутафаккирон мебояд аҳаммият дод, ки дар тафовут аз Афлотун, Арасту донишҳои назариро ба донишҳои таҷрибавӣ муқобил намегузорад, балки донишҳои амалиро аз донишҳои назарӣ ҷудо мекунад. Ҳадафи донишҳои амалиро хайр пиндошта, ҳадафи донишҳои назариро дониш ва ҳақиқат мешуморад.

Дар баробари ин, Арасту физика, математика ва теологияро се қисми асосии донишҳои назарӣ ва се илм дар бораи ҳастӣ медонад. Аз диди ӯ

физика илм дар бораи ҷисм ва ҳастӣ аст; математика илм дар бораи тағйирнопазирӣ ва ҷудо аз ҷисм, ҳастии тааққулӣ мебошад; теология илм дар бораи беҷисмӣ ва ҳастии тағйирнопазир тавсиф карда мешавад. Фалсафаи уло ё метафизикаро бошад, мутафаккир илми ниҳоӣ, илми маърифати Худо мешуморид.

Файласуфи тоҷик Ё.Ниёзӣ дар мавриди муқоисаи таснифоти илмҳо дар таълимоти Афлотун ва Арасту ибрози андеша карда, ба чунин хулоса расидааст, ки диалектикаи афлотунӣ дар низоми илмии Арасту номи аналитикаро гирифта, баъдан ба мантиқ мубаддал шуд. [200, с. 19-26]

Ҳамин тавр, Арасту ба масъалаи таносуби илму дониш таваҷҷуҳи махсус дода, муътакид бар он мешавад, ки фалсафаи амалӣ на илм, балки маҷмуи донишҳост. Ба назари ӯ дониши амалӣ ҳолати мобайнии байни маҳорат ва санъат, ки ба образи бадеӣ доданро ба ашёву ҳодиса талаб мекунанд, мебошад. Инчунин, ба предмети омӯзиши фалсафаи амалӣ - озодӣ ва рафтори инсонро ворид карда, зикр менамояд, ки донишҳои амалӣ бевосита амал ва фаъолияти инсонро таҷассум менамоянд [18].

Ё худ аз таҳлили андешаҳо бармеояд, ки Арасту аввалин файласуфе мебошад, ки ба таври воқеӣ дар байни донишҳои илмӣ фарқиятро гузошта, фалсафаи амалиро ба ахлоқ, иқтисод ва сиёсат тақсим мекунад. Ин андеша аз он далолат мекунад, ки ба таври мукаммал фалсафаи амалӣ ҳамчун қисми таркибии фалсафа аз ҷониби Арасту пешниҳод гардидааст. Ӯ бо таҳияи китобҳои «Сиёсат», «Ахлоқи Никомах», «Ахлоқи Эвдем» ва «Ахлоқи бузург» моҳият ва арзиши фалсафаи амалиро кушода, ҷойгоҳи онро дар низоми илмҳои фалсафӣ муайян намудааст». [194, с. 33]

Муҳаққиқи эронӣ Саидюнус Адёнӣ масъалаи таснифоти илмҳоро аз ҷониби Арасту ба воқеият наздик шуморида, онҳоро ба се бахш ҷудо мекунад:

1) назарӣ - қисми донишҳое, ки барои худ вуҷуд доранд;

2) амалӣ - бахши донишҳое, ки муайянкунандаи рафтори инсон мебошанд;

3) эҷодӣ - бахши донишҳое, ки барои сохтани ашёи судманд ва зебо талқин мекунанд». [130, с. 18]

Бояд зикр намуд, ки дар таълимоти намояндагони мактабҳои фалсафии бостонии тоҷику форс ба масъалаи таснифоти илмҳо таваҷҷуҳи хосса дода нашудааст. Аммо шурӯъ аз Абӯнасри Форобӣ баъдан Абӯалӣ ибни Сино, Насириддини Тусӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ ва дигар файласуфони тоҷику форс ба масъалаи таснифоти илмҳо аҳамияти ҷиддӣ додаанд.

Файласуфони тоҷик Н. Саидов [201] ва Ё. Ниёзӣ [200] дар таҳқиқотҳои худ ба ин назар ҳастанд, ки Ал-Киндӣ фалсафаи Юнонро тафсил ва таъвил намуда, фалсафаи Арастую Афлотун ва навафлотунияро бо ҳам омезиш дод ва дар натиҷа системаи фалсафаи машшоияи шарқиро ба вуҷуд овард. Хусусан, ба иттилои Н.Саидов ва Ё.Ниёзӣ, ба ғайр аз ал-Форобӣ, ба масъалаи таснифи улум дигар донишмандон таваҷҷуҳи зиёде надоштанд.

Абӯнасри Форобӣ ба мавзуи таснифоти илмҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, доир ба тавзеҳи бахшҳои он рисолаи алоҳидае бо номи «Иҳсо-ул-улум» таълиф кардааст. Дар китоби мазкур илм ба панҷ қисм тақсимбандӣ карда мешавад:

1) илми забон ва бахшҳои он;

2) илми мантиқ ва бахшҳои он;

3) илми таълиме, ки иборат аз: ҳисоб ва ҳандаса, илми манозара, илми нуҷуми таълимӣ, илми мусиқӣ, илми атфол ва илми ҳиял;

4) илми табиӣ ва бахшҳои он ва илми илоҳӣ ва бахшҳои он;

5) илми маданӣ ва бахшҳои он, улуми фиқҳ ва калом. [8, с. 5]

Маводи ин китоб аз он ҷиҳат фоидаовар аст, ки чун агар касе хоҳад илме аз улумро азбар кунад ва дар он ба таҳқиқ пардозад, бидонад, ки ба чӣ кор иқдом мекунад ва дар чӣ чиз ба пажӯҳиш мепардозад. Ӯро аз ин таҳқиқот чӣ суде ҳосил мешавад ва ба чӣ дастоварде мерасад ва аз чӣ фазилате баҳравар хоҳад шуд. Донистани ин меъёрҳо сабаб мешаванд, ки инсон барои фарогирии ҳар дониш ва фанне бо огоҳӣ ва дурандешӣ, на аз сари ғафлат ва бехабарӣ, қадам бардорад.

Ба андешаи худи Форобӣ «Инсон ба мадади ин китоб метавонад миёни анвоъи илмҳо ба муқоиса бипардозад то бидонад кадом бартар ва кадом судмандтар, кадом решадортар, мутмаинтар ва моядортар аст ва кадом сустбунёнтар ва беасостар ва каммоятар». [8, с. 4]

Ҳамзамон, ин китоб барои шинохтани касе, ки дар илме аз ин илмҳо даъвои хушфаҳфӣ мекунад ва дар воқеъ сармоя ва баҳрае аз он надорад, низ судманд аст. Зеро агар аз ӯ бихоҳанд, ки аз куллиёти матолиби он илм хабар диҳад ва бахшҳои онро баршумурад ё хулосае аз ҳар бахши онро боз гӯяд ва ӯ аз уҳдае барнаояд, дурӯғ будани иддаояш ошкор мешавад.

Ба маълумоти муҳаққиқи эронӣ Саид Ҳусайн Худевҷам «Зимнан, барои ҳар адиби зуфунун (донандаи чандин илму фан), ки мехоҳад аз ҳар дониш тӯшае ва аз ҳар хирман хӯшае баргирад ва низ барои касе, ки дӯст дорад худро ба аҳли донише монанд созад то гумон баранд, ки ӯ ҳам аз гурӯҳи донишварон аст, мутолиаи ин китоб муфид мебошад». [8, с.4]

Аз таҳлил ва хулосаҳои муҳаққиқ баремояд, ки ӯ байни илм ва дониш фарқ намегузорад ва онҳоро муродифи ҳам меҳисобад. Ба ҷойи мафҳуми илм истифода бурдани истилоҳи дониш тақвиятдиҳандаи гуфтаи фавқуззикр аст.

Дар рисолаи «Ал-танбеҳ ъало сабил ас-само» бошад, Форобӣ анвоъи илмҳо ба ду бахш тақсим мекунад:

1) Бахше, ки дар бораи мавҷудоте сухан мегӯяд, ки амали инсон дар эҷоди онҳо дахолате надорад ва номаш улуми назарӣ аст.

2) Бахше, ки аз мавҷудоте гуфтугӯ мекунад, ки бо амалу иродаи инсон эҷод мешавад ва ба ӯ меомӯзад, ки кори некро чи гуна метавон анҷом дод? Номи ин бахш улуми амалӣ ва фалсафаи маданӣ аст.

Ӯ дар ин таснифот риёзиёт; илми табиӣ ва илми илоҳӣ (мобаъдуттабиа) – ро ба силсилаи илмҳои назарӣ шомил медорад ва илмҳои амалӣ ва ё фалсафаи маданиро ба ду бахш тақсим мекунад:

1) бахше, ки ба таърифи афъоли нек мепардозад ва аз он хубиҳо сухан мегӯяд, ки афъоли нек аз онҳо мояе мегирад ва шеваи расидан ба иллалу

асбоби онҳоро нишон медиҳад, то анҷоми аъмоли нек имконпазир бошад. Ин бахшро саноати хулқия ё улуми ахлоқӣ меноманд.

2) Бахше, ки аз шинохтани умуре сухан мегӯяд, ки ба воситаи онҳо заминаи анҷоми аъмоли нек барои мардуми шаҳрҳо фароҳам мешавад ва роҳи омӯхтан ва ҳифзи ин аъмолро нишон медиҳад. Ин бахшро фалсафаи сиёсӣ ё илми сиёсат меноманд. [16, с. 21]

М.Ғаззолӣ, ки дар таълимоти худ ба инкори фалсафа иқдом намуда буд дар мавриди шахсияти Форобӣ ва Ибни Сино менависад: «Ман дар миёни фалсафаи ислом чуноне ки ҳамагон ақида доранд аз Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ касе бартар намешиносам. Аз ин рӯ, дар мабоҳиси илмӣ фақат бар ин ду эътироз мекунам? Зеро агар хатои ин дӯстон шуд хатои дигарон ба тариқи аввалӣ собит аст. Абӯалӣ ибни Сино, ки андаке баъд аз Абӯнаср зиндагӣ карда, ба фазоили Абӯнаср эътироф намуда ва шогирди китоби ӯ буда, чуноне ки худи ӯ мегӯяд: аз фалсафаи Арасту роҷеъ ба мовароуттабиа баҳра намебурд то рисолаи Абӯнасрро ба даст овард ва ағрози мовароуттабиаро фаҳмад». [8, с. 28]

Бояд қайд кард, ки таснифоти илмҳо аз тарафи Форобӣ, ки дар китоби ӯ «Иҳсо-ул-улум» дарҷ ёфтааст, мукаммалтарин мавод оид ба ин мавзуъ мебошад. Баъдан яке аз сарчашмаҳои асосии мавзуи табақабандии илмҳо аз ҷониби Ибни Сино ва мутафаккирони баъдинаи тоҷику форс гардид.

Махсусан, дар таълимоти Аҳмади Дониш ба мисли Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ва дигар файласуфон ба мавзуи таснифоти илмҳо таваҷҷуҳи зарурӣ дода нашудааст. Дар ягон асарҳояш оид ба ин масъала фасли алоҳидаеро набахшидааст. Дар ягон таълифоти худ ишора намекунад, ки маҳз дар масъалаи таснифоти илмҳо андешаҳои ӯ таҳти таъсири ақидаҳои Афлотуну Арасту ташаккул ёфта бошанд. Бо вуҷуди ин, ӯ яке аз донишмандони забардаст ва рушддиҳандаи донишҳои илмии замони худ буд. Масалан, Садри Зиё дар бораи шахсият ва саҳми Аҳмади Дониш дар рушди донишҳои илмӣ маълумот дода, менависад, ки «Аҳмад Махдуми Дониш (1244/1827-1314/1897) яке аз мутафаккирони барҷастаи тоҷики асри XIX аст,

ки ҳамчун шоиру насрнавис, файласуфу маорифпарвар, муарриху сиёсатмадор, муҳандису меъмор, мунаҷҷиму ҷуғрофидону маъданшинос, сураткашу хаттот, ҷомеашиносу ҳуқуқшиносу ҳофизи Қуръон, мусиқишиносу табиб шинохта шудааст». [129, с. 382]

Аз ин маълумот бармеояд, ки маорифпарвари тоҷик аз илмҳои табиӣ-риёзӣ ва дақиқ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ, ё худ силсилаи илмҳои назарӣ ва амалӣ дониши кофӣ доштааст. Ин андешаро низ осори таълифкардаи ӯ, ки фарогири мавзуҳои марбут ба инсон, ҷомеа, дин, табиат ва дар маҷмуъ олам мебошанд, тасдиқ мекунад.

Умуман, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷиҳатаи осори ӯ нишон медиҳад, ки ӯ байни илм ва дониш тафовути ҷиддиеро намебинад. Илм ва донишро муродифи ҳам ҳисобида, анвоъи илмҳоро вобаста ба самтгирӣ бо ибораи «донишҳои илмӣ» ифода менамуд. Қайд мекунад, ки бе илм кори ҷаҳон сомон наёбад ва кас ба ҷойе нарасад, номе аз худ боқӣ натавонад гузошт. Зеро «Касби дунё ба ҷамъ аст ва касби охират ба тарк, ба тақйиди илм тарғибан шакк зиёда шуда, ки агар тарк мекунӣ ба илм тарк кун ва агар ҷамъ мекунӣ ҳам ба илм, ки ҷамъу тарк бе илм муфзӣ ба ҳалокат аст ва аммо тарк чун касе аз халқ мӯъриз бошад ва ба кӯҳу мағора муқим бувад, ӯро ҳеҷ гуноҳе ва исме оид нашавад, зеро ки ҳамаи маосӣ аз ихтилот нашён кунад ва бар он фитрате, ки аз модар зода, ба ҳамон фитрат аз ҷаҳон бигзарад ва яҳудӣ – яҳудӣ, насронӣ – насронӣ, чӣ агар зан набинад, куҷо зино мутаҳаққиқ шавад ва агар мол набувад, кай дӯздӣ мутаваққеъ бошад?!». [24, с. 65-66]

Асосан, аз омӯзиш ва таҳқиқи пурраи осори таълифкардаи Аҳмади Дониш бармеояд, ки ӯ дар ягон асари худ фасли алоҳидаеро ба масъалаи табақабандии илмҳо набахшидааст. Аммо тамоилгирии андешаҳои ӯ дар баёни ҳақиқати касбу пешаҳо далолат аз он мекунанд, ки ӯ силсилаи илмҳоро ба ду бахши асосӣ: назарӣ ва амалӣ ҷудо мекунад.

Ба андешаи ӯ, ба силсилаи илмҳои назарӣ дохил мешаванд: фалсафа, таърих, мантиқ, ҳуқуқ, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, табиатшиносӣ, ҷуғрофия, маъданшиносӣ, калом, фиқҳ, тасаввуф ва ғайра.

Аз ҷанбаи дигар, яъне вобаста ба мавзуи омӯзиш илмҳоро ба илмҳои динӣ ва дунявӣ ҷудо мекунад. Қайд мекунад, ки илмҳои дунявӣ иборатанд аз: фалсафа, таърих, мантиқ, ҳуқуқ, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, табиатшиносӣ, тибб, ҷуғрофия, маъданшиносӣ ва ғайра, ки мавзуҳои омӯзиши онҳоро таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни офариниши олам, фаҳмиши табиат, таҳқиқи коинот, ҳалли муаммои инсон, ҷомеа ва усулҳои идоракунии он, таҳқиқи мавлиди сулса (маъданиёт, набoтот ва ҳайвонот), робита ва тамоилҳои ба ҳам зидди зухуроти ба вуқӯъомадаи табиату ҷомеа ва ғайра ташкил медиҳанд. Аммо илмҳои шаръӣ калом, фиқҳ ва тасаввуф мебошанд, ки масоили «маърифати зот ва сифоти боритаоло ва илтизоми азимат дар ҷамеъи ибодоти баданӣ» [24, с. 65], руҳу тан, зиндагии пас аз марг ва ғайраро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Дар ин маврид ӯ таъкид мекунад: «ғарази шумо аз таҳсили илмҳои шариат низ таҳсили ҷоҳу мансаб ва тақарруби умаро ва ҳукком набошад, балки ғараз рафъи эҳтиёҷи халқ ва таълиму тааллуми абнои ҷинс ва иршод ва ҳидояти эшон бувад...». [25, с. 16]

Илмҳои ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудунро бошад, маорифпарвар ба шохаҳои илмҳои амалӣ дохил карда, ин бахшро ба мисли файласуфони гузашта, ҳикмати маданӣ меномад. Ба андешаи ӯ «ҳикмати маданиву манзилӣ ин иқтизо дорад, ки ҳар шахсе аз ашхос ба навъе аз анвоъ ба ҳамдигар мумиду муовин бошанд, ба дасту забону гуфтор ва кирдор. Ва бояд, ки ғараз аз ин муованат салоҳи маданию манзилӣ бошад, на фасоди он».[24, с.34-35]

Бо вуҷуди ин аз ин нигоштаҳо бармеояд, ки барои Аҳмади Дониш низ чун Форобию Ибни Сино, Насириддини Тусию Қутбиддини Шерозӣ ва дигар файласуфон - фалсафаи амалӣ ин дониш дар бораи зиндагии инсон, ба даст овардани саодату хушбахтӣ, камолоти маънавӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нишон додани шаклҳои оқилонаю одилонаи идораи ҷомеа ва давлат ба хотири бунёди ҷомеаи бонизому пешрафта ва ғайра мебошад. Аммо ӯ муҳиммияти фалсафаи амалиро дар он мебинад, ки тавассути ин илм тарзи

рафтор, кирдори инсон ва муносибатҳои иҷтимоӣ муайян мешаванд. Ин илм иштироки бевоситаи инсонро дар бунёд ва рушди ҷомеаи боадолат, бонизом ва мутамаддин таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, дар тафовут аз тамоилгирии андешаҳои мутафаккирони гузашта Аҳмади Дониш дар боби таснифоти илмҳо ба паҳлӯи таҳқиқнагаштаи мавзуъ равшанӣ медиҳад. Яъне, вобаста ба махсусияти касбу пешаҳо, ки марбут ба қишрҳои мухталифи аҳолӣ мебошанд ба онҳо зарурати азхуд кардани анвоъи илмҳои мушаххасро пешниҳод мекунад.

Аз ҷумла, қайд мекунад, ки пешаҳое, ки махсуси аҳли сайф аст - силоҳу саворӣ ва тиру туфанг, гӯштингирӣ ва донистани дақоиқи он ва илми ҷангу ҷидол мебошанд. Пешаҳои аҳли касбу ҳунарро – заргарӣ, хадодӣ, наҷҷорӣ, гилкорию бофандагӣ, хайётӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Он чӣ василаи аҳли кишоварз аст аз тартиби ниҳолу заръ ва боғу бӯстон ва нигоҳдошти меваҳо дар фаслҳои сол, яъне воқиф будан аз илмҳои кишоварзӣ, нигоҳдории маҳсулот ва коркарди анвоъи шарбату обмеваҳо ва ғайра мебошанд. Ва аммо пешаҳое, ки аҳли қалам бад-он нон талабанд, музовалати улуми зоҳир аст: - аз фиқҳ ва фароиз ва ҳисоб ва илми фатво ва сиҷҷил ва тиббу нуҷум ва шеъру китобат ва хатту нақш ва муаллимию дабирӣ ва ғайра, ки ҳам масолеҳи ҳикмати маданиро мӯинанд ва ҳам тараққӣ дар ҷавҳари ақлу рӯҳро... [25, с.50-51]

Аммо Аҳмади Дониш пешаҳои аҳли қаламро бар ҳамаи дигар ҳунарҳо афзалтар мешуморад, зеро ба андешаи ӯ худи аҳли қалам ашрафи табақоти мардум мебошанд. Дар робита бо ин, ӯ ба таври муфассал, бо овардани далелҳои муътамад зарурати азбар кардани касбу ҳунарҳо ва ба нафъи мардум истифода бурдани онҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар бораи илми тибб, ки тавассути азхуд кардани он табибон ба мардум даво мебахшанд, солимии ҷомеаро нигоҳ медоранд маорифпарвар изҳори андеша карда, онро илми зарурӣ мешуморад. Аммо ӯ, ки аз сатҳу саводи табибони бухороӣ огоҳӣ дошта, аз усули табобати онҳо воқиф буд аз ин вазъ изҳори нигаронӣ намуда, менависад, ки «Дидам, ки аксари аҳли он нодонанд ва

таламмуз нокарда ва ба хизмати устод норасида. Ва он чӣ аз тарокиб ва маоҷин кунанд ва он чӣ аз аҷзои маоҷин гӯянд ҳам аз нусхаҳо будааст ва мизоҷи давову дору ношинохта ва амалу феъли онро имтиҳон нанамуда, бисёр касонро ба ҳалокат оварданд. Ва ба як филс дору як дирам гирифтанд ва ҳама аз илми ташреҳ ва набз ва қорура бехабар буданд». [25, с. 57]

Маорифпарвар илми нуҷумро фанни шариф меҳисобад ва қайд мекунад, ки он мӯҳтавӣ аст бар фунуни мутакассира аз илми ҳайат ва ҳандаса ва илми ҷуғрофиё ва масоҳату ҳисоб ва маърифати само ва арз. Ҳарчанд ба воситаи мувозалат ва мубоширати баъзе ахиссо, ки онро василаи нон кардаанд, мақдӯҳу маҷрӯҳ шуда. Медидам, ки аксари аҳли нуҷуми бухороӣ дониши кофии астрономӣ надоштанд. Маълумотҳои беасос пешниҳод карда ва ба ҳар сабақе дираме мехостанд. Яъне «Илми улвиро воситаи таҳсили даниёти сифла карда буданд. Нон даркор, то маъриати осмон ба ҳосил ояд. Онҳо осмонро барои нон фуруд оварданд». [25, с. 58]

Дар асари «Манозир-ул-кавокиб», маорифпарвар ба таври муфассал дар бораи нафъи ин илм маълумот дода, нуҷумро маҷмуи донишҳои космогонӣ ва космологии инсон дар бораи Коинот тавзеҳ медиҳад. Ба назари муҳаққиқи тоҷик М.Холов, «Дастнависи «Манозир-ул-кавокиб»-и Аҳмади Махдуми Дониш яке аз дастнависҳои нодири асри XIX мебошад, ки ба услуби анъанавии астрономияи классикии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои миёна - зиҷҳо навишта шудааст. Дар он маълумоти муфассал дар бораи истилоҳот ва рамзҳои астрономия, системаи ҳисобкунии шастякии позитсионӣ ё «системаи астрономон», ҳафт сайёра (кавокиби сабъа), дувоздаҳ аломати зодиак, ҷойгоҳҳои моҳӣ, сар ва думи ситораҳои думдор (зузуввоба, зузанаб) мавҷуданд». [23, с. 3]

Ба ақидаи Аҳмади Дониш, сари аждаҳо бахту шодӣ меорад, дар ҳоле ки думи аждаҳо зишт ҳисобида мешавад ва ба заъфу ноумедӣ мебарад. Интиқоли ситора аз як аломати зодиак ба дигарро ӯ таҳвил ном мебурд. Интиқоли Моҳ ба аломати зодиакро интиқол меномид. Наздикшавии ду ситора дар як аломати зодиакро кирон ё мукорана меномид. Аҳмади Дониш

наздикшавии сайёраҳоро дар як аломати зодиак таҳлил мекард ва хосиятҳои ҳодисаҳои рухдодаро шарҳ медод.

Масалан, ба ақидаи ӯ, агар Сатурн ба аломати Ҳамал интиқол ёбад, ин ҷангҳо ва муҳорибаҳо байни султонҳо, ҳавои сард, боронҳои шадидро пешгӯӣ мекунад, ки вазъи мардумро бадтар мекунад ва ғайра. Ё интиқоли Сатурн ба аломати Ҷавзо ба пайдоиши шамолҳои хушк, паҳншавии бемориҳо байни ҷавонон, пусиши меваҳо ва зиёдшавии боришот мусоидат мекунад. Агар Сатурн ба аломати Саратон интиқол ёбад, ин ба хунукии шадид, зиёдшавии боришот, вайроншавии захираҳои об ва офатҳо барои ҳайвоноти обӣ мебарад. Интиқоли Муштарӣ ба аломати Ақраб шӯришҳо, исёнҳо, ғоратгарӣ ва гум шудани молу мулкро пешгӯӣ мекунад. Умуман, Аҳмади Дониш интиқоли сайёраҳоро дар 12 аломати зодиак таҳлил карда, ҳодисаҳои рухдодаро дақиқ пешгӯӣ мекард.

Мутафаккир ҷисмҳоро ба ду категория тақсим мекард: оддӣ ва мураккаб. Ҷисмҳои оддиро низ ду гуна мешуморад: осмон ва моддаҳои унсурӣ ва унсурҳои заминӣ. Ҷисмҳои мураккабро ба се категория тақсим мекард: минералҳо, наботот ва ҳайвонот, ки онҳоро «се модда» меномид. [23, с. 136]

Чор унсурро бошад, ӯ асоси пайдоиши мавҷудот мешуморид ва мутмаин буд, ки Замин дар маркази осмонҳо қарор дошта, шакли кура дорад. Кӯҳҳо, ҷариҳо, баландиҳо ва пастиҳо ба он шакли сферикӣ медиҳанд ва як чоряки онро об ташкил медиҳад.

Ба андешаи Аҳмади Дониш асоси пешгӯиҳои астрономӣ ба мавқеи ситораҳо, омезиши онҳо ва вақт алоқаманд аст. Ҳамин тавр, донистани тақдир қисми доираи зодиакӣ мебошад, ки ба уфуқи тулӯъкунанда мувофиқат мекунад. Тақдир рӯҳ, ҷисм, ҳаёт ва оғози корҳо, инчунин хушбахтӣ ва бадбахтӣ ва шароити зиндагиро рамзӣ мекунад. [23, с. 145]

Ҳадафи пешгӯии тақдир бо ёрии ситораҳо муайян кардани бахту шӯре мебошад, ки метавонанд ба оила, инсон ё кишвар дар давоми сол расанд. Аҳмади Дониш тақдири ҳокимон, мансабдорони баландпоя ва мардуми

оддиро вобаста ба машғулияти онҳо таҳқиқ намуда, чунин маълумот медод: тақдири ҳокимон, вазирон ва ашрофон бо Муштарӣ муайян мешавад, тақдири низомиён ва аскарон бо Миррих, тақдири занон бо Зуҳра, тақдири мардуми оддӣ бо Моҳ, тақдири тоҷирон ва бозорнамоён бо Уторид ва ғайра. [23, с.147]

Дар хотима, Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки фоидаи астрономия, аввалан, дар он аст, ки он имкон медиҳад ҳодисаҳои тағйирнопазир, ба монанди офатҳои табиӣ, ивазшавии ҳокимият ва эпидемияҳоро фаҳманд. Ӯ тавсия медиҳад, ки агар маълум бошад, ки дар рӯзи муайян хунукии шадид дар назар аст ва хатари марг дар сафар вуҷуд дорад, беҳтар аст дар хона монда ё либоси гарм пӯшанд.

Дуюм, фоидаи ин дониш дар муайян кардани вақтҳои муносиб ва номусоид мушоҳида мешуд. Масалан, агар ҳоким дар ҳолати нороҳатӣ бошад, набояд ба ӯ бо дархост муроҷиат кард, зеро ин метавонад ғазаби ӯро ба вуҷуд орад. Баръакс, агар ҳоким ба мардум тӯҳфаҳо тақсим кунад, дархост бо хушнудӣ пазируфта мешавад.

Сеюм, нафъи ин дониш дар аҳамияти мавзуии он мебошад. Аҳмади Дониш, инчунин таъкид мекунад, ки ҳар як сайёра хусусиятҳои худро дорад, ки ба тағйирот дар табиат таъсир мерасонад. Масалан, ӯ таҳқиқ мекард, ки Сатурн ҳавои сард ва борони шадидро пешгӯӣ мекунад, Муштарӣ шамолҳои мӯътадил ва осмони софро, Миррих гармӣ ва хушкӣ, шамолҳои офтобӣ ва сӯхторҳоро, Офтоб осмони сурх ва гармиро, Зуҳра намӣ ва абрнокиро, Уторид раъду барқ ва заминларзаро, Моҳ намӣ ва боронро пешгӯӣ мекунад. [23, с. 160]

Аҳмади Дониш камони боронро инъикоси шуои офтоб ҳисобида, боронҳои шадидро, агар пеш аз борон пайдо шавад, пешгӯӣ мекард. Ӯ инчунин шарҳ медод, ки «ҳала» (доира аз хок дар атрофи Моҳ) ба наздикшавии борон ишора мекунад ва а агар ар Моҳ дар паси ин доира монад, пас борони шадид меборад.

Аҳмади Дониш таърихро бошад, яке аз илмҳои муҳим мешуморид, ки

ҷаҳонбинии хонандаро дар бораи рӯйдодҳои гузашта, усулҳои идоракунӣ, дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, ки дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омада ва то ба имрӯз боқӣ мондаанд, ташаккул медиҳад.

Дар ин бобат ӯ аз ҳаёти худ мисол меовард: «Ҳамин ки аз мактаб мебаромадам, дар маҷлисҳои таърихнигорон ҳузур доштам ва ман чунин ҳавас ва шавқ доштам, ки бо тафсил ҳикояҳои зиндагии паёмбарон ва ҳакимонро мешунидам, аз муҳорибаҳо ва ҷангҳои султонҳо ва ҳукмронии онҳо бохабар будам, мефаҳмидам, ки чӣ тавр осон ҳокимиятро аз даст додан ва ба нестӣ рафтан мумкин аст ва тасаввури комил дар бораи тағйирот дар сарнавишти мардумон доштам». [25, с. 27-28]

Барои Аҳмади Дониш шеър навиштан хислати ҳамида ва санъати писандида маҳсуб меёфт. Агар мазмуни он бар ҳамду наът, сифати аҳли ҳаққ ва маъвизаю насиҳат бошад. Баръакс, агар мазмуни он «муштамил бувад бар фӯҳш ва лағву ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро бад хислатест ва номаҳмуд сифате». [25, с. 59]

Доштани пешаи навиштани хутути мутаориф ва нигоштани нақшаҳо ва тасвирҳо аз ҳунарҳои аҳли қалам аст. Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки агар ин касбро ба хотири ба даст овардани маблағ азхуд намоӣ ин муздурӣ аст, агар ба мақсади китобати осори арзишманди гузаштагон, кашидани тарҳи бинои қасру кушкҳо, ки барои тараққии кишвар нақш гузоранд, нафъовар аст ва ғайра.

Умуман, арзиши баланди илмию ахлоқӣ доштани сатҳи таҳқиқи мавзуъ, тавсияҳои маорифпарвар бо он асоснок мешаванд, ки: «Пас, дар ҳар пеша ки мубошири он мешавед бояд ки аввал нияту ихлоси худро саҳеҳ гардонед ва матлабро дуруст ва покиза созед. Ва бидонед, ки давоии ҳама пешаҳо ва ҳирфатҳо аз ихтилот бо халқ дар хотир нашён кунад ва ба қадри ихтилот муҳаббати ҳунарҳо аз ботин мунбаис гардад». [25, с. 64]

Хулоса, Аҳмади Дониш мафҳумҳои дониш ва илмро аз ҳам ҷудо намекунад, ҳар ду мафҳумро як мефаҳмад. Ба андешаи ӯ бе илм кори ҷаҳон

сомон наёбад ва кас ба ҷойе нарасад, номе аз худ боқӣ натавонад гузошт. Ҳамин тавр, дар хулосаи боби мазкур месазад чанд нуктаи калидиро мушаххас нишон дод:

1) Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи асарҳои Аҳмади Дониш аз он шаҳодат медиҳанд, ки маълумоти мукаммалро дар бораи муҳити оилавӣ, давраҳои таҳсил, фаъолияти эҷодӣ ва кор дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ аз китоби «Наводир-ул-вақоеъ» - и муаллиф метавон ба даст овард. Зеро маорифпарвар дар фаслҳои алоҳидаи ин китоб ба таври муфассал доир ба шарҳи ҳол ва таълифоти худ маълумот медиҳад.

Манобеи дигари муҳим дар мавриди тавсиф кардани зиндагиномаи Аҳмади Дониш таҳқиқотҳои комили аз ҷониби муҳаққиқони хориҷию ватанӣ ба анҷомрасонида, маҳсуб меёбанд.

2) Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав агар дар Аврупо дар заминаи рушди муносибатҳои феодалӣ, вусъат гирифтани афкори схоластикӣ, ки вазъи умумии ҷамъиятро вазнин гардонид, пайдо шуда бошад, пас, дар кишварҳои Осиёи Миёна он вобаста ба шароити мавҷудаи ҷомеа, ки муносибатҳои зиддифеодалиро вусъат бахшида буд, инчунин ба ташаккули муносибатҳои зиддимустамликавӣ муқобилият нишон додани мардумро ба вуҷуд овард, пайдо шуд.

Дар баробари ин, анъанаҳои бои таърихии гузаштагон, натиҷаи сафарҳо ва афкори ҳаммаслаконашон аз кишаварҳои дигари Шарқ барои пайдоиши ин равия нақши муассир гузоштанд.

3) Манбаъҳои идеявии ташаккули ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Дониш, аз ҷумла фалсафаи амалии ӯ, мероси ғании классикон, вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давр, натиҷаҳои сафарҳо аз Русияи подшоҳӣ, инчунин шиносоии маорифпарвар бо ақидаҳои маорифпарварон ва ислоҳотгарони кишварҳои исломии Шарқ ва ғайра мебошанд.

4) Маорифпарвар дар ягон асари худ фасли алоҳидаеро ба масъалаи табақабандии илмҳо набахшидааст. Аммо таҳлилу таҳқиқи андешаҳои ӯ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Аҳмади Дониш силсилаи илмҳоро ба ду бахши

асосӣ: назарӣ ва амалӣ ҷудо мекунад. Илмҳои ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудунро шохаи илмҳои амалӣ ҳисобида, илмҳои дигарро назарӣ мепиндорад.

Вобаста ба мавзуи омӯзиш бошад, илмҳоро ба илмҳои динӣ ва дунявӣ ҷудо мекунад. Қайд мекунад, ки илмҳои дунявӣ иборатанд аз: фалсафа, таърих, мантиқ, ҳуқуқ, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, табиатшиносӣ, тибб, ҷуғрофия, маъданшиносӣ ва ғайра, ки мавзуҳои омӯзиши онҳоро таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни офариниши олам, фаҳмиши табиат, таҳқиқи коинот, ҳалли муаммои инсон, ҷомеа ва усулҳои идоракунии он, таҳқиқи маволиди сулса (маъданиёт, наботот ва ҳайвонот), робита ва тамоилҳои ба ҳам зидди зуҳуроти ба вуқӯъомадаи табиату ҷомеа ва ғайра. Аммо илмҳои шаръиро ба калом, фиқҳ ва тасаввуф ҷудо мекунад, ки объекти омӯзиши онҳо маърифати зот ва сифоти боритаоло ва илтизоми азимат дар ҷамеъи ибодоти баданӣ, рӯҳу тан, зиндагии пас аз марг ва ғайра мебошанд.

# БОБИ 2. ТАМОИЛГИРИИ ФАЛСАФАИ АМАЛӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АҲМАДИ ДОНИШ

## 2.1. Мақоми илми ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш

Ахлоқ - илми амалӣ буда, такмилдиҳанда ва танзимкунандаи рафтор, кирдор, хулқу хӯй ва фаъолияти одамон дар ҷомеа аст. Асли калимаи «ахлоқ» аз решаи «хулқ» гирифта шудааст. Ба ин маъно, ки бидон: «ҳамчунон ки халқ сурати зоҳир аст хулқ сурати ботин аст». [154, с. 22]

Аз омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ ва осори таҳиякардаи муҳаққиқон бармеояд, ки аввалин мутафаккире, ки ба баррасии ин масъала аҳамият додааст, Арасту мебошад. Бинобар ин, ӯро асосгузори илми ахлоқ меҳисобанд. Ба андешаи Арасту этика илми танзимкунанда ва муайянкунандаи тарзи дурусти фаъолияти инсонӣ мебошад. Баъди Арасту мутафаккирони зиёде мавзуҳои омӯзиши ин илмро такмилу тақвият дода, ба онҳо чунин масоилро дохил карданд: шинохти мазмун ва моҳияти инсон, таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули инсон, поксозии бадан, нафс, баёни дурусти андеша, гуфтори нек ва рафтори писандида, ҷудоинамоии сифатҳои ахлоқӣ ба ҳамида ва разила, муайян кардани меъёрҳо ва рукнҳои ахлоқи ҳамида ва разила, ҷойгоҳи ахлоқ дар низоми донишҳои илмӣ, ҷомеа ва мақоми инсон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Махсусан, файласуфи маъруфи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар бораи фаҳмиши мафҳуми ахлоқ ва масоили онро фарогиранда ибрози назар карда, чунин менависад: «Аввалин сиёсате, ки инсон бояд оғоз кунад, сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал ӯ бояд ба ислоҳи худ кӯшиш намояд, ҳамаи саъю кӯшиши худро ба ин равона карда, шоиста ва одил шавад... Агар инсон тавонад худро бо муваффақият идора ва ислоҳ кунад, пас дигар аз бардоштани вазифаҳои баландтар ва идораи давлат наметарсад. Яъне, касе ки худро ислоҳ кардааст, метавонад ба идораи корҳои мардум машғул шавад... Ҳамчунин, ӯ бояд фаҳмад, ки ҳар касе ки мехоҳад шахси фасодкорро ислоҳ

кунад, бояд ӯро пурра ва мукаммал шиносад, то ки ҳеҷ чиз пинҳон ва нофаҳмо намонад…». [7, с.24-25]

Аз ин андешаи мутафаккир маълум мегардад, ки ақлоқ илмест, ки рафтору кирдор, амалу фаъолияти инсонро танзим менамояд ва дар ин замина ӯро ҳидоят мекунад, ки ба нафси худ ҳамеша ғолиб ояд, нуқсҳои ботинии худро ошкор карда, аз паси ислоҳи онҳо шавад.

Ба андешаи файласуфи маъруфи тоҷик М.Музаффарӣ инсон дар ҷаҳоншиносии ориёӣ мавҷуди олии табиӣ ва ҷузъи муҳимме аз кайҳони моддӣ аст. Маҳз дар симои ӯ ҳамаи масоил, аз ҷумла масъалаҳои ахлоқӣ баррасӣ ва ҳал мегардиданд. Бинобар ин, ӯ инсонро роҳнамо ва роҳбари абадият, маҳсули он чизе меҳисобад, ки ба воситаи ҳастии моддӣ ташаккул меёбад. [101, с. 23]

Файласуфи дигари тоҷик Амирхон Ш.Т. низ дар мавриди шарҳу тавзеҳ додани мафҳуми ахлоқ осори ахлоқии мутафаккирони то замони Қутбиддини Шерозиро омӯхта, дар доираи таҳқиқоти арзишманди анҷомдодаи худ нақши ахлоқро дар танзими ҷомеа ва муносибатҳои байни қишрҳои ҷамъиятӣ чунин муайян мекунад: «ахлоқ ба камолоти маънавии инсон мусоидат намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли иҷтимоӣ, муносибатҳои солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ ҳидоят мекунад… Консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба таври системавӣ муайян шудааст ва дар шакли «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек» то ҳол арзиши баланди илмӣ дорад.

Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ танҳо замоне ба даст меояд, ки андеша (маниш)-и инсон поку беолоиш шавад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва сипас ба воситаи гуфтор ва рафтор амалӣ мешавад». [194, с. 107]

Аз мазмун ва муҳтавои ин андешаҳо айён мегардад, ки дар таълимоти намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафӣ чӣ дар аҳди қадим ва чӣ асрҳои миёнаву марҳилаҳои баъдӣ мутафаккирони тоҷик масоили ахлоқиро ба як мавзуи меҳварии ҷаҳонбинии худ табдил додаанд. Баррасӣ ва ҳалли дигар

масоили ҳаёти ҷамъиятиро маҳз дар заминаи шинохти мазмун ва моҳияти инсон, амалҳои ӯ мавриди таҳлилу таҳқиқ гузоштаанд.

Дар осори Аҳмади Дониш низ масъалаи ахлоқ ва баррасии масоили ахлоқӣ, ки бевосита ба инсон рабт дорад, яке аз мавзуҳои калидӣ мебошад. Аз ин рӯ, маорифпарвар пеш аз ҳаллу фасли масоили марбут ба ахлоқ, ки ифодакунандаи амалҳои инсон мебошад ба масъалаи онтологӣ – офариниши инсон таваҷҷуҳ медиҳад.

Ӯ мавҷудияти Худоро ҳамчун неруи мутлақ, офаранда эътироф мекунад, аммо пайдоиши инсонро аз чор унсур: об, оташ, ҳаво ва хок ва маволиди сегона: маъданиёт, наботот ва ҳайвонот вобаста медонад. Яъне, «Инсон хулосаи аркон ва маволид аст». [25, с. 111]

Дар баробари ин, оид ба масъалаи зуҳуроти хулқу хӯй ва феълу атвори инсонӣ ибрози назар карда, онҳоро ҷузъи ҷудоинопазири «нуру зулмат» медонад ва вобастагии ин ду сифати ба ҳам таззоднокро далели ҳастии «инсони комил» мешуморад. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки «инсони комил» зоҳиркунандаи ҳақиқати «нуру зулмат» аст. Ба мислӣ: «Пас, лозим омад вуҷуди шахсе, ки мураккаб бувад аз нуру зулмат. Ва он шахс инсони комил аст, ки зоҳиркунандаи ҳақоиқи нуру зулмат аст». [25, с. 111]

Маорифпарвар дар баробари ин гуфтаҳо, инчунин ҷанбаи дигари вуҷуди инсонро таҳқиқ намуда, ба ин натиҷа мерасад, ки ҷисми одамӣ мураккаб буда, пайвастаи ақли шарифа ва нафси касифа мебошад. Баҳри тасдиқи андешаи худ таъкид менамояд: «Ду қувват, ки дар замири шумост, аз омира ва зоҷира - яке раҳмонист, дигар нафсонӣ. Назди ҳар амри хайр ва шарр «кун» ва «макун» мегӯянд». [25, с. 16]

Ба фаҳмиши маорифпарвар ақли шарифа инсонро барои содир кардани амалҳои нек роҳнамоӣ мекунад. Баръакси он нафси касифа одамиро барои иҷро кардани амалҳои бад ташвиқ мекунад.

Умуман, Аҳмади Дониш инсонро ҳамчун ҷузъи табиат ва ҳомии дигар мавҷудоти зинда шуморида, таъкид мекунад, ки маҳз тавассути фаъолияти ақлонӣ, меҳнати дастаҷамъӣ ӯ муҳитро барои ҳаётгузаронӣ созгор менамояд.

Дар ин маврид хулосаи фикри ӯ чунин аст: «Ашрафи махлуқот одамӣ аст ва дигарон дар ҳақиқат барои ӯянд ва аз ҷиҳати ӯ ва ба сабаби ӯ. Ва ӯ махдуми оламиён асту дигарон ходими ӯ». [25, с. 114]

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки инсоният бе ҷомеа, ваҳдат ва мувофиқат ба шукуфоӣ расида наметавонад. Ҷомеа низ бе ваҳдати аъзоёнаш комил буда наметавонад. Бинобар ин, аҳамияти шахсият танҳо вақте бузург аст, ки он қисми ҷомеа бошад.

Акси ҳол, агар инсон бо донишҳо ва таҷрибаҳои ғункардаи хеш қаноатманд бошад, ба такмили минбаъда ва дастовардҳои нав кӯшиш накунад, ӯ нопурра ва норасо боқӣ мемонад: «Норас ба сабаби қаноат бо камӣ дар камӣ боқӣ мемонад, аммо расо, ки бо камӣ қаноат намекунад, ба камол мерасад». [25, с. 134]

Аҳмади Дониш, монанди бисёр донишмандон ва файласуфони гузашта, хусусан ба мисли Афлотун, ки фитрӣ будани ахлоқро қабул дорад, намепазирад. Баръакси андешаҳои файласуфи юнонӣ ӯ пайравӣ аз мавқеъгирии ақидаҳои Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино дар мавриди он ки ахлоқ иктисобӣ аст, менамояд.

Масалан, Форобӣ фазилатҳои ахлоқи зотиро эътироф намекунад ва онҳоро ҷавҳарӣ намеҳисобад, балки амалҳои ахлоқиро иктисобӣ мешуморад. [25, с. 134] Ба он маъно, ки онҳо дар ҷараёни фаъолияти инсонӣ ба даст меоянд. Ибни Сино низ бар он назар аст, ки ҳама ахлоқи писандида ва носазо аз рафтору кирдорҳо ба вуҷуд меоянд, иктисобианд… [6, с.62-69] ва ғайра менамояд.

Аҳмади Дониш низ модарзодӣ будани ахлоқро рад мекунад. Қайд менамояд, ки қуввату қудрати инсон бузург аст, ӯ метавонад, бо истифода аз қувваҳо ва имкониятҳои дохилии худ, корҳои бузургро анҷом диҳад ва ба муваффақиятҳо нойил гардад. Масалан: «Агар ба моҳияти худ андеша кунӣ, мефаҳмӣ, ки чӣ қадар ҳикмат ва маъно дар ҷисми ту ҷой дорад ва ҳазорҳо тӯфон ва туғён аз моҳияти ту бармеоянд». [25, с. 23]

Ё дар ҷойи дигари асари «Наводир-ул-вақоеъ» менависад, ки намебинӣ, ки инсон бо ёрии ақли худ метавонад парандаро аз осмон поин орад ва моҳиро аз баҳр берун кунад, бо қувват ва далерии худ пусти палангро мекашад, табари ӯ кӯҳҳоро мешиканад ва қалами ӯ қалби баҳрро меканад. Ӯ зинапояҳо месозад, то ба осмонҳо барояд ва катапултро истифода мебарад, то ба ситораҳо расад.

Ҳамин тавр, мазмун ва моҳияти фалсафаи ахлоқгустарии Аҳмади Донишро дар масъалаи шинохти инсон таҳқиқи сирати инсонӣ, на сурати ӯ ташкил медиҳад. Зеро инсонҳоро ба ин дунё «ба бозӣ ва барои бозӣ наовардаанд». [25, с. 24]

Аз ин рӯ, маорифпарвар таъкид мекунад, ки чаҳор омил василаи муҳимми ба ҳадаф расонидани орзуву омоли инсонҳо метавонад бошад:

1) хонае, ки дар он инсон тавонад зиндагии худро ташкил диҳад;

2) либосе, ки ӯро аз таъсири гармою сармо ҳимоя намояд;

3) ғизое, ки қавоми бадани инсонро рост нигоҳ дорад;

4) зане, ки бо ӯ оила ташкил дода, барои бақои насли одамӣ фарзанд орад.

Мутолиа ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни осори маорифпарвар маълум менамоянд, ки ӯ мураббии инсон аст ва ҷавҳари таълимоташро масъалаи инсон ва тавсифи сифатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Аммо дар осори Аҳмади Дониш шарҳу тавзеҳ ва таснифи категорияҳои ахлоқӣ ба таври алоҳида ва ё дар зербоби ҷудогона таҳлилу баррасӣ наёфтаанд. Бо вуҷуди ин аз андешаронихои маорифпарвар бармеояд, ки ӯ категорияҳои ахлоқиро ба ду гурӯҳ тақсим мекунад: ҷуфти категорияҳое, ки сифатҳои ҳамида, ахлоқи накӯ ва амалҳои писандидаи инсонро инъикос мекунанд. Ба ин гурӯҳ ӯ категорияҳои зеринро шомил медорад: адолат, фазилат, саховат, беозорӣ, таҳаммулгарой, қаноат, покӣ, вафодорӣ, парҳезкорӣ, иффат, ҳаё, дӯстӣ, ҷавонмардӣ, сирнигоҳдорӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра.

Ба категорияҳое, ки рафтори ношоиста, амалҳои номатлум, яъне сифатҳои разилона ё носазой инсонро таҷассум медоранд, категорияҳои

зеринро дохил менамояд: шурби барзиёди хамр, дӯздӣ, такаббур, тамаллуқ, суханчинӣ, фиребгарӣ ё ваъдахилофӣ, макр, кина, ғазаб, ҳирсу шаҳват, худхоҳӣ, худписандӣ ва ғайра.

Пеш аз шарҳу тавзеҳи баъзе аз категорияҳои ахлоқӣ, ки дар таълимоти маорифпарвар инъикоси муфассали худро ёфтаанд, як нуктаро месазад қайд кард, ки бо баррасӣ ва ҳалли ҳар як масъала ё таҳқиқи ягон мавзуъ Аҳмади Дониш ҳам сифатҳои ҳамида ва ҳам нописандидаро бо далелҳои илмӣ, ояту ҳадис ва қитъаву порчаҳои шеърии шоирони гузаштаи тоҷику форс, гоҳе дар муқоиса ва гоҳе дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки ин услуб, тарзи баррасинамоии масъалаҳо вижагирии хосси таълимоти ӯро нисбат ба мутафаккирони пешин инъикос медорад, ки аз арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ доштани ақидаҳояш гувоҳӣ медиҳанд.

Шарҳу тавзеҳи мафҳуми адолат ё ибораи адолати иҷтимоӣ ба сифати категорияи меҳварӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш ҷойгоҳи хосса дорад. Дар робита бо ин, маорифпарвар подшоҳро, ки идоракунандаи ҷомеа, таъминкунандаи адолат дар ҷомеа мебошад, фиристодаи Худо дар рӯйи замин ҳисобида, менависад, ки «эзади субҳонаҳу аз миёни халқ ӯро ба мазиди ихтисос баргузида, фармонраво гардонидааст ва дар маснади иззат нишонда». [25, с. 115]

Бинобар ин, таъкид медорад, ки аввалан, подшоҳ бояд донад, ки вилоят доштан кори бузург аст ва халифагии ҳаққ таъоло кардан мебошад. Баъдан, пойдории давлат ва пешрафти он ба илму амал вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, подшоҳ бояд донишманд, соҳибтаҷриба ва одил бошад, то қозию раис, вазиру муҳтасиб, миршабу дигар амалдори идораи давлатӣ ба ӯ итоат карда, сухани ӯро гӯш кунанд ва дастуру супоришҳояшро барои ҷоридошти адолат ва пешрафти кишвар саривақт иҷро намоянд. Чунки ба халқ шафқат намудан ва некӯ нигоҳ доштани онҳо арзиши олии ҳукумати бо адл оросташуда мебошад ва аз ибодати мудаввоми бесамар бузургтару хуштар аст.

Дар сурати золим, ҷоҳил ва бетаҷриба будан, умри худро сарфи шаҳавоту лазоти дунё кардани подшоҳ амру наҳйаш аз ҷониби зердастон

иҷро нашавад, ранҷу зулм ривоҷ ёбад, ҳуқуқу озодиҳои мардум ҳимоя нашаванд ва адлу инсоф аз байн равад.

Дар робита ба ин гуфтаҳо Аҳмади Дониш барои подшоҳ, ба хотири бо адл устувор гардонидани пояҳои давлат даҳ шарти адлгустарӣ, ки далолат аз ахлоқмеҳварӣ будани андешаҳои ӯро мекунанд, пешниҳод менамояд [25, с.118-129] ва иҷрои ҳатмии онҳоро зарур мешуморад.

Ҳарчанд ин тавсияҳо бо шартҳои пешгузоштаи мутафаккирони пешин: Муҳаммад Ғаззолӣ ва Мирсаид Алии Ҳамадонӣ аз ҷиҳати идеявӣ монандӣ доранд. Ин шартҳоро, ки боиси ороста гардидани адолат дар ҷомеа мешаванд, Аҳмади Дониш ба таври зайл пешниҳод мекунад:

**Шарти аввал** ин аст, ки новобаста аз вазифаю мақом ҳамаи инсонҳо баробарҳуқуқанд ва подшоҳ ҳамчун сарвари ҷомеа бояд байни худ ва онҳо фарқият нагузорад. Бояд ҳар гуна ҳукме, ки дар ҷомеа бароварда мешавад, барои ҳамаи аъзоёни он якзайл таъсир кунанд. Волоияти қонунро эътироф намоянд.

**Шарти дуввум** ин аст, ки ҳоким набояд интизори арбоби ҳоҷатро дар даргоҳи худ раво дорад. То замоне ки мусулмонеро ҳоҷате бошад, ҳоким набояд ба ҳеҷ ибодати нофила, аз ҷумла аврод ва азкор, машғул шавад, зеро баровардани ҳоҷати мардум аз ҳама навофил афзалтар аст.

Бо пешниҳоди ин шарт Аҳмади Дониш подшоҳро муваззаф мегардонад, ки сухани корафтодагонро саривақт шунавад ва вобаста ба мазмуни он иҷрояшонро таъмин гардонад ва ба рӯзи дигар нагузорад.

**Шарти сеюм** ин аст, ки қаноатпешагии подшоҳ ифодакунандаи адлгустарии ӯст.

**Шарти чаҳорум:** тибқи талаботи ин шарт подшоҳ вазифадор аст, ки баҳри ороста доштани адолат дар кишвар суханро андешида баён кунад, бе далел нисбати корафтода, новобаста аз он кӣ аз аҳли кадом қишри ҷомеа мебошад, сухани носазо нагӯяд ва сухан гуфтанро бо ӯ бар худ нанг наҳисобад.

Инчунин, ҳамаи арзу шикояте, ки аз ҷониби мардум ба дастгоҳи идоракунии подшоҳ ворид мешаванд, баррасӣ карда, аз бисёрии онҳо малоли хотир нагардад.

**Шарти панҷум** ин аст, ки ҳар ҳукм, ки аз ҷониби подшоҳ ва масъулини дигари идораи сиёсӣ нисбати афроди ҷиноякор ва ё муҷрим бароварда мешавад, бояд боадолатона ва қонунӣ бошанд. Ба ҳар як афроди ҷомеа вобаста ба амалаш ҳақ диҳад.

Новобаста аз он ки аз ҳукми баровардаи подшоҳ инсонҳо озурдахотир ва ноҳӯшнуд мешаванд. Содир кардани ин амал ҳеҷ гоҳ маънои ба зулм даст задани подшоҳро надорад, балки ҳукми баровардаи подшоҳ нисбат ба муҷрим ба савоби кор ва манфиати ҷомеа мебошад.

**Шарти шашум:** подшоҳ набояд ба сабаби таҷаббуру такаббур халқро аз худ озурда гардонад, балки ба эҳсону шафқат тавонад худро маҳбуби дилҳо созад. То аз ин амалҳои шоистаи подшоҳ низомиёну халқ хушнуд гарданд. Амру супоришоти подшоҳро сариваќт иҷро намоянд ва ба кори худ содиқ буданро нишон диҳанд, зери ливои ӯ сарҷамъ шаванд. Агар подшоҳ ҷобир, золим, мутакаббир, фосиқ ва бетаҷриба бошад, мардум аз ӯ дурӣ ҷӯянд, мардум парокандаю ҷамъият хароб шавад.

**Шарти ҳафтум** чунин мазмун дорад, ки подшоҳ бояд тобеи қонун бошад. Қонунҳои ба тасвибрасонидааш таъминкунандаи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ бошанд. Зеро амнияту суботи кишвар нишонаи осудаҳолии мардум ва пешрафти ҷомеа маҳсуб меёбад.

**Шарти ҳаштум** ин аст, ки дар низоми идораи давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳҳимми кишвардорӣ подшоҳ бояд такя ба аҳли илм, донишмандон карда, ҳамеша бо онҳо машварат намояд. Ба идораи давлатии худ шахсони нолоиқ, бесавод, тамаллуқпеша, ҷоҳталабро роҳ надиҳад ва бо онҳо машварат намуданро бар худ муносиб набинад.

**Шарти нуҳум:** он ки аз таҷассуси хиёнати нуввоб ва зулми уммол ғофил набошад ва гургсиратони золимро бар раоёи мазлум мусаллат накунад. Ва чун зулму хиёнати яке аз эшон зоҳир бошад, ӯро ба муохаза ва уқубат

ибрати дигарон гардонад. Ва умарои давлати худро ба насиҳату сиёсат муҳаззаб созад. Ва бад-он қаноат накунад, ки худ зулм намекунад, аммо ғуломону чокаронро ба адл хонад ва ба зулми эшон ризоият надиҳад, ки вайро аз зулми эшон пурсанд ва эшонро низ аз зулми вай.

Аз мазмуни ин шарт маълум мегардад, ки ҷомеа ҳамон вақт пешрафта гашта, мардум осудаҳолона аз паси иҷрои кори худ мешаванд, ки агар подшоҳ дар умури идораи давлатӣ фозил, одил, боҳайбат, ботадбир, босабур, дурандеш ва ғайра буда, ба ашхоси ҷоҳталабу ришвахӯр ва ҷиноятпеша вазифаҳои давлатиро лоиқ набинад. Зеро зулму ҷабре, ки ин тоифаи тамаллуқпеша нисбат ба халқ раво мебинанд бозгӯкунандаи зулм ва ҷабри худи подшоҳ мебошад.

**Шарти даҳум** ин аст, ки ҳоким бояд аз кибру нахват эҳтироз кунад ва мутавозеъу ҳалим бошад, аммо агар кибр бар мизоҷаш ғалаба дорад, саъй кунад, то дар ҳама умур майл ба ҷониби афв кунад ва караму бурдборӣ пеша гирад. Ва бидонад, ки чун ин пеша кунад, монанди анбиё ва авлиё бошад. Ва агар хашм рондан пеша кунад, монанди туркону курдон ва мардуми аблаҳ, ё чун сутуру сабӯъ бошад, ки лагад занаду гардан хояд.

Мазмуни ин шартро дар як нукта чунин ифода медорем, ки подшоҳ бояд боҳайбат, донишманд ва соҳибҳукм бошад, то дар раванди иҷрои дастурамали вазифавӣ ин пирисипҳо ба ӯ роҳнамоӣ кунанд.

Ҳамин тавр, аз таҳлили ҳамаҷонибаи ин шартҳо равшан мегардад, ки адолат барои маорифпарвар пояи асосии устуворӣ ва бақои давлат аст. Дар низоми ҷомеа, густариши адолат ва риояи он рукнҳои муҳимтарин мебошанд. Ба ин хотир, подшоҳ бояд барои пешгирӣ аз заволи давлат ба ин асос такя кунад. Агар ӯ натавонад ин рукнҳоро иҷро кунад, бояд аз машварати уламмо роҳҳои ороста кардани кишварро баҳра бардорад. Зеро, «подшоҳ монанд ба чашма аст ва уммолаш мисли ҷӯйҳо. Агар чашма равшан бошад, тирагии ҷӯйҳо зиён надорад, аммо агар чашма тира бошад, равшании ҷӯйҳо ҳеҷ умед нахоҳад дошт». [25, с. 125]

Ба маънои дигар, агар ғазабу шаҳват мусаххари ақл набошад, дар низоми идоракунии кишвар адл ҷорӣ нашавад. Чунки камоли ақл ҷорикунанда ва таъминкунандаи адл мебошад ва шахси одил оқил аст.

Бо вуҷуди он ки мутафаккири тоҷик бо шартҳои пешгузоштаи худ вобаста ба авзоъи сиёсӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии даврони худ мушкилиҳои низоми иҷтимоиро бартараф карда натавонист, вале хизмати назаррасу пурарзиши ӯ дар он падид меояд, ки сайъ намуд, ки ҳокимон, ноибон ва амалдорони дастгоҳи ҳукумати манғитияро бо тавсияи андешаҳои ахлоқию маънавӣ ба адлу инсоф, раиятпарварӣ, ободии кишвар ва осоиштагии мардум, тақвияти раҳму шафқати инсонӣ даъват намояд. То ки ҳокимон ва амалдорони ҳукумат дар иҷрои амали хеш ҳалиму бурдбор ва дурандеш бошанд.

Маорифпарвар иллати асосии бемории ҷомеаро дар фаъолият ва кору амали амалдорони нолоиқ ва тамаллуқгар мебинад. Хусусан, ба андешаи ӯ инсони ба парвариши шикам машғулбуда, ба шахси бемор монанд аст, ки он мудом эҳтиёҷ ба табиб дорад. Илоҷ надорад, ки тиҷорат кунад, ба касбе машғул шавад, ҷисми худро солим нигоҳ дорад ва ӯ «ҳама авқоти худ дар таҳияи асбоби хурдану р…, хӯронидану р… сарф кунад». [25, с. 20] Ба мазмуни дигар, «кам хӯрад, кам гӯяд ва кам ихтилот кунад». [25, с. 19]

Ниҳоят, чӣ тавре қаблан таъкид карда шуд Аҳмади Дониш кам гуфтан, кам хӯрдан ва кам хуфтанро сифатҳои шоистаи инсони оқил меҳисобад. Хусусан, дар ин маврид, ба инсонҳо бамавқеъ тавсия медорад, ки «дар ҳузури уламо ва донишмандон овоз барнадоред ва муттасаддии саволу ҷавоб машавед, балки дигаронро пеш дароварда, мутаваҷҷеҳ бошед, ки чӣ мегӯяд. Ҳосили онҳо ғавғо бошад, шумо хулосаро барчинед, ки мутахайила ва мутафаккира ва зокира назди ҷӯши ғавғо суварҳои гирдовардаро берун надиҳанд. Фалоҷарам, барои исқоти хасм муҷодилонро сухан ба фаҳш ва тазъиф равад. Ҳаракати забон ба оҳистагӣ мухилли фаҳм ва тааққул аст, то ба ғавғо ва ҷидол чӣ расад» [25, с. 99].

Пас, маорифпарвар таъкид мекунад, ки дар изҳори калимаи ҳақҳ ва сухани ҳикмат, ки бад-он муваффақ шавед, ба ҳар кӣ бошад, бигӯед ва агар натавонед, дар авроқ сабт кунед. Агарчӣ худ дар амал бад-он муваффақ нашудаед, шояд дигарон амал оранд баъд аз шумо.

Таъкиди дигари маорифпарвар он аст, ки инсонҳо бояд аз марг натарсанд ва аз шунидани мафҳуми марг дар ваҳму ҳарос наяфтанд, балки дар рӯзгори худ кори неку хайр кунанд, дасти якдигар гиранд ва ба подоши он дар зиндагии худ муваффақ шаванд. Дигар дар зоҳири ваъдаҳо мағрур машавед ва ба зоҳири шариат қаноат макунед, ки ҷаҳаннам махсуси куффор аст ва уммати он сарвар ба дӯзах наравад ва пайғамбар шафоати гунаҳкорон кунад. Инчунин, дар раставу бозор ва шавореъ ба ҳар тараф нозир ва ба ҳар чиз муроқиб мабошед, ки бисёрии офот ва ҳирс ва шараҳ аз дидани чизҳо ва раҳгузар чашм афтад. [25, с. 105]

Илмомӯзӣ, соҳиби касбу ҳунар шуданро Аҳмади Дониш аз давраи наврасӣ ва аввали ҷавонӣ барои инсонҳо зарур мешуморад. Қайд мекунад, ки инсон бояд ҳар як лаҳзаи умри худро ғанимат шуморад ва онро бомақсад истифода барад. Чунки дар айёми пирӣ қобилияти ҳифз кардан ва дар хотира гирифтани маълумот, заиф шавад: «дар ҳолати шубоб ва унфувони ҷавонӣ ин хитобат чун нуқуше бувад бар тахтаи об, ки зеҳни нозир аз ҳифз ва дарки он оҷиз бошад, ё чун фарёде дар рӯзи боди шадид, ки самъ ҳеҷ исғо накунад». [25, с. 11]

Яъне умри инсон зудгузар аст. Чун инсон аз канори модар ҷудо шуда, хеставу афтида ба муҳити иҷтимоӣ ворид мешавад, мебинад, ки неъматҳо ва симу зар фаровон ва барои қонеъ кардани талаботи худ дар пайи захираи симу зар мешавад, вале эҳсос намекунад, ки «неъмат бе зар ба даст намеояд, зару сим бе пеша ва ҳирфа таҳсил намешавад». [25, с. 12]

Пас, барои он ки инсон дар зиндагии худ ранҷу азоб накашад ва аз бори сангини зиндагӣ нокому рӯҳафтода нагардад, бояд илм омӯзад ва соҳиби касбу пеша гардад. Агар касбу пешаи заруриро азхуд накунад «чун касе аст,

ки дар лояндозии дарё гирифтор ояд, то бичунбад, дарунтар рафта бошад».[25, с. 15]

Аҳмади Дониш таълими маҷбуриро қабул надорад. Тавсия медиҳад, ки фарзандон вобаста ба шавқу завқи худ соҳаи илмро интихоб намоянд. Вобаста ба майлу хоҳиш соҳиби касбу ҳунар гарданд. Ӯ ин нуктаи ҷолиб ва тавсияи муҳимро ба таври возеҳ ва равшан чунин дарҷ медорад: «Таваҷҷуҳ ва саъйи абавайн валадро ба ислоҳу роҳи фалоҳ наёрад. Ҷоҳили фитриро саъйи падару модар олим нагардонад ва олими ҷибиллиро бе илтифоти эшон ҷоҳил накунад. Ва ин маънӣ муҳтоҷ ба назиру мисол набошад, ки авлоди турк бо он ки таваҷҷуҳи абавайн ба тохту тороҷ аст, дар шаҳр оянд ва олим шаванд. Ё фарзандони қазоқия аз ақиби асбу шутур танаффур намуда, таҳсили илму дониш намоянд». [25, с. 28-29]

Бинобар ин, инсон бояд ба ҳама умур ҳимами олӣ пеш орад ва агар надорад онро касб кунад. Яъне «ба кадом пеша, ки ҷибиллати шумо тақозо кунад ва кадом ҳирфа, ки шуморо майл бувад, ихтиёр кунед ва дар он ҳам ба қадри зарур ва масолеҳи халқ иктифо кунед ва ба захоиру завоид рағба маёред». [25, с. 94]

Зиндагӣ чизе ва неъмате зиёда надорад, ки дарёфту танаъуми онро ғанимат донӣ. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш дар боби ҷамъ ва захира кардани мол ва барои хӯш гузаронидани умр сарф накардани он аҳамияти хосса дода, қайд мекунад, ки захира кардани сарват ва дар зиндагии худ сарф накардан ин як аломати хасисӣ буда, он барои инсон суде наоварад.

Баръакс, инсон бояд умри худро хӯш гузаронад ва молро барои зиндагии осудаҳолона ва таъмини хонавода сарф намуда, барои дигарон захира накунад. Охир «мурдани одамӣ чунин саҳлу осон будааст, ки мабод ки ногаҳон бимирӣ ва захираи ту насиби дигарон шавад». [25, с. 30]

Ё ин нуктаро ба таври мушаххастар баён дошта, мефармояд, ки «Пас, дусерӯза таматтӯи дунё ғанимате бувад ва онро ба абас талаф набояд кард ва ба умеди мавҳум худро мағмум натавон дошт». [24, с. 68]

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бисёр ҷузъиёти асосии ин тавсияҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [2] инъикоси худро ёфтааст ва амалӣ гаштани онҳо метавонад дар муддати беш аз даҳ сол шароити зиндагии мардуми кишварро беҳтар гардонад, барои баланд шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат кунад.

Инсон, ки ба олам меояд бояд дар умри дидаи худ ба қадри хеш ва дигарон расад. Ҳавводси ботин ва зоҳири худро дақиқ дарк кунад, вақтро ба илмомӯзӣ, азхуд кардани касбу ҳунар сарф кунад, оила бунёд намояд, насл офарад, фарзандонро таълиму тарбияи дуруст диҳад ва барои тараққии ҷомеа ҳамеша саҳмгузор бошад. На ин ки умри худро сарфи пӯшидани либосҳои фохира, тановули таъому ғизоҳои лазиз, айшу ишрат ва сафо гузаронад. Худро аз дигар инсонҳо баланд гирифта, бо онҳо муносибати дағалро раво бинад, нисбат ба онҳо иззату эҳтиром нагузорад.

Асли ин матлабро маорифпарвар чунин ҷамъбаст менамояд: «Ба сабаби фитрати ҳавводси зоҳиру ботин, агар фарз кунӣ, ки панҷоҳ сол умр дидаӣ, бидон, ки пеш аз ин панҷоҳ сол ному нишон аз ту дар олам набуд ва баъд аз панҷоҳ соли дигар низ тавсиат аз ту ному нишон дар олам нахоҳад монд. Ва фарз кунӣ, ки баъд аз сад соли дигар оӣ ва ба қабри худ нигарӣ, бинӣ, боло кушода ва ба замин ҳамрӯй гашта ва устухонҳо ба рӯйи кор омада. Аз ҳар кӣ пурсӣ, ки «ин мақбара аз кист?» - гӯяд: «Надонам», чунон ки ту худ қабри ҷадди аълои худ надонӣ ва ҳамчунин авлоду аъқоби ту аз қабри ту фаромӯш карда бошанд ва надонанд, ки қабри ту дар куҷост». [24, с. 84]

Ба андешаи Аҳмади Дониш ҳамаи бани одам дар роҳату меҳнат ва давлату накбат баробаранд. Набояд ки онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ аз якдигар бартарӣ ва ғолибият талаб кунанд, набояд ки бе истеҳқоқ зиёдаталабӣ кунанд. Зиёдаталабӣ ва зиёдасарӣ бояд танҳо ба андозаи ҳунар ва фазли онҳо бошад. Риштаи дӯстӣ ба касе банданд, ки қадру қимати ӯро дар ҳама гуна ҳолатҳо донад. Масалан, бо аҳли сипоҳ ва авоми бозорӣ дӯстӣ мустааҳкам нагардад. Маорифпарвар ин андешаро бо он далел тасдиқ мекунад, ки «сипоҳ дар

сафар, дар арзи роҳ бинобар сабаби доштани аспи хушрафтор азобам дод ва панҷоҳ рӯз гуруснагӣ кашидам» ва «авоми бозор, бо он ки тамоме бе вуҷуди ӯ намехӯрдам, бе муҷибе се ҳазор дирам даъво намуда, маро ба мурофиаи қозӣ кашид ва сесад дирам аз ман рабуд». [25, с. 89]

Маорифпарвар дар боби интихоби дӯст низ мароқи хосса зоҳир карда, андешаҳои ҷолиб баён медорад. Барҳақ қайд менамояд, ки инсонҳо, асосан ба хотири ба даст овардани манфиат, ҷоҳу мансаб, молу сарват бо ҳам риштаи дӯстӣ мебанданд. Кам андар кам инсонҳое ҳастанд, ки риштаи дӯстиро аз рӯи меҳр, самимият, рафоқат, имдоди ҳамдигар баста, ин амалҳоро риоя медоранд.

Махсусан, агар инсон ҷоҳу мансаб ва молу сарват надошта бошад, иззату эҳтиром ва мақомаш назди дигарон баланд нест. Ин модел низ дар ҷомеаи имрӯза баръало ба мушоҳида мерасад. Интихоби дӯст, ба қадри якдигар расидан, якдигарро эҳтиром доштан, бо якдигар арзи дил гуфтан ба муаммоҳои саарпечида ва доғи рӯз табдил ёфтаанд.

Имрӯз, ҳолатҳое ба мушоҳида мерасад, ки байни дӯстон, бо иллати доштани молу сарват, ҷоҳу мансаб риштаи дӯстӣ канда шуда, бо якдигар ба ҳисси нафрат менигаранд, аз муваффақиятҳои якдигар хӯшнуд намебошанд, балки ошкоро ҳам набошад ба таври пардапӯшона нисбат ба якдигар ҳирсу бадбинӣ доштанро изҳор мекунанд.

Ба ин паҳлуи масъала маорифпарвар аҳамият дода, менависад, ки «Набинӣ, ки аҳбоб ногузир, агар илме дорӣ дидан натавонанд ва агар мол дорӣ, ҳасад баранд ва агар дар зиёфат тақсире равад, ба хиссатат шуҳрат диҳанд ва агар мунзавӣ шавӣ, ба ҷунунат бардоранд». [24, с. 75]

Ҳамзамон, маорифпарвар дар ин боб изҳори андеша карда, таъкид мекунад, ки ба хотири шинохти дӯстони ҳақиқӣ ва содиқ ва ҳадди эҳтирому эътиқоде, ки нисбат ба ту доранд, ё худ ту низ ба онҳо дошта, бе ҳузурашон луқмае ба даҳон намебардорӣ ҷамъомаде ташкил кун ва бо онҳо суҳбат ороста гӯй, ки «ёрон, маро доияи сафаре афтода, ё маслиҳати узлате. Агар

касе аз шумо майл дорад, бо ман рафоқат кунад ва мусоҳиби сафару ҳазари ман бошад. [24, с. 75]

Дар умум, ҳеҷ кадом аз ҷой наҷунбад ва ҳар кадом иллате пеш оранд, балки туро монеъ оянд, то хунат бинӯшанд ва зиёфатат бихӯранд. Аз ин миён ягон-ягон он ки бо ту муҳаббат бештар дорад, ниҳоят то дарвозаи шаҳр омада, туро видоъ гӯяд ва ба чанги ғурбату мусофарат туро бисупорад ва дигар ин дӯст надонад, ки туро дар он сафар шер дарид, ё қуттоъуттиариқ дар роҳ кушт. Пас аз он дигареро ба ҷои ту интихоб кунанд ва бо дӯстони дигар умр хӯш гузаронанд. Ва агар аз ту пурсанд, гӯяд, ки «Марде буд, ҷунун ба мизоҷи ӯ муставлӣ шуда ва ҳаққ он аст, ки ӯ дар ин миён набошад». [24, с. 75]

Подоши накӯ додан ба ҳаққи заҳмату дастранҷ дигар масъалаи муҳимми ахлоқӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш мебошад. Маорифпарвар бо завқи хосса ба санъати расмкашӣ ва китобат, мекӯшид, ки аз дастранҷи худ ба салотин чизе пешниҳод карда, ҳам заре ба даст оварад ва ҳам ба нафъи ҷомеа суде диҳад.

Вале Аҳмади Дониш мегӯяд, ки баъд аз он ки ман аз ин корҳо даст кашидам, ҳеҷ кас сохтмони иморатеро оғоз накард, ки бар он китобат зарур ояд ва ҳеҷ кас китобатеро фармоиш надод, ки бар он тасвиру тазҳиб ба кор бурда шавад. Он гоҳ ҳушёр шудам ва бо худ гуфтам: «Турфа савдои хоме пӯхта ва чизе андӯхтаам, ки ба ҳеҷ масрафе ба кор наояд». [25, с. 48]

Маорифпарвар бо баёни ин матлаб ба фарзандон таъкид мекунад, ки аз паи омӯзиши ин касбу пеша нашавед, зеро аз ин ҳисоб шумо манбаи даромаде ба даст оварда наметавонед, ба ҳаққи заҳмати шумо подоше надиҳанд. Охиран шумо барои ба даст овардани пораи нон маҷбур мешавед, ки хидмати дунону забунон кунед ё барои дирамею нимдираме аз субҳ то шом дар иҷрои корҳои касиф сарфи вақт намоед.

Аҳмади Дониш ранҷу озор расониданро нисбати ҳар як мавҷуди зинда амали зишт ва ба инсон нораво меҳисобад. Дар ин маврид қайд мекунад, ки ҳарчанд мору каждум ба инсонҳо хавф ва зарар меоваранд, аз паси ҳалоки

онҳо нашаванд ва тавонанд, ки аз неши онҳо худро муҳофизат намоянд. Зеро «Надонед, ки пашша офаридан ва магас эҷод кардан бисёр душвор аст. Агар ҳазор динор бидиҳед, ҳеҷ устоди моҳири ҳарирбоф пари магас иншо ва ихтироъ натавонад кард, бо он ки ин пар ҷон надорад, то ба ҷон офаридан чӣ расад. Бандавор дар замин қадам ниҳед, на хоҷавор». [25, с. 108]

Суханчиниро маорифпарвар амали номатлуби инсон меҳисобад. Бисёр хӯрдан, бисёр гуфтан ва бисёр хуфтанро иллати асосии беморихо медонад. Дар ин маврид маорифпарвар менависад, ки «Ва агар дар ҳақиқати ҳар амре нозиру муфаккир бошед, зиндагонии шумо то марг осуда бошад ва аз ҳеҷ касе малул ва озурда нахоҳед шуд ва на аз падару ва на аз модар, на аз шоҳу на аз раият ва на аз абнои ҷинси худ, аз амсолу ақрон ва аз ҳама мустағнӣ бошед». [25, с.19]

Хусусан, ба андешаи Аҳмади Дониш шахси шикампарвар бемор аст ва ҳамеша мухтоҷи табибу ҷарроҳ аст. Чора надорад, ки тиҷорат кунад ва дари ҳуккому умаро омадшуд намояд. Ҳама вақти азизи хуқтисор кунад, аздро дар таҳияи асбоби хурдану р.... хӯрондану р.... сарф кунад. Агар андак иқтисор кунад, аз ҳамаи ин матоиб ва масоиб эмин бошад. Яъне, агар вақти шурбу ақлро мизоне ва меъёре ниҳад ва аз он таҷовуз накунад, ба ин тариқа, ки дар ҳар шабу рӯз як бор итъом кунад ва агар натавонад, сабоҳ ва шом ва зӯҳр ба қадри ним меъда бештар, ки як сулс холӣ монад, аз он чӣ мақдураш бувад ва касбу ҳирфаи маснун. Ва дар ҳафта ду бор ба гӯшту равған ҳаввоси зоҳиру ботинро бичарбад. [25, с. 20-21]

Ба андешаи Аҳмади Дониш инсон мутасаддии дурустии амре, ки худ аҳли он набошад, қатъан аз паси иҷрои он нашавад, зеро аз сабаби ноуҳдабарой ва иҷро карда натавонистани чиз он нуқсондор гардад ва ё дигар истифода бурда нашавад.

Дар ин маврид маорифпарвар аз ҳаёти худ мисоле меоварад, ки ҳангоми сафар яке аз ашроф соате ба дастам дод, ки шишаи баромадаи онро дуруст кунам. Ҳарчанд ба ҳар тарафи он нигаристам, вале роҳи дуруст кардани онро наёфтам, беҳуда зур задам, дар охир шиша шикаста, ба чанд пора тақсим

шуд. Соати харобшуда ба ӯ додам, вале ӯ хомӯш буд. Аз ин ноуҳдабароиам ман низ назди ӯ хомӯш монда, хиҷолатзада гаштам. [25, с. 107]

Ба молу чизи дӯст ва ё шахси бегона тамаъ карданро маорифпарвар аз сифати пасти ахлоқи инсонӣ мешуморад ва таъкид медорад, ки то ризои соҳиби мол набошад барои ба даст овардани он тамаъ накунед. Ҳоло он ки он мол барои он шахс шояд зарур бошад.

Аҳмади Дониш устувории баланди ахлоқиро таъкид намуда, онҳоро муқобили васвасаҳои моддӣ мегузорад. Вазъияте, ки ӯ дар он қарор дорад, озмоиши хислати ӯ мебошад.

Барои тасдиқи ин ақида Аҳмади Дониш чунин мисол меоварад, ки «Ман боре назди маҳбуби дилхоҳ нишаста будам, яке аз насоро даромад ва ду адад қутичаи саводи нукра ва зарандуда ба армуғон пеши дӯсти ман ниҳод. Ман аз ғояти тароват ва нафосат ба ҳар ду тамаъ бастам, локин қуввати омираам ба далоили қотеа манъ мефармуд, ки «ҳон, худро ба тамаъи чизҳои ҳақир маёло ва ҳиммат баланд ор», то ҳеҷ кадомро нагирифтам ва ба ҳеҷ кадом илтифот накардам. Чун маҷлис мунқазӣ шуд, ҳамчунон бархостам, то даҳлези хона. Он дӯсти ман ҳар дуро овард ва гуфт: «Инҳо аз ту буд, чаро барнадоштӣ?!«… Гуфтам: «Бо ту аз ман муносибтар ва заруртар бувад». Номонда якеро дар бағалам андохт, ки бо ман даркорӣ дошт ва дигарро барои худ иттихоз кард, ки бар ӯ зарурӣ буд». [25, с. 107-108]

Ё худ бо тавсияи маорифпарвар дар дидан ва донистани ҳикмати асбоби нафиса ва ашёи ғариба, ки худ надоред ва ҳикмати онро намедонед, таваҷҷуҳ нафармоед, ки муҷиби хиҷолат ва надомат гардад. Барои тақвияти ин фикр Аҳмади Дониш аз лаҳзаҳои ҳаёти гузаштаи худ ёдоварӣ карда, чунин далел меорад: «Ман боре дар афсор, дар арзи роҳ, ки дар сарое ба манзил нузул доштам туфангчаи шашмила аз соҳиби сароро гирифта, тамошои атрофу ҳавошии он мекардам ва ҷои қундоқ ва гулӯла меҷустам ва ҳар тарафе мегардонидам. Дар ин ҳол ду тан аз руфақо яке аз пушт ба ман, дигаре баногӯши ӯ муҳозии ман буд, ҷой дуруст мекард. Ҳам дар ин асно ногоҳ туфангча холӣ шуд. Ман аз тарс ғаши кардам ва аз даст бияндохтам. Гулӯла

як ваҷаб ба девор нишаста буд. Баъд аз ифоқа нишон гирифтам, агар гулӯла чаҳор ангушт ба тарафи рост майл кардӣ, аз баногӯш ва канори абрӯи як рафиқи ман гузаштӣ ва агар чаҳор ангушт ба тарафи чап инҳино ёфтӣ, аз шонаи рафиқи дигари ман гузаштӣ». [25, с. 106]

Бо баёни ин матлаб маорифпарвар мегӯяд, ки агар гулӯла ба бадани рафиқон мерасид ман сабабгори рехтани хуни ноҳақ мегаштам ва ҳама умр худро намебахшидам ва хиҷолатзада мегаштам. Сипас, аз соҳиби туфангча узр мепурсад.

Дар мавриди шурби май ва истеъмоли беандозаи он андешаи маорифпарвар чунин аст, ки май иллати асосии ба вуҷуд омадани фитна ва шаҳват мебошад. [24, с. 76] Зеро мастон ба ҳеҷ кор аз масолеҳи дунёю охират қиём натавонанд кард, ки таътили касбу ибодат лозими он аст ва агар ҳушёр шаванд, ғаму кулфати зиёда аз қарори воқеъ бар хотир муставлӣ шавад ва пушаймонӣ суде ба бор наоварад.

Таҳқиқ кардани иллати содир кардани амали хушомадгӯӣ, тамаллӯкгарой дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ тамоилгирии дигари афкори маорифпарварро дар бар мегирад. Ӯ, ки мунтазам барои иҷрои корҳои давлатӣ ба дарбори амир рафту омад дошт, иллати беназмӣ ва бетартибии низоми идоракунии ҷомеаи аморти Бухороро дар пешниҳоди пора ва хушомадгӯӣ медид. Зеро тамаллуқпешагон бо ҳар роҳ мехостанд ҷиҳати ба даст овардани ҷомаву нон, ҷоҳу мансаб ба ин амали ношоиста даст зананд.

Ӯ хушомадгӯӣ ва таммаллуқгароиро сифатҳои паст ва разилонаи инсонӣ меҳисобид ва дар ин маврид чунин далел меорад, ки «ба иллати тадохули хушомадгӯён, ки ғарази ҷомаву нон доштанд, мулозамати абвоби салотин ба ғояти душворӣ анҷомида, аз тақаррубу мусоҳибати эшон муҷтанибу муҳтазир будам ва ба худ метарсидам, чунки арбоби ҳунар хушомад натавонанд гуфт, балки худ толиби хушомад бошанд». [25, с. 110]

Ниҳоят, Аҳмади Дониш ахлоқро аз шумори илмҳои назарӣ намеҳисобад ва онро ҷузъи ҷудоинопазири улуми амалӣ мешуморад. Мавзуи омӯзиши он

рафтор, кирдор, хулқу хӯй ва дигар сифатҳои табиию иҷтимоии инсон мебошанд. Бо вуҷуди ин, дар таълимоти Аҳмади Дониш шарҳу тавзеҳ ва таснифи категорияҳои ахлоқӣ ба таври алоҳида ва ё дар зербоби мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода нашудаанд. Истифодаи категорияҳо дар матнҳо, ҳикматҳо, андарзу нигоштаҳои маорифпарвар баръало таҷассуми худро ёфтаанд, ки пайдо кардан ва шарҳу тавзеҳи онҳоро аз дохили матнҳ мебояд ҷуст.

## 2.2. Фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он аз назари Аҳмади Дониш

Масъалаҳои марбут ба манзилдорӣ (оиладорӣ), аз ҷумла риояи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва эҳтироми волидайн аз ҷониби фарзандон, муайян кардани омилҳое, ки боиси нохушнудӣ ва сарзаниши волидайн аз сӯйи фарзандон мегарданд ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо, ба роҳи росту хайру эҳсон ва накӯӣ тарбия кардани фарзандон аз ҷониби волидайн, ба муносибатҳои оиладории фарзандон дахолат кардани падару модар ва то ҳадди ба ҷудойӣ оврадани оилаи онҳо ва ғайра, ки дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ва имрӯз низ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам мебошанд ва муқаррароти он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд» [3] зикр карда шудааст, дар ҷомеаи феодалии асри XIX ва аввали қарни XX-уми Аморати Бухоро мавзуъҳои баҳсталаб ба ҳисоб мерафтанд.

Хусусан, баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои марбут ба тарбия, аз ҷумла он ки агар писар сухани падарро дар мавриди иҷрои амалҳои ғайришаръӣ, номатлуб ва зишт, ба мисли дӯздӣ, қаллобӣ, қатлу ғорат ҷиҳати ба даст овардани маблағи муфт нагирад, оқ карда мешавад.

Ё худ, агар писар тамоми умури оиладориро ба уҳдаи модар, ки солхурдаю нотавон ва заиф аст вогузор намояд низоми оиладорӣ дуруст танзим намегардад ва акси ҳол агар ба уҳдаи зан гузорад модар аз он норозӣ гашта, то ба ҳадди вайроншавии оилаи онҳо мусоидат мекунад. Ҳамзамон,

агар модарарус накши ноҷойи худро дар муносибатҳои оилавии духтар бозад эҳтироми ӯ нисбат ба шавҳар кам гашта, барои талоқ додани зан аз ҷониби шавҳар шароит созгор мешавад ва ғайра.

Аҳмади Дониш ҳамаи ин мушкилоти ҷойдоштаро дар низоми оиладории ҷомеаи феодалии аморати Бухоро бо чашми сар дида, мушоҳида карда, тасмим мегирад, ки дастурамале таҳия намуда, дастраси мардум гардонад, то онҳо тавонанд дар ҳалли масъалаҳои оиладорӣ аз он тавсияҳо суде бардоранд.

Дар ин маврид маорифпарвар дар бобҳои алоҳидаи китоби «Наводир-ул-вақоеъ», аз ҷумла дар бобҳои «Дар таҳқиқи ҳуқуқи абавайн ва ҳадди укуқи онҳо», «Дар таҳқиқи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва маҷозӣ ва одоби ишқбозӣ», «Дар одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ» ва «Дар васоёи фарзандон ва баёни ҳақиқати касбу пешаҳо» ба мавзуи баҳсталаб таваҷҷуҳ дода, андешаҳои ҷолиб ва барои ҷомеа дархӯрро пешниҳод менамояд.

Ба андешаи Аҳмади Дониш барои фарзанд волидайн мавриди эҳсону шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзанди худ некихоҳанда ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянда, ки агар фосиқ бошанду ба фарзанд некӣ намехоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯро наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд, мавриди он ҳуқуқ, ки дар оёту аҳодис омада, нестанд. [24, с. 35]

Ҳақиқатан, ҳар як волидайн хайри фарзандро мехоҳанд. Кӯшиш мекунанд, ки фарзанд таълими дуруст гирифта, соҳиби касбу ҳунар, обрую эътибор гардад. Сифатҳои неки инсониро дар худ параварида, аз амалҳои зишт дур бошад. Дар чунин ҳол фарзанд нисбат ба волидайн эҳтиром гузошта, намегузорад, ки онҳо боиси озору сарзаниш гарданд.

Баръакс, агар фарзанд аз хурдсолӣ тарбияи зарурӣ нагирад, ба суханҳои падару модар гӯш надиҳад, ба таҳсил фаро гирифта нашавад, соҳибкасб нагардад, барои таъмини хонавода худсарона ба содир кардани амалҳои зишт: дӯздию қиморбозӣ, раққосию шоҳидӣ даст занад, барои хушнудии модар зани солеҳаи худро талоқ диҳад, ба фисқу фасод ва зинову ливотат

машғул гардад, ин амалҳо боиси нохушнудӣ ва озори падару модар метавонанд гарданд.

Аҳмади Дониш ба мавзуи иззату эҳтиром доштани падару модар аз ҷониб фарзанд ва омилҳое, ки боиси озору саркашие, ки байни волидайну фарзанд мегарданд аҳамияти бештар дода, нисбат ба дигар мутафаккирони гузашта, мавзуъро вобаста ба вазъи иҷтимоии замони зиндагии худ бепарда, ба таври ошкоро ва воқеъбинона баррасӣ мекунад, ки ин гуна таҳлилу тавзеҳ додани масъала як тамоилгирии хос ва навгонии таълимоти маорифпарварро нишон медиҳад.

Масалан, «Пас, уқуқе, ки дар зоҳир миёни падару писар меафтад, ғолибан аз он аст, ки падар дар инфоқ имсок мекунад бо вуҷуди қудрат. Ва писар аз ҷиҳати эҳтиёҷ мутолабат менамояд, чун аз падар эҳмол ва имҳол мебинад, пас дар исёну саркашӣ меафтад ва ба duздию қимору суол кори ӯ оид мегардад ва бошад, ки бигурезад, ё ба қаландарон ихтилот намояд ва шабҳою рӯзҳо дар хона наёяд. Пас, ваболи ин ҳама исён ва иқоқу шиқоқи ӯ ба рӯзгори падар оид гардад ва тарафайн осим бошанд. Ва гуноҳи падар бузургтар бувад, ки писарро ба исён овардааст». [24, с. 36]

Аз ин матлаб айён мегардад, ки саркашии дар байни падар ва писар ба вуқӯъомада дар навбати аввал аз ҷониби падар сурат мегирад. Яъне, падар бо вуҷуди қудрату тавонмандӣ эҳтиёҷоти писарро бо маводи зарурӣ саривақт таъмин накарда, сахтӣ, мумсикӣ мекунад.

Аз ин рӯ, писар барои таъмин эҳтиёҷоти худ маҷбур мешавад, ки ба duздӣ, қиморбозӣ, қаландарӣ машғул гашта, шабҳою рӯзҳо ба хона наояд ва дар низоми оиладорӣ, нофаҳмӣ зуҳур кунад. Ин андеша имрӯз низ муҳиммияти худро аз даст надодааст ва барои волидайн амалӣ кардани он аз ҳар ҷиҳат барои ҳалли мушкилоти оиладории ҷомеаи муосир, танзими муносибатҳои оилавӣ нақши худро бозида метавонад.

Тамоилгирии дигари ин андешаи маорифпарвар аз он иборат аст, ки агар падар эҳтиёҷоти писарро таъмин накунад ва таъсиргузор ба содир кардани амалҳои номатлуб аз ҷониби писар бошад, пас писар бо роҳи қаллобӣ аз паси

пайдо кардани маблағ шуда, ба азхуд кардани касбу пеша гардан намедиҳад, аз таълиму тааллум мегурезад.

Аз ин рӯ, падар то таълими касбу ҳунар кардан, соҳибкасбу оиладор шудани писар вазифадор аст, ки ба ӯ мадад расонад ва чун соҳиб манбаи даромад гашт ҷиҳати мустақилона зиндагӣ ихтиёр карданаш мусоидат намояд. Дар баробари падар, ҳамзамон, писар низ бояд муваззаф бошад, ки баъди соҳиби касбу ҳунар гаштан ба падару модар ёрӣ диҳад, то дар пиронсолӣ волидайн хору залил нагарданд ва ранҷу машаққати зиёд накшанад.

Асли ин матлабро маорифпарвар ба таври зайл баён доштааст: «Пас, агар падар аз мӯъсирон аст, писар ба истибдод толиби нифоқ мешавад ва ба касбу ҳирфа гардан намедиҳад ва аз таълиму тааллум мегурезад, ё дар нафақаи мисли худ аз падар қаноат намекунад ва барои исрофу итлоф ва завоид металабад, писари осӣ ва оқ бошад.

«Агар падар, қайд мекунад он, – ба рӯзе як дирам додан тавонад, лекин ним дирам медиҳад, дар сурати исёни писар, падар осиш аст ва аз дирам зиёда хоҳад писар осӣ аст. Ва ин ҳақ то вақте ҳаст, ки писар дар иёли падар бошад. Пас, агар падар ҳаққи писар адо кардааст ва илмии зарурии дин омӯхта ва пешаи лоиқ таҳсил кунонида ва зан додааст, писарро ҳеҷ ҷои бозхост нест. Балки писар ба падар эҳсон кунад ва ба қадри кафоф нафақа диҳад». [24, с. 36]

Дар ин боб дар баробари муносибатҳое, ки байни модар ва писар ба вуқӯъ меоянд Аҳмади Дониш таваҷҷуҳ зоҳир карда, қайд мекунад, ки нофаҳмиҳои оилавӣ пеш аз ҳама дар давраҳои аввали рушди фарзанд ва замоне, ки ӯ хонадор мешавад рух медиҳанд. Масалан, то хонадоршавии фарзанд модар ҳамеша талабгори он аст, ки писар ба амалҳои бад даст назанад, пулу моли ба дастовардаро ба айшу ишрат ва фароғат беҳуда сарф накунад. Сайъ кунад, ки таълиму тарбияи дуруст гирифта, соҳиби касбу ҳунар гардад, то дар зиндагиаш ба мушкилӣ рӯ ба рӯ нашавад. Аммо ин насиҳатҳои модар ҳамеша писар нохушнуд мекунанд ва нисбат ба ӯ як ҳисси

бадбинӣ пайдо мекунад, зеро модар ӯро озод нагузошта, дар иҷрои ҳамаи корҳояш дахолат мекунад.

Дар ин маврид маорифпарвар гунаҳгор писарро меҳисобад, зеро ӯ насиҳатҳои неки модарро, ки ба фоидааш буданд мадди назар накарда, беаҳамиятӣ зоҳир мекунад. Дар идомаи ин андеша маорифпарвар ба паҳлӯи дигари масъала равшанӣ дода, зикр медорад, ки нофаҳмиҳое, ки то давраи оиладор шудани писар байни модар ва фарзанд пайдо мешаванд, дар муддати начандон тӯлонӣ аз байн мераванд ва байни онҳо якдигарфаҳмӣ сурат мегирад. Яъне «сабоҳ ҷанг кунанд, шом оштӣ бошанд». [24, с. 37]

Аммо акси ҳол вақте ки писар оила бунёд мекунад ҳирсу шараҳ, зиёдаталабию қаноат накардан ба молу дороиҳои писар миёни модар ва зани ӯ низоъу хусумат авҷ мегирад. Яъне «модар зани писарро душман гирад ва нахоҳад, ки ӯ бо писараш нишинад, ё таоми серӣ бихӯрад, ё либоси некӯ бипӯшад, ё мехоҳад, ки ҳар чӣ занро масраф шавад, ӯ худ бидиҳад он чӣ хоҳад ё надиҳад. Ва мехоҳад, ки писар ба болои ӯ зани дигар орад, ё ӯро талоқ диҳад ва дигар никоҳ кунад».[24, с.37]

Ба андешаи маорифпаврар дар сурати рух додани чунин ҳолат агар писар ҷониби модар гашта, аз рӯйи гуфтаҳои ӯ амал кунад дар ҳаққи зан муқассир бошад, агар ризои зан хоҳад нисабат ба модар беэътиноӣ карда бошад.

Масалан, агар писар ба зоҳири нусус (каломҳои возеҳу равшан) бино монад, чунки фармони модар аст ва воҷибулиттибоъ дину дунёи худ ба зиён дода бошад, зероки дар ҳаққи зан ҷабр карда ва аз нафақаи ӯ кашида ва талоқи беваҷҳ карда. Ва агар авлод дорад, онҳоро зоеъ намуда ва маблағи хатир (зиёд) дар никоҳи дуввум аз ҳарому шубаҳот маблағе гирд кунад ва ҳоказо.

Дар никоҳи баъдӣ низ ин муомала пеш ояд ва боз он низоъ бе каму кост, балки зиёдтар барпо шавад. Пас, агар мард ба ризои зан равад ва гуфтаҳои ӯро ҷиҳати харидани либосҳои накӯ, пардохти нафақа таъмин намояд боиси норозигии модар мешавад ва доду фиғони онҳо аз доираи муҳити хонаводагӣ

ба берун мебарояд. Хусусан, таклифи писарро дар мавриди он ки «Биёву ба сари хон бинишин ва тановул кун. Нанишинад ва нахӯрад. Ва агар ҳиссааш диҳанд, кам гӯяд ва рад кунад. Ва бинолад, ки агар мувосо кардӣ хидматаш кардандӣ ва чун саркашӣ кунад, накунанд ва гӯяд: «Маро ҷорияе бояд, ё ходиме, ё хонае алоҳида». Ва ҳоло он ки писар бар таҷдиди хона ва ахзи ходим ва чоряк қодир набошад, то он ки зан гӯяд: «Ман бо ҳамроҳии модарат нанишинам, дари дигаре барои ӯ муҳайё кун». Агар мард бино дар зоҳири нусус монад, чунки фармони зан воҷибулиттибоъ аст ба фарзи иститоат. Агар ҳавлии дигаре барои модар гирад ва ӯро ҷудо кунад ва ҳаққи ӯ бояду шояд муқаррар гардонад, ҳам модар норозӣ бошад, ки «барои хотири зан аз ман гусехт». [24, с. 37-38]

Аҳмади Дониш дар ҷомеаи феодалии амората Бухоро, ки уламо ҷиҳати майли раёсат ҳақиқати дину диёнатро ба таъвил мепӯшанд, аз аломати ислом ҳамин амомаҳо бар сар аст ва аз шиори имон ҳамон азон бар манора ва бар забонҳо «Қола Абиҳанифа» ҷорист. Аммо дар кирдор ва атвор тафовути фоҳиш дар миён аст, ки ба ҳеҷ миллате ошнои надорад. агар сухан аз ботини шариат равад, ба гӯши ҳеҷ касе барнахӯрад...» [24, с. 31-34] умр ба сар мебурд, аз идеологияи ислом берун баромада наметавонист.

Инчунин, худи ӯ зимни таҳсил дар ҳузури модар ва мадраса аз илмҳои динӣ баҳраи комил бардошта, аз ояту андарзҳои ахлоқии китоби муқаддаси Қуръон, ҳадисҳо ва дигар китобҳои ахлоқию динии дар ин рӯҳия ба нашррасида, ба таври зарурӣ огоҳ буд. Аз ин рӯ, мекӯшид масъалаҳои дар низоми оиладорӣ пайдошударо дар доираи талаботи дини ислом ҳаллу фасл намояд. Бинобар ин, дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои оиладорӣ тавсия медиҳад, ки дар ҳолати пайдо шудани чунин масъалаҳо, ба китоби Қуръон ва суннат такя кунанд. Агар аз онҳо роҳу тадбирҳои ҳалли масъалаҳоро пайдо карда натавонанд тақлид ба касе накунанд ва иктифо ба ақли худ кунанд на ба ақли дигарон. Аз ин рӯ, тавсияҳое, ки Аҳмади Дониш дар мавриди рафъи мушкилоти оиладорӣ ва танзими муносибатҳои оиладорӣ пешниҳод мекунад метавон ба таври зайл натиҷагирӣ кард:

Аввалан, нисбати падару модар фарзанд хайру эҳсонро дареғ надорад. Масалан, агар яке аз абавайн, ё ки ҳарду дар назди фарзанд пир шаванду муҳтоҷи хидмат бошанд, эҳтироми онҳоро дорад, дилтанг нашавад ва аз кӯмаки дар ҳаққашон карда, «уф» нагӯяд. Уф гуфтани фарзанд маънои малоли хотир шудан, безорӣ, миннат кардани ӯро аз хизматҳояш нисбати волидайни солхӯрдаю барҷомонда, ифода мекунад.

Дуюм, падару модарон аз хурдсолӣ бояд фарзандонро дар доираи ахлоқи накӯ тарбия диҳанд то роҳи рост, хайру эҳсонро дар зиндагиашон интихоб кунанд. Шароити таҳсилро барояшон созгор кунанд то вобаста ба шавқу ҳавас соҳиби касбу ҳунар ва пешаи мувофиқ шаванд. На ин ки падару модарон аз ҷиҳати эҳтиёҷ, ё коҳилӣ дар касб ба фарзандон аз сарфи маблағ мумсикию хасисӣ карда, монеъа пеш оранд.

Дар ин маврид маорифпарвар чунин андеша пешниҳод медорад: «Ваҷҳи шӯҳрати ин ҳаққи умда (бо вуҷуди касрати аҳли ҳуқуқ) аз он аст, ки падарон ва модарон аз ҷиҳати эҳтиёҷ, ё коҳилӣ дар касб ба фарзандон зӯр меоранд. Агар ғанӣ аст, дар молаш ва агар муфлис дар касбаш тавағғул менамоянд (ва) худро ба мискинӣ бароварда, аз байтулмол ё ағниё талаби ҳаққ намудан, ё аз ҳамсояи ғанӣ ҳоҷат хостан амри саъбе аст…». [24, с. 47]

Сеюм, фарзандонро бо тарсу ҳарос, муомилаи дурушт бузург накунанд, зеро «авлод вақте ки чашм ба ҷаҳон кушоданд ва гӯш ба ҳар савту садо, аввал нағмае, ки ба гӯши эшон расад, садои уқуқу ҳуқуқи падар ва модар бошад, то аз ҳайбати он овоз бар худ биларзанд…». [24, с. 48]

Бо ин усул ба роҳ мондани тарбияи фарзанд ҳам барои ташаккули ҷисмонӣ ва ҳам қобилияти маънидарккунии ӯ халали ҷиддӣ ворид мекунад. Аз ин рӯ, имрӯз низ ин усул дар раванди тарбия ва таълими фарзанд қобили қабул нест ва роҳандозӣ кардани он тавсия дода намешавад.

Чаҳорум, тарбияи фарзанд ба андешаи Аҳмади Дониш ба уҳдаи падар вогузор мебошад. Дар ин маврид ӯ тавсия медиҳад, ки агар падар солеҳ бошад, ҳамаи ҳимматаш масруф бар салоҳи фарзанд бошад. Баръакс, агар

падар толеҳ (табаҳкор, бадкирдор) бошад, фарзандро ба фасод хонад, аз дуздию қимор, шоҳидию мутрибӣ ва раққосӣ ба ӯ сабақ диҳад. [24, с. 49]

Панҷум, падари солеҳ ва модари фозила новобаста аз мушкилоте, ки дар низоми оиладорӣ пайдо мешаванд назди фарзандон онҳоро мавриди ҳаллу баррасӣ қарор намедиҳанд, то ба тарбияи фарзандон халал ворид шуда, амалҳои онҳо минбаъд ибрати фарзандон дар ҳалли масъалаҳои хонаводагӣ гардад.

Аммо падари шарир ва модари маърифатнаандӯхта ҳаққу ҳуқуқи худро намедонанд ва дар тарбияи фарзанд ҳамеша ноком мегарданд. Фарзанд дар зиндагӣ ба амалҳои бад даст мезанад ва иллати ба ин роҳ рафтанашро дар амалу рафтори волидайн меҷӯяд ва мегӯяд: «Агар шумо ду шақӣ ба ҳамдигар намерасидед, мисли ман муфлису шарир мавҷуд намешуд». [24, с. 56]

Падару модар низ дар ин маврид ба саволи писар ҷавобе пайдо карда натавонанд, зероки «дар тазаввуҷ салоҳу садоди фарзандро аз худо нахостаанд ва дар муҷомаат муомилаи сутур намуда, балки ду шақӣ як шақоватпешаи дигарро зиёда кардаанд». [24, с. 57]

Шашум, падар модар муваззафанд, ки эҳтиёҷоти фарзандро ба ғизо, пӯшока, таҳсил ва ғайра таъмин кунанд ва миннат нанмоянд. Дар сурати иҷро накардани ин вазифаи пурмасъулият фарзандон ҷисман заиф бузург шаванд, ба маризиҳои гуногун бипечанд, ё дар ба дар гашта тамаъҷӯӣ намоянд. «миннати падар барои нон низ аз ҷаҳолати ӯст, набинад, бисёр тифлон аз бенонии падар ва ноҳифозии модар дар масҷидҳо ва роҳҳо лақит (андохташуда) мешавад, халлоқи ҳаким дигареро ба онҳо меҳрубон мегардонад, ки бармедоранд ва тарбият мекунанд». [24, с. 56]

Ҳафтум, дар ҷомеаи шарқӣ яке аз масъулиятҳои асосии падару модар нисбат ба фарзанд иборат аз он аст, ки то давраи омӯзиши касбу ҳунар ва хонадоршавӣ ба фарзандон ҳамаҷиҳата кӯмак кунанд, эҳтиёҷоти моддию маънавии онҳоро таъмин созанд. Баъдан фарзандон низ масъул шаванд, ки дар зиндагӣ дастгиру мададгорӣ волидайн гарданд.

Аҳмади Дониш низ ба ин масъалаи калидии низоми ҷомеадории шарқӣ мароқи хосса зоҳир карда, дар ин маврид чунин тавсияи муҳим медиҳад: «Пас, сабили абавайн он бошад, ки то фарзанд дар иёли эшон аст, ӯро тарбият мекунанд ва баъд аз рушд чун касбу илм омӯхтанд, занаш бидиҳанд… Ва фарзанд низ дар он чӣ мувофиқи шаръ ва ақл ва мурувват бошад ва фармони онҳоро аз фарзи лозимуладо медонад ва итоату инқиёд меёрад ва он чӣ мухолиф бошад ба «ҳову хала» мувосо кунад, на салбе, ки онҳо биранҷанд…». [24, с. 62-63]

Ба таври мухтасар ин ҳафт тавсияҳои муҳимме, ки маорифпарвар оид ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд, танзими муносибатҳои оилавӣ, риояи ҳуқуқу уқуқҳои волидайн, риояи рукнҳои одоби никоҳ ва ғайра пешниҳод кардааст на танҳо барои ҷомеаи феодалии аморати Бухоро ҷолиб ва боиси дастгирӣ буданд, балки имрӯз низ арзиши волои худро доро буда, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои марбут ба манзилдорӣ аз манфиат холӣ намебошанд.

Аҳмади Дониш мавзуи ишқу муҳаббати ҳақиқӣ ва маҷозӣ, инчунин одоби ишқбозӣ, ки асоси бунёди оилаи навҷавонон ба ҳисоб рафта, дар низоми иҷтимоии аҳолии Бухорои амирӣ ба як масъалаи мубрам табдил ёфта буд, таваҷҷуҳи зарурӣ дода, барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта боби алоҳидаеро дар китоби «Наводир-ул-вақоеъ» бахшидааст. Ба ақидаи ӯ ҳар як инсон новобаста аз ҷинсият чун ба камол расид майли табъ бар ӯ боло гирад ва барои қаноати нафси шаҳвония изҳори ишқ кунад.

Маорифпарвар ишқро ба ду навъ: маҳмуд ва мазмум ҷудо мекунад. Изҳор медорад, ки «ишқи маҳмуд он ки ба ваҷҳи шаръу ақл иктифо кунад ва ишқи мазмум он ки риояти шаръу ақл нанамояд». [24, с.207]

Ишқу муҳаббати ҳақиқӣ, ки бо бастани никоҳ ба бунёди оила асос мегузорад, барои устуворӣ ва мустаҳкамии он мусоидат менамояд. Ишқу муҳаббати маҷозӣ дар таъсиси оила заминаи боэътимод надорад. Агар оила тавассути ишқи маҷозӣ бунёд шавад устувории он дер напояд ва ҳамеша дар он хонавода ҷангу низоъ, нофаҳмиҳо пайдо шавад ва ин омилҳо боиси

носолимии оила гарданад. Зеро, асоси ишқи маҷозиро фисқу фасод ташкил дода, дилҳоро ба ҳам наздик намекунад.

Дар ин боб Аҳмади Дониш дар баробари шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои ишқу муҳаббат диққати хосса ба масъалаи калидии он: марди ошиқ аз куҷо маъшуқ ҷӯяд ва бо кӣ ишқ варзад, ба ҳисоб меравад. Маорифпарвар масъалаи мазкурро таҳқиқ карда, пешниҳод мекунад, ки марди ошиқ дар интихоби зан ва бунёди оила бояд ёздаҳ [24, с. 212-222] шарти муҳимро риоя намояд:

1) Соҳиби зару мол ва ҳиммати олӣ бошад, агар маъшуқ зару мол талабад назди ӯ гузорад ва бо ин роҳ тавонад дили ӯро мойили худ кунад.

2) Ошиқ марди донишманд бошад ва аз ҳама илму фан бохабар, хосса илмҳои тағаннӣ, алҳон, қиссасу таворих, мусаввирӣ ва наққошӣ, заргарӣ, хайётӣ ва хаттотӣ. Дар сурате, ки маъшуқ майл ба ҳунар дорад, маъшуқ меомӯзад ва ба хидматаш қиём менамояд ё назди куфтагии дилдор ба базлҳои ширин ва ҳикоятҳои рангин ва нуктаҳои намакин занги малол аз табиати маҳбуб зудуда мекуанд, ё ба тағаннӣ ва алҳон масрур тавонад кард.

3) Марди ошиқ бояд дар байни мардум обрӯ ва эътибори хосса дошта бошад.

4) Ошиқ бояд, ки марде ваҷеҳ (беранҷ) бувад ва зоҳири сураташ аз уюб мубарро бошад, то табъи маъшуқ аз ӯ танаффур накунад ва халқ ӯро ба сабаби дӯстии ӯ сарзаниш нанамоянд.

5) Ошиқ бояд, ки марде асилу наҷиб бувад, то риояти муруввату утувватро ба поён тавонад расонид ва ҳуқуқи дӯстию муҳаббатро муроот тавонад кард.

6) Марди ошиқ он маъшуқеро интихоб кунад, ки олиҳиммат бувад ва наҷибу асл. Агар лаъимзода ва мумсик бувад ва ба ҳар куҷо рафтуой кунад ба маъшуқ фармонҳои бемавқеъ дода, ба ҳоли ӯ нарасад. Агар олиҳиммат бошад, ба дахлу харҷи ошиқ назар ҳамекунад ва мувофиқи он фармон ҳамедиҳад, то сармояи дахли ӯ ба зиён наравад ва қарздору муҳтоҷ нашавад, ки он сабаби бадномии маъшуқ гардад.

7) Маҳбуб ба балоғат расида бувад ва тамизи неку бад карда. Пас, агар касе маъшуқи хурдсол дорад, то ҳадди булуғ аз ӯ таваққуъи дӯстӣ накунад ва нуқсону ҷароими ӯро муоф дорад ва насиҳату таълим ҳамедиҳад ва одоб, ки муроoти он ба турф ошиқу маъшуқ лозим аст.

8) Марди ошиқ чун ба касе майли ишқ кунад, аввало ахлоқи ӯ бисанҷад ва бубинад, ки муҳаббат бо ӯ ба саранҷом мерасад, ё на ва аз уҳдаи кафофу бозхости маъшуқ мебарояд, ё на, пас ба ӯ дилбастагӣ кунад.

9) Ошиқ баъди интихоби маъшуқ бояд асбоби маошу интиоши ӯро мувофиқи ҳоли ӯ мураттаб дорад ва чашму дасти ӯро аз кисаи ағёр баста дорад ва ба қазои мо-яҳтоҷи ӯ қиём намояд аз маскану ҳавлӣ ва зан ва таҳияи асбоби илмӣ, ки мубошири он барои омӯхтан мешавад.

10) Марди ошиқ агар эҳтиёҷоти занро таъмин карда натавонад дар зиндагӣ сахтӣ кашад ва дуруштӣ бинад, чӣ синни маъшуқӣ ва дилрабоӣ аввали шубоб аст ва овони таҳсили ақлу камол. Ва дар он вақт ақл дар мизоҷи ҷавонон хому норасида ва ноқис бошад ва ба таҷрибат надида. Лошак чун ба худ истиғно бинад, нафси ӯ туғён кунад ва саркашӣ намояд ва аз ҳоли ошиқ ёд наорад…

11) Марди ошиқро бояд, ки дар ҳузури маъшуқ ҳусну ҷамоли дигаре аз дилрабоёнро таърифу тавсия нафармояд ва хулқу дилҷӯии эшонро такрир накунад, илло барои таълим, на он қадар, ки маъшуқро рашк ояд, балки ғарази ӯ он бувад, ки маҳбуб он шеваро бипазирояд, чӣ ҳамчунон ки муҳиббро рашку ғайрат аст, маҳбубро зиёдтар бошад, зероки ниёзу фурӯтанӣ ва хушомаду нармзабонӣ ба ҳама ашхоси инсонӣ мулоими табъ аст.

Ин шартҳое, ки Аҳмади Дониш ҳанӯз бештар аз як қарн пеш дар мавриди ишқварзӣ ва бунёди оила пешниҳод намудааст, воқеан арзиши назариявӣ ва амалии худро доро мебошанд. Зеро, онҳо на танҳо барои устуворӣ ва таъсиси оилаи солим, танзими муносибатҳои оилавии ҷомеаи феодалии аморати Бухоро, балки дар ҷомеаи муосир бо вуҷуди ҷаҳонишваии арзишҳо, ки бар асари онҳо оила дар кишварҳои аврупоӣ вазифаҳои иҷтимоии худро аз даст дода истодааст, истифода ва татбиқашон барои

ҷомеаҳои шарқӣ, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест. Барои бунёди оилаи солим риояи рукнҳои одоби никоҳ, барасмиятдарории давлатӣ, кам гаштани ҷудошавии оилаҳо, таваллуди фарзанди солиму тарбияи дурусти он ва ғайра аз шартҳои муҳим мебошанд.

Баён ва риояи одоби никоҳ, хусумати модаршӯ ва модарзан масъалаҳои муҳими боби «Дар [таҳқиқи] одоби никоҳ ва [ваҷҳи] хусумати модаршӯ [ва шароити тазаввуҷ]»-и китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и маорифпарвар маҳсуб меёбанд. Оиларо Аҳмади Дониш як ҷузъи асосӣ ва мураккабу печидаи ҷомеа мешуморад. Ҳарчанд асоси бунёди онро ишқу муҳаббати самимӣ мешуморад, вале устуворӣ ва пойдории онро дар якдигарфаҳмии тарфайн, вафодорӣ ва хиёнат накардан ба ҳамдигар дар муносибатҳои оилавӣ мебинад. Хиёнат марду зан ба якдигар ҳатман низоъу хусумат, ҷангу ҷидолро дар оила ба вуҷуд меорад, ба солимии он монеа эҷод мекунад. Аз ҷумла хиёнати мардон нисбат ба занон ранҷу кулфат ва ғаму надоматро дар одоби манзилдорӣ зиёд мекунад.

Масалан, ба саволи эҳтиёҷманде, ки дар мавриди мушкилоти оилавӣ аз Аҳмади Дониш маслиҳат мепурсад, ӯ посух медиҳад, ки дар кишвари Хито аз сайёҳе хабар ёфтам, ки мусаввирон се сурате тасвир кардаанд, ки гӯё зиндаанд: яке марде сар ба зону мутафаккир нишаста, дигар марде бар даст гӯё бар сар мезанад, дигаре марде аст мубтаҳиҷ, даст бар ҳаво ва пой мекӯбад, гӯё рақс мекунад… Сайёҳ мегӯяд аз нафаре пурсидам, ки «ин чӣ сурат аст ва аз кист ва кайфияту ихтилофи вазъу ҳайат ба сабаби чӣ? – Гуфт: «Ҳукамои Хито хулосаи аҳволи марди кадхудоро бад-ин суратҳо боз намудаанд. Чун дидаанд, ки тафсили сафоҳат ва зиштхӯии занон на бад-он мартаба аст, ки авроқи лайлу наҳор гунҷад ва ба дафтарҳо мураттаб карда ояд, асароти онро дар ваҷоҳати сурати мардон ихтисор дода, то ҳар касе аз он ибрат гирад ва дониста дар ин варта қадам ниҳад, ки мунҷар ба қаъри ҷаҳим аст ва азобаш сахт алим ва ҷасим ва бидонад, ки «ин дона далели анбор аст ва ин қатра аз баҳри заххор». [24, 225]

Аҳмади Дониш баъди шунидани ин хабар аз сайёҳ тасвири суратҳоро карда, чунин зикр медорад, ки сурати аввал тасвири марде аст, ки ҳанӯз издивоҷ накарда, ғубори ғам бар сару рӯяш нишастааст. Дуввумӣ, шахсе аст, ки ба қайди зан пойбанд шуда ва ҷон ба ханҷар расида ва пушаймон гашта, роҳи халосӣ намедонад ва санги надомат бар сар дорад. Сеюмӣ, аз ҳабси тақайюди зан растааст ба талоқ ё ба марг, шодӣ мекунаду пой мекӯбад, ки аз бало растаам.

Аҳмади Дониш мувофиқат ва мурофақате, ки миёни марду зан пайдо мешаванд на зотӣ, балки оризӣ меҳисобад. Яъне як сухани ноҷои аз ҷониби зан ва ё мард метавонад зиндагии онҳоро нооромом гардонад ва байнашон нотифоқӣ пайдо шавад. Зан аз мард ҷудоӣ талабад ва мард майли ба манзил овардани зани дигарро кунад ё агар зан бо либосу маскан ва нафақа таъмин нагардад зиндагии мардро тира гардонида, доду фиғони худро аз бому дар берун мекашад ва то ба маҳкамаи қозӣ мебарад. Ин амалҳои занро маорифпарвар аз кутоҳақлӣ, нуқсони дин ва сабур набудани ӯ дар гӯш кардан ва таҳаммул нанамудани сухан мебинад.

Ба андешаи Аҳмади Дониш никоҳ ин иттифоқи тарафайни зану мард аст, ки асоси онро меҳру муҳаббат ташкил медиҳад. Бастани никоҳ ин иҷрои як рукни шариати исломӣ дар мавриди бунёди оила аз ҷониби марду зан мебошад. Бастани никоҳ мардро аз дил бастан ба маъшуқаи дигар, дил аз васваса нигоҳ медорад. Ғараз аз тазаввуҷ таваллуду таносул аст ва бо воситаи никоҳ дуои фарзанд ба ҳосил ояд.

Аҳмади Дониш дар боби «Дар ҳикояти Абулқосим-бӣ ва сафари Русия»-и китоби «Наводир-ул-вақоеъ» низ таассуроти худро доир ба масъалаи бастани никоҳ ва талоқ додан (зимни сафараш ба кишвари рус) баён дошта, менависад, ки «дар шариати эшон мард зиёда аз як зан натавонад овард ва зан то шавҳар намирад, шавҳари дигар натавонад кард. Ва дигар ба ҳеҷ ваҷҳ талоқу тафриқ муяссар нашавад. Ва он чӣ эшонро истимтоъ аз шаҳвати муошарат ва мубошарат даст диҳад ба тариқи зино ва ҳаром бошад…». [24, с.170]

Ҳамин тавр, дар ислом ҳарчанд бисёрзанӣ маъмул аст, вале Аҳмади Дониш ба мардон ба акди худ даровардани чаҳор занро тавсия намедиҳад. Қайд мекунад, ки ҳато таъмини ҳамаҷиҳатаи ду зан ба мард мушкилӣ меорад. Барои тасдиқи ин фикр, зикри андешаи маорифпарварро зарур мешуморем: «Мард агар ду зан дорад, аз мавоҷиб аст дар шаб будан назди ҳар кадом ва ато фармудан ба ҳар кадом ва дар муҳаббат ва мубошарат, ки он дар ихтиёри мард набувад…». [24, с. 256]

Бояд тазаккур дод, ки дар тафриқа аз дигар бобҳои китоби «Наводир-ул-вақоеъ» маорифпарвар дар боби «Дар [таҳқиқи] одоби никоҳ ва [ваҷҳи] хусумати модаршӯ [ва шароити тазаввуҷ]» зимни таҳқиқ ва барасии масъалаи мазкур сифат, уҳдадорӣ ва вазифаҳои зан ва мардро дар низоми ташкил ва муносибатҳои манзилдорӣ ба таври муфассал ва возеҳтар, бо овардани далелҳои боэътимод таҳқиқу тавзеҳ медиҳад. Шартҳое, ки ӯ барои занҳо мегузорад, аз инҳо иборатанд:

1) Зан офарандаи вуҷуди шарифи инсон аст. Яъне, «он чӣ аз ӯ нар (писар) ояд, мақсуд биззот аст ва он чӣ мода (духтар) ояд, боз мазруфи вуҷуди дигаре мешавад, то он вақт, ки маротиби изҳор ва ихтироъ тамом шавад». [24, с. 228] Имрӯз ин амал вазифаи репродуктивии оиларо дар бозтавлидӣ ва бақои насл ифода мекунад.

2) Зан дар муҳити оила боиффат, бо ақлу диёнат ва поксиришт бошад. Айшу ишрат, хурду хоб ва ҷимоъро асоси оиладорӣ напиндорад. Агар зан бедиёнат ва бадсиришт бошад, фарзандони ӯ беақлу бедиёнат мегарданд. Бинобар ин, зан вазифадор аст, ки одоби манзилдориро риоя намояд. Молу сарвати захиракардаи шавҳарро бомақсад сарф намояд ва ба шавҳар хиёнат накунад.

3) Барои мустааҳкам нигоҳ доштани оила зан бояд боҳаё, босабур, таҳаммулгаро ва дурандеш бошад. Аз барои ҳирси молу чиз мушкилоти оилавии худро ба волидайн, хешу пайвандон ва дӯстон изҳор дошта, нотифоқӣ, кулфату коҳиш ва беназмиро дар раванди муносибатҳои хонаводагӣ ба вуҷуд наорад. Ба андешаи маорифпарвар, зани лаима аз барои

либосу палос мушкилоти оилавиро ба бому дар мебарорад. Зани фозила ва карим-ун-нафс бошад, салоҳи кори худро медонад ва мушкилоти оилавиро ақлонӣ ҳаллу фасл намуда, мутеъи ақли дигарон намегардад.

4) Барои зан тавлиди ҳам писар ва ҳам духтар бояд азиз бошад. Аммо занонро дар зиндагии хонаводагӣ ҳангоми таваллуди писар як худкомагию мағрурӣ фаро мегирад ва дар ин маврид ба мард фармони зиёд медиҳанд. Агар духтар таваллуд кунанд, хиҷил шаванд ва фармон кам диҳанд.

5) Зан бояд уммӣ ва бесавод бошад ва таламмузи хату иншо накарда ва китоби «Лайлӣ ва Маҷнун» нахонда.

6) Зоҳиран ва ботинан зебо бошад.

7) Зан бояд бандаи мард бошад, на мард бандаи зан ва ғайра.

Дар баробари ин, маорифпарвар сифат ва вазифаҳои зеринро дар боби оиладорӣ барои мард ҳатмӣ мешуморад:

1) Марди муҷаррад пеш аз бунёди оила бояд соҳиби молу сарват бошад. Агар молу сарват надошта бошад, аз рӯзҳои аввали оиладорӣ азият кашад, ба моли зан такя кунад.

2) Мард пеш аз бунёди оила бояд соҳиби манзил бошад, то дар манзили зан оила бунёд карда, доимо зери ранҷу озор ва забондарозии зан қарор гирад. Инчунин, манзили зан аз модар дур дорад, дар сурате, ки модар дар иёли ӯ бошад, асбоби маош, нафақаи модарро тавонад таъмин созад. Дар сурати онҳоро дар як хона нигоҳ доштан носозгории модар ва зан, ки иллати он нафс аст, ривоҷ гирад ва мард сахтӣ кашад.

3) Марди кадхудо бояд сурат ва сирати зебо дошта бошад. Агар сурати зоҳириаш аз уюб холӣ набувад, зани маъюб талабад. Ё худ агар мард зоҳиран зебо набошад ва зани ҷамила талабад мунтазам боиси таҳқири зан шавад.

4) Зан аз ҷое талабад, ки асли шариф дошта, эҳтироми шавҳарро ба ҷо оварад ва фармонбардораш бошад. Ё худ зан соҳиби мулку асбоб набошад, ранҷкашидаву сахтидида, то ба молу амволи шавҳар қаноат карда, нисбат ба ӯ мушфиқу меҳрубон бошад.

5) Зани хоста бояд ба ҳадди булуғ расида бошад.

6) Тарбияти фарзанд ба уҳдаи мардон аст ва онҳо муваззафанд, ки ӯро дар рӯҳияи худошиносӣ ва худшиносӣ тарбия кунанд. Яъне, мард то ба синни балоғат расидан ва оиладор шудани фарзандон онҳоро таълими дуруст диҳад, соҳиби касбу пеша гардонад ва нафақаашонро ҳамеша таъмин намояд.

7) Мард бояд аъзои оилаи худро бо меҳнати ҳалоли худ бо хурду хӯрок ва дигар ҷиҳози муҳим таъмин кунад. Ба молу сарвати зан тамаъ накунад ва фикри зиндагиашро аз ҳисоби сарвату боигарии зан таъмин намудан, иктифо нанамояд. Ба андешаи Аҳмади Дониш «онон, ки аз моли зан таматтӯъ бардоштанд ва бармедоранд, нодиранд ва мавқуф ба чанд муқаддима, ки камтараш тағаллубу тасаллути зан аст бар мард». [24, с. 237]

8) Мард масъул аст, ки барои тарбияи фарзандонаш дояи хубе интихоб намояд, то он доя фарзандони солеҳу солимро тарбия кунад.

9) Мард бояд, ки занро дар хона танҳо нагузорад ва яке аз маҳорими худро, ё маҳорими занро дидбон дорад, ки зан аз ӯ ҳазар кунад.

10) Он чӣ нафақа мекунад аз ҳалол ба даст оварад, ки ҳеҷ хиёнату ҷафо аз он беш набувад, ки эшонро ҳаром бипарварад.

11) Мард бояд, ки ҳеҷ таоми хуш танҳо нахӯрад ва агар хӯрад, пинҳон дорад ва назди аҳли хонавода тавсиф нанамояд.

12) Мард то тавонад талоқ накунад, ки худованди иззу-исма аз ҷумлаи мубоҳот талоқро душман дорад. Агар ҳоҷат афтод, ки талоқ диҳад, бояд, ки аз яке беш надиҳад ва се талоқ ба якбора макрӯҳ аст. Ва мард бояд сири зан ба ҳеҷ кас нагӯяд ва зоҳир накунад, ки ба чӣ айбу иллат талоқ медиҳад?! ва ғайра. [24, с. 246-250]

Муайян кардани нақши модаршӯ ва модарзан дар низоми оиладорӣ мавзуи дигари мубрам аст, ки дар фалсафаи амалии Аҳмади Дониш ҷойгоҳи хосса дорад. Нақши модарзан ва модаршӯро дар раванди оиладории фарзандон, аз ҷумла халалдор гаштани муносибатҳои зану шаҳварии онҳо дар таълимоти Аҳмади Дониш дар мадди аввал гузошта мешавад.

Дар ин маврид маорифпарвар барои тақвияти фикр чунин мисол меорад, ки модарзан аз ӯ пурсад: «шавҳар бо ту чӣ муомила кард ва чӣ овард ва чӣ

гуфт? Ё худ «Агар ту бад-ин навъ ороста гардӣ, мард дилҷамъ гардад ва гӯяд: «Алҳол либосҳои нави арусӣ муҳайё дорад ва ба ҳоли ту напардозад ва ин ҷомахоби ту бубинад, ёди лиҳофу бистари ту накунад ва дар таҷдиду табдили он накӯшад». [24, с. 232]

Зан аз ин суханони модарзан ранҷур гашта, меҳру муҳаббаташро нисбат ба шавҳар кам мекунад, ғизои ӯро саривақт омода намесозад, ҳамеша ба суханони шавҳар нохушоянд ҷавоб медиҳад. Хусусан, вақте ки мард аз зан мепурсад: «охир ин ашёи хона куҷо шуд ва он палоси рангин куҷо рафт ва он ҳулию зевар, ки дар гӯшу гардан доштӣ, чӣ шуд ва он қумоши латиф, ки дар бар доштӣ чӣ кардӣ?» Ва чӣ шуд, ки ин хона имрӯз ба ранги хонаи мусибатзада сиёҳ ва пур аз дуд аст ва рангурӯи ту чаро зарду кабуд ва сабаб чӣ, ки имрӯз бӯи тамоме ба машоми иштиҳо намеояд». [24, с.232]

Зан ба ин саволҳои шавҳар оҳи сарду дардолуд кашида, гӯяд: «Палоси рангин аз бародарам буд ва ҳулию зевар аз хоҳарам ва он қумош аз модарам, ки ҳар кадом бозхости орият карданд ва гуфтанд: «Ту шавҳар дорӣ, набояд, ки хона ба кироя орой». Собуну оҳак набувад, ки ман худро шустушӯ диҳам ва на орду равған ва ҳима, ки ба худи ту чизе омода гардонам, лоҷарам мо низ ҳама гурусна нишастаем, то ту ой ва чӣ фармоӣ?!». [24, с. 232-233]

Ё худ байни модаршӯ ва зан низ хусумату бадбинии якдигар аз қонеъ кардани нафс маншаъ мегирад ва шурӯъи онро ду даъво ташкил медиҳанд. Аввалан, модар муддаии ин аст, ки фарзанд қитъаи гӯште заиф ва оҷиз буд, ки ба саъю тарбияти ман рушду камол ёфт, шабҳо бедорхобӣ кашидам ва рӯзҳо аз паи ризқи ӯ гаштам. Ҷазои ин эҳсон ҷуз ин нест, ки саранҷоми фатқу ратқи маҳомми фарзанд ба дасти ихтиёри ман бошад ва ӯ бе савобдиду маслиҳати ман набояд, ки дами об биёшомад.

Дуюм, зан муддаии ин, ки домани ин мард ба чанг овардам ва худро ба забунию ходимӣ ба хидмати вай дода ва аз ҳама хешу ақрабо ҷудо гашта ва ба тариқи ҳама гуфта ва савдою муомалаи умрӣ ихтиёр намуда, сазои ин тафвизу таслим ғайр аз ин нест, ки калиди ҳаллу ақди абвоби дахлу харҷи мард дар қабзаи иқтидори ман бувад. [24, с. 243]

Ин ду даъво ба он меоварад, ки модар чун мебинад, ки дар садри хона зани бегона нишаста, фармонравоӣ мекунад нафраташ зиёд гашта, хусумати байни онҳо дучанд мегардад. Агар фармонравои манзил модар гардад, занро нафс боло равад ва оромиши хонаводаро бо шуру ғавғо ноором созад.

Маорифпарвар дар ҳалли ин мушкилоти ҷойдошта чунин тавсия медиҳад, ки мард бояд аз рӯйи ҳурмати модарӣ илтиҷо ба модар барад, ки «ту дар амри саранҷоми хона кулфат мабар ва ба як ҷо бинишину осуда бош ва ба тоату» ибодат шуғл гир ва шукр баҷо ор, ки як фарзанд ду кардӣ. Акнун вазифаи ту як ҷо нишастан аст ва ибодату дуо кардан. Ва маҳомми манзил ба кадбону гузор ва худро ранҷ мадор?». Аз ин тавсияҳои маорифпарвар баръало айён мегардад, ки фарзанд ва зани ӯ неъмати хонавода мебошанд. Бинобар ин, вақте ки фарзанд иҷрои вазифаҳои хонаводагиро ба уҳдаи зан мегузорад бояд модар малоли хотир нашавад ва аз баракату заҳмати фарзандон умри осоиш бинад. Нагӯяд, ки ман туро ба умед бузург кардам ва ту ба сухани зан гӯш дода, маро аз сари косаю навола манъ фармуда, зердасти зани худ кардӣ. Зан низ бояд модарро азизу эҳтиром дорад ва ба ӯ ҳамеша дасти мадад расонида, дар иҷрои умури манзилдорӣ миннат накунад. Ба ӯ бо ситезаву бо даста нон надиҳад ва ғайра. Акси ҳол, агар зан шаттоҳу дағалгуфтор бошад, шӯру низоъ барпо кунад ва гӯяд: «Ман ба модарат нанишинам ва ӯро аз ман ҷудо кун ва ҳавлию нафақаи алоҳида барои ӯ тартиб дор. Ва чун аз модари худ метарсидӣ, чаро зан кардӣ?!». [24, с. 245]

Ё худ агар фарзанд иҷрои ҳамаи умури хонаводаро ба души модар гузорад, дар ин маврид низ модар ором нанишинад ва изҳори норизоиятии худро нисбат ба зани шавҳар баён кунад. Масалан, маорифпарвар дар ин маврид аз забони модар чунин иттилоъ медиҳад: «Ман пир шудам ва аз кор монда ва дар амри саранҷоми кори хона касе ба ҳоли ман намепардозад ва нигоҳ намекунад ва ҳама ба ҳузур хоб мекунанд. Ва ман аз пагоҳ то бегоҳ медаваму метапам». [24, с. 245]

Дигар ҷанбаи масъалаи мазкур чунин тамоилгирӣ дорад, ки тибқи ақидаи Аҳмади Дониш муҳаббати зан ба модар аразӣ буда, муҳаббати модар

нисбат ба фарзанд зотӣ аст. Яъне, коре, ки модар ба танҳоӣ мутакаффил шуда бувад ва ба худ зӯр оварда, зан онро ба гардан нагирад ва низ натавонад. Кор ба он ҷое мерасад, ки зан кӯмак аз ходиму ҳамсоя талабад ва аз зарару суди шавҳар парво накунад, балки толиби зарари шавҳар бошад. Бо ҳамсояҳо нишинаду молу амволи шавҳар ба табоҳӣ кашад. Аз ин рӯ, саранҷоми маҳомми манзил аз ақлонӣ ҳаллу баррасӣ кардани масъала ва самаранок харҷ кардани амволи шавҳар аз ҷониби зан ва модари фарзанд ба ҳисоб меравад.

Дар анҷоми зербоб месазад хулоса кард, фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он аз назари Аҳмади Дониш бар он аст, ки манзилдорӣ ва рафтори инсонҳо дар манзилҳо нишондиҳандаи фазилатҳои ахлоқӣ ва тамаддунии ҳар як шахс ва ҷамъият мебошанд. Аҳмади Дониш бо назари таҳлилию интиқодӣ ба масъалаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он рӯ оварда, кӯшиш кардааст, ки аҳамияти ин масъалаҳоро барои рушди ҷамъият ва нигоҳдории арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии инсонҳо шарҳ диҳад.

Дар асарҳои худ, ӯ нуктаҳои назарии мухталифро бо далелҳо ва таҷрибаҳои шахсӣ муфассал ва дақиқ асоснок намуда, бо тарзи возеҳу равшан баён кардааст, ки манзилдорӣ на танҳо як раванди муқаррарии зиндагии инсон, балки як ҷузъи муҳими фарҳанг ва ячейкаи асосии ҷамъият мебошад.

Маорифпарвари нозуктабъи тоҷик Аҳмади Дониш, инчунин таъкид мекунад, ки тартиби манзилдорӣ ва муносибати инсонҳо бо манзилҳояшон метавонад дар нишон додани сатҳи пешрафт ва мутараққии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад. Ӯ қайд мекунад, ки манзилдорӣ бояд бо равиши зебоӣ ва муносибатҳои самимона дар оила ва ҷомеа сурат гирад, то ки манзилҳо на танҳо макони зист, балки макони осоиш ва равнақ гарданд.

Дар маҷмуъ, зарурати таъсис додани оила дар ҷомеа, мушаххас кардани уҳдадорӣ ва вазифаҳои аъзои оила дар хонавода, муайян кардани вазифа ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, муайян кардани ҳуқуқҳои фарзанд нисбат ба волидайн, нақши модарзан ва модаршӯ дар тағйирёбии муносибатҳои оилавии фарзандон ва ғайра масъалҳое мебошанд,

ки бевосита ба фалсафаи манзилдории Аҳмади Дониш иртибот доранд ва вобаста ба талаботи зербоб мавриди таҳлилу муқоисаи воқеӣ қарор гирифтанд.

Ин тарзи нигоҳ ба фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои он ба мо имкон медиҳад, ки арзишҳои асосии ахлоқӣ ва маънавии фарҳанги форс-тоҷикро беҳтар фаҳмем ва қадр намоем. Аз ин рӯ, фалсафаи манзилдорӣ ва тамоилгириҳои афкори Аҳмади Дониш на танҳо як мавзуи илмӣ, балки як дастури амалиест, ки метавонад дар рушди ҷомеаи муосири мо низ кӯмак кунад.

## 2.3. Фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа масъалаи калидии фалсафаи амалии Аҳмади Дониш

Осори гуногунмазмун ва гуногунсоҳаи Аҳмади Дониш, ки асосан дар заминаи ислоҳоти ҷамъиятӣ ва пешбурди адолат дар низоми идоракунӣ таҳия шудаанд, имрӯз ҳам аҳамияти хосси худро нигоҳ медоранд ва ҳамчун як манбаи муҳимми таҳқиқоти илмӣ хидмат мекунанд.

Аҳмади Дониш дар таҳқиқотҳои худ, дар қатори дигар шохаҳои фалсафаи амалӣ ба фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа ҳамчун масъалаи калидии фалсафаи амалӣ, аз ҷумла: фаҳмиши мафҳуми сиёсат, назму насақи давлатдорӣ, муносибати подшоҳ бо халқ ва амалдорони давлатӣ, таъмини амнияту суботи ҷомеа, барқарордории адолат, усулҳои идоракунӣ, истифодаи манбаҳои табиии кишвар ва коркарди саривақтии онҳо ва ғайра аҳамияти хосса медиҳад.

Ба ақидаи маорифпарвар сиёсат ин кушиши ба даст овардани ҳокимият ва тавассути он болои мардум татбиқ кардани амру супоришоти худ мебошад. Махсусан, тамоилгирии хосси афкори сиёсии мутафаккирро дар ин маврид бо он далел метавон мушаххас кард, ки ӯ халқро манбаи асосии ҳокимият меҳисобид ва подшоҳро идоракунандаи ҷомеа. Аз ин рӯ, подшоҳ вазифадор аст, ки барои татбиқи сиёсати худ, бақо ва ҳимояи ҷамъият

аввалан лашкар ороста дорад ва онро бо зару мол таъмин намояд. Дуюм, ба раият, ки бо меҳнати содиқонаи худ зару мол офарида, кишварро обод менамоянд, амнияту суботро созгор гардонад.

Ба мазмуни дигар, подшоҳ дар раванди идоракунии ҷомеа бояд ба панҷ рукни муҳим, ки марди оқил тавонад зиндагии шоистаро ба худ муносиб бинад, муҳайё намояд:

1) Адлгустарӣ. Бақо ва номи неки давлатдории подшоҳон аз принсипи адлгустарии онҳо вобастагӣ дорад.

2) Ба вазифаҳои роҳбарикунандаи давлатӣ шахсони арзанда, лоиқ, сазовор ва донишманд масъул гардонида шаванд. То онҳо бо халқ бошанд, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум содиқона ифои вазифа намоянд.

3) Ба соҳаи тандурустӣ, тарбияи мутахассисони варзидаи ин соҳа, табибон аҳамияти вижа дода шавад. Имконият дода нашавад, ки аз беаҳмиятии подшоҳ ва масъулини соҳа фолбинону ҷодугарон ба ташхис ва табобати мардум машғул шаванд. Зеро солимии мардум ин сиҳатии ҷомеа мебошад.

4) Аҳолии кишвар низ меҳрубон, инсондӯст, фозил, таҳаммулпазир, дурандеш ва соҳиби дастони кушод бошанд, то сайёҳон, мусофироне, ки барои анҷоми корҳои худ, ё боздид аз дастовардҳои фарҳангии шаҳр озими кишвар мешаванд, гирифтори азияту шиканҷа нагарданд. Акси ҳол мардуми дигар шаҳрҳо хостори ба ин мулк омаду рафт карданро накунанд ва кишвар дар гумномӣ қарор гирад.

5) Масъалаи таъмин кардани аҳолӣ ба оби нӯшокӣ ва об барои кишту кор аз мавзуҳои муҳимми рушди давлатдорӣ ба ҳисоб равад. Об – ободӣ меорад, об ҳаёт мебахшад. Бинобар ин, кандани каналу ҷӯйборҳо, бунёди сарбанду обанборҳо ҷиҳати захира кардани об бояд нақшаи преспективии ҳар як давлат ва сарвар маҳсуб ёбад. Шаҳрҳо он ҷойҳое бино карда шаванд, ки захираҳои обӣ, обҳои ҷорӣ дошта бошад. [24, с.130-131]

Аз таҳлили мазмун ва моҳияти ин тавсияҳои пешниҳодкардаи Аҳмади Дониш, инчунин ҷанбаи дигари назархоҳии ӯро метавон муайян кард, ки вай ҳам ба мисли мутафаккирони гузаштаи хеш ҷомеаро ба ҷомеаи маданӣ ва ғайримаданӣ (фозила ва ҷоҳила) тақсим мекунад.

Ӯҷамъияти маданӣ гуфта ҷомеаеро мефаҳмад, ки дар он принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ риоя мегарданд, ҳуқуқу уҳдадории мардум риоя карда мешаванд, арзишҳои фарҳангӣ ва фазилатҳои неки инсонӣ густариш дода мешаванд ва халқ ҳамеша аз паи ободӣ ва ба саодат расидани худ кӯшиш мекунад. Яъне, панҷ шарти муҳим, ки ба назму насақи давлатдорӣ мувофиқанд, пурра риоя мегарданд.

Дар робита бо ин, ӯ мардуми тоҷикро ҳамчун халқи тамаддунсоз таъсисдиҳандаи ҷамъияти фозила ҳисобида, вале қабоили бодиянишинони туркро ба шумори ҷомеаҳои ғайримаданӣ мансуб медонад. Чунки қабоили турк аз фарҳангу рукнҳои низоми давлатдорӣ, санъати нигоҳдорӣ ва истифодаи об, фарҳанги деҳқонӣ ва кишоварзӣ, боғу токпарварӣ ва ғайра дур буданд.

Туркҳо насл ба насл зиндагии кӯчманчигӣ доштанд ва ин тарзи ҳаёт барояшон писандида буд. Умуман, онҳо, макони асосии зиндагӣ надоштанд, дар ҷойе зиндагӣ карданро шоиста меҳисобиданд, ки он мазраъ аз алафу об саршор бошад. Бинобар сабаби беэҳтиётӣ ва бетаҷрибагӣ, заминаи бунёдӣ надоштан аз фарҳанги ҷомеадорӣ зуд ҳалқаи онҳо шикаста, ҷамъияташон рӯ ба инқироз меоварад ва онҳо ба шумори кам ба ҷойҳои дигар кӯч мебастанд, то аз нестӣ худро раҳо намоянд.

Ин тартиби тақсимбандии ҷомеа пеш аз маорифпарвар низ роиҷ буд. Тақсимбандие, ки Аҳмади Дониш ҷоиз мебинад мазмунан бо тақсимбандии файласуфони тоҷик Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино монандӣ дорад. Аммо муқоисаи ақидаҳо нишон медиҳанд, ки назар ба андешаронии файласуфони асримиёнагӣ Аҳмади Дониш ба таҳлили амиқи ин мавзуъ таваҷҷуҳи хосса намедиҳад. Ӯ аз рӯйи мушоҳидаҳояш ҷомеаро ба маданӣ ва ғайримаданӣ чудо менамояд. Форобӣ ва Ибни Сино бошанд, ба омӯзиш,

баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи мазкур аҳаммияти хосса дода, на танҳо онро ба ҷомеаи фозила (маданӣ) ва ғайрифозила (фосиқа) тақсим мекунанд, балки дар робита ба ин тақсимбандӣ навъҳои ҷомеаи фозила ва фосиқаро гурӯҳбандӣ мекунанд, ки ин тамоилгирии андешаҳо хусусиятгириҳои фарққунандаро байни таълимоти онҳо ва афкори Аҳмади Дониш мушаххас мегардонад.

Барои тасдиқи ин андешаи худ, инчунин маорифпарвар мисоли дигар оварда, зикр менамояд, ки ҷомеа монанд ба сурати шахс аст, ки унсурҳо ва таркибҳо бадани ӯро комил нигоҳ медоранд ва подшоҳ бояд бидонад, ки давлатро низ чаҳор сутун устувор мегардонанд. Аввалан, адолату насофат, дуюм, сипоҳ, сеюм, раият ва чаҳорум, зару об. Агар подшоҳ ҳамчун сарвари мулк зимни амалӣ кардани сиёсати идоракунии давлат ба устувории ин унсурҳо аҳамият надиҳад, кишвари ӯ рушд накунанд, бетартибӣ дар ҳама соҳаҳо ба назар расад. Яъне, зулму фасод авҷ гирад, ҷомеа хароб шавад ва мардум парешону саргардон гардад.

Барои тасдиқи ин андеша маорифпарвар нуктаи назари худро ба таври зайл ҷамъбаст намуда, менависад, ки дар мулк аскария бе пардохти маблағи моҳона вазифаи худро иҷро накунад, молу сарват бе кӯшишу ҷаҳди халқ ба даст наояд, раият бе зар об надиҳад ва об бе ҳукму амр наояд. Дар натиҷа аскарро бо зарби зулм натавонист нигоҳ дошт ё ба зӯр кор фармуд, мол аз раият ба зулм ситонид… то чанде, ки эшон мутанаффир ва мутафарриқ гарданд. Ба андак муддате харачу марач дар низоми давлатдорӣ ба вуҷуд ояд, аз он давлат осор намонад, ба ҷущ бадномӣ дар ин дунё... [25, с. 131]

Тамоилгирии дигари афкори сиёсӣ, ки аз таъкидҳои ақлонӣ ва созандаи Аҳмади Дониш мушаххас мегардад, ин аст, ки вақте подшоҳ зимоми идоракунии ҷомеаро ба уҳда гирифта, сиёсати худро татбиқ карданӣ мешавад бояд барои пойдорӣ ва рушди ҷомеа тадбирҳои зеринро андешад:

- аввалан, дар низоми идоракунии ҷомеа ба ҳуқуқ ва озодиҳои мардум эҳтиром гузорад. Барои беҳбудии шароити зиндагии мардум ва пешбурди адолат дар ҷомеа масъул бошад;

- дуюм, маорифпарвар аҳолиии аморати Бухороро ба се қишр тақсим мекунад: аҳли сайф, аҳли қалам ва аҳли касбу пеша. Бо ин асос, ба подшоҳ таъкид менамояд, ки дар тартиби ташкили низоми аскардорӣ аҳамияти хосса дода, ҳайати онро аз ду табақа: аҳли сайф ва аҳли қалам муҳайё дорад [25, с. 133] ва ҳар кадомро мувофиқ ба салоҳияташ ҷиҳати иҷрои амал сафарбар намояд. Махсусан, барои қатъи низоъ, масъалаҳои даъвоӣ ва ҷамъи мол аҳли қаламро истифода барад. Барои ҳимояи кишвар, таъмину амнияти ҷомеа аз ҳар гуна ҷангу ҷидол ва қитол аҳли сайфро сафарбар кунад.

Барои он ки ҳайати аскария вазифаҳои худро софдилона ва содиқона иҷро кунанд бояд нафақаи онҳоро муайян кунад ва саривақт музди маоши онҳоро пардохт намояд. Ба мисли «Чун ин назму насақ ҷорӣ доранд лашкар бағоят ороста гардад ва ҳар касе зӯр ба ҳунар оварад, на ба ҳасад. Ва касеро дағдаға нарасад, ки «фалон ба амал расиду ман нарасидам». Пас, инчунин лашкар худро бе муҳобо ба обу оташ зананд». [24, с. 136]

- сеюм, подшоҳ бояд ҳама вақт манбаҳои дахли вилоятро ба ҳисоб гирад. Ҳаққи фуқарро, мискинон, ятимон, уммолу мутасаррифонро ҷудо намояд. Баъдан аз ҳисоби маблағҳои боқимонда лашкар фароҳам оварад. Чунки яке аз масрафи байтулмол фуқаро ва масокин мебошанд. Онҳо касоне мебошанд, ки қодир бар иқтисоби қути явмия нестанд, ба воситаи аҷзу пирӣ ва маъюбӣ ва барҷомондагӣ.

- чаҳорум, донад, ки оби ин шаҳр аз куҷо сарчашма мегирад дар он ҳол маҷрову мадхали онро пок ва ҳифз кунад. Агар барояш маълум бошад, ки ин шаҳр дарёву чашма надорад ё захираи табиӣ кам аст, пас тадбири бунёди иморатҳои зиёд ва доруламорaро накунад. Вале, агар барояш маълум гардад, ки аз наздикии шаҳр дарё ҷорист ба он наҳр кашад ва қасрҳову кушкҳо дар наздикии дарё бунёд кунад, то ҷамъият муттаҳид шуда, ободонӣ муяссар гардад.

Вақте ки подшоҳ дар низоми сиёсии ҷомеадорӣ мардумро аз ин мушкилот раҳоӣ мебахшад ва ҳамзамон мардум мебинанд, ки бо ионати подшоҳ соҳиби обу замин гаштаанд ва подшоҳ молу амволи онҳоро аз

ашрору қутоъуттариқ ҳимоя мекунад, пас ба худ воҷиб медонанд, ки ушру хироҷи иртифоти мамлакат ба хазина расонанд то бо ҷамъи зару мол аскар омода карда шавад ва аскар муваззаф гардад, ки дар кишвар амнияту суботро таъмин карда, раият, мадхали обро ҳимоя намояд. Акси ҳол, агар подшоҳ об дар вақташ ба мазореъин нарасонад, молу амволи онҳоро аз дӯздону роҳзанон ҳимоя накунад, назму тартиб дар ин гуна ҷомеа намонад.

Имрӯз низ ин андеша арзиши худро аз даст надодааст. Татбиқи он боиси рафъи норасоии об барои кишварҳои ҷомеаи инсонӣ, об барои обёрии заминҳо ҷиҳати парвариши анвоъи гуногуни зироат ва рушди боғдорӣ, бунёди неругоҳҳои хурду бузурги обӣ метавонад гардад. Бесабаб масъалаи об ва ҳал кардани мушкилоти он яке аз ташаббусҳои асосии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои баровардан ба арсаи байналмилалӣ қарор нагирифт. Пешгузории ин масъала вусъати ҷаҳонӣ касб кардани сиёсати хориҷии ҷомеадориро дар кишвар ифода намуд.

Бояд эътироф кард, ки Аҳмади Дониш ба низоми идоракунии одилона ва раиятпарварона эътиқоди қавӣ дошт. Ӯ бар ин назар буд, ки низоми идоракунии ҷомеа бояд бар асоси принсипи адолат, дониш ва ахлоқи воло ба роҳ монда шавад. Ҳокимон на танҳо ба ҳифзи тартибот ва амнияти ҷомеа кӯшанд, балки барои беҳбудии зиндагии мардум ва пешрафти умумии кишвар низ саҳм гузоранд.

Ҳамин тавр, фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва низоми идоракунии ҷомеа аз дидгоҳи Аҳмади Дониш нишон медиҳад, ки ӯ як мутафаккири амалгаро ва ислоҳотхоҳ буд. Ба ақидаи ӯ танҳо бо ислоҳоти амиқ ва идоракунии самаранок метавон ба пешрафти воқеии ҷомеа ва адолати иҷтимоӣ нойил шуд. Бинобар ин, андешаҳои ӯ на танҳо барои замони худ, балки барои наслҳои оянда низ аҳамияти бузург доранд ва метавонанд ҳамчун як манбаи илмӣ ё дастурамал барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сиёсат ва идоракунии ҷомеа хизмат кунанд.

Воқеан, аморати Бухоро як аз сарзаминҳои пурганҷи Осиёи Миёна буд. Захираҳои табиию анвоъи маъданҳояш зиёд ва ба коркарду истифода ниёз доштанд, аммо амирону масъулини дарбори сиёсии манғития аз мавҷуд будани ин захираҳои бойи табиии кишвар огаҳии комил надоштанд. Намедонистанд, ки дар кадом минтақаи кишвар чӣ анвоъи бозёфтҳои табиӣ мавҷуд аст. Аммо ин бозёфтҳо ва захираҳо назди давлатҳои пешрафта ва донишмандони ин кишварҳо маълум буд.

Бинобар ин, бо ҳар роҳ мехостанд ин кишварро забт карда, боигарии фаровони табиии онро моли худ гардонанд. Ин мавзуъ дар он қарн таваҷҷуҳи Аҳмади Донишро баъд аз он ки дар Пешовар бо сайёҳи ҳиндӣ шинос шуда, суҳбат меорояд, ҷалб менамояд.

Дар ин замина маорифпарвар мусоҳибаи саркори фарангиро бо сайёҳи бухороиро дар мавриди масъалаи харҷу дахли Бухоро бо як ҳисси баланди ватандорӣ таҳлил карда, дар ин маврид чунин иттилоъ медиҳад, ки саркори фарангӣ аз сайёҳ мепурсад:

- «Мулки Бухоро чӣ микдор замини обод ва солеҳи заръ дорад?».

- Гуфтам: «Шарқан ва ғарбан қариб понздаҳ фарсах, шимолан ва ҷанубан, ҳашт фарсах».

- Гуфт: «Самарқанд?».

- Гуфтам: «Сулсони он».

- Гуфт: «Насаф?».

- Гуфтам: «Нисфи он».

- Гуфт: «аскарияи Бухоро чанд аст?».

- Гуфтам: «Дар айёми амн аскарияи дохилӣ - се ҳазор, дар авқоти ошӯб - аз ҳавошӣ дувоздаҳ ҳазор ва бо замми атрофи банда бист ҳазор».

- Гуфт: «Мавоҷиби ин ҳашам чист?».

- Гуфтам: «Дувоздаҳ ман ғалла».

- Гуфт: «Ғалла аз куҷост?».

- Гуфтам: «Аз ушр ва хироҷ».

- Гуфт: «Агар осмон наборад ва замин надиҳад?».

- Гуфтам: «Аз ҷӯъл ва андозе, ки бар раия андозанд». - Гуфт: «Агар фуқаро гадо шавад?».

- Гуфтам: «Аз мусодара ва ярғу, ки ағниёро афтад». Муфрит бихандид ва гуфт: «Дар ин сурат фуқаро ва сипоҳ озурда бошанд ва бенаво, агар душмане қавӣ ҳодис шавад, муҳимми ҳарб ва ҳифзи давлат чӣ навъ муяссар гардад (ба ҳамин сипоҳу раият рахти оббурда ва аз шоҳу уммол ва муқаррибони ӯ озурда)».

- Гуфтам: «Дар атрофи мо душмане қавӣ нест ва мо бар ҳама ғолибем».

- Гуфт: «Билфарз, агар пайдо шавад?».

- Гуфтам: «Бино бар фарз ниҳодан ва ба ваҳм хотир пароканда кардан на равиши хирадмандон аст». Фикри имрӯз кун, андешаи фардо-фардо!

- Гуфт: «Аз ҳазм ва эҳтиёт тағофул кардан на маслаки ҷаҳондорист ва на оини фармонгузорӣ, чӣ ҳудуси воқеа пештар расул ва рисола надорад, ки (пештар) эълом диҳад, ки «ман фалон вақт зуҳур хоҳам кард ва дидаҳоро кӯр ва халқро дар гӯр хоҳам намуд», балки ногоҳ ва нохост воқеа афтад». [24, с.148]

Аз ин баҳси ошкоро ва ниҳоят мазмунан тарғибкунандаи ҳисси ватандӯстӣ чунин айён мегардад, ки сиёсати давлатдории амирони манғития бо зулму беадолатӣ ороста гардидааст. Ҳукком ва маъмурини дастгоҳи идории он хирадманду оқил ва дурандешу соҳибтахассус намебошанд. Бинобар сабаби побанди таассубу хурофот мондан ба мардум омӯзиши илмҳои замонавиро иҷозат намедоданд, то мутахассис гашта, аз бозёфтҳои моддию маънавии кишвар воқиф шаванд. Онҳоро ба манфиати мардум, пешрафти ҷомеа коркард карда, мавриди истифода қарор диҳанд.

Бинобар ин, аз сатҳи пасти фарҳанги сиёсӣ ва иқтисодии худ онҳо тадбире бар ҳифзи раияту ҳимояи сипоҳ андешида наметавонистанд. Орзуву амали накуяшон он буд, ки имрӯз барояшон зиндагӣ хуш гузарад, фикри фардои онро надоранд, ки онҳоро чӣ пешомаде интизор аст. Ҳоло он ки рушди давлат ва бақои салтанат вобастагӣ дорад ба ободии мулк ва сатҳи

баланди зиндагии аҳолӣ. Ин фикрҳое, ки ту гуфтӣ далолат аз «харобии мазореъ ва гуруснагии фуқаро ва раоё ва эҳтиёҷмандии сипоҳ ва мӯҷиби зулм ва ситами уммол ва девон аст. Инчунин, давлат дер напояд ва агар пояд, ба авлод ва аҳводи хулафо нарасад ва вафо накунад ва низоми фатҳу ратҳи муҳиммоти мулкӣ халали азим ёбад. Итлоқи давлат ва салтанат бар чунин мамлакат рост наёбад, балки шоҳи гадоён ва ҳокими ҷамоаи бенавоён бувад». [24, с. 148-149]

Ҳақиқатан, аз саволгузорӣ ва посухҳои саркори фарангӣ маълум мегардад, ки аз боигариҳои табиӣ Осиёи Миёна, хусусан аморати Бухоро огоҳии комил доштааст. Махсусан, мавҷудияти сарватҳои табиӣ ва боигариҳои минтақаи Бадахшон ӯ ва дигар аврупоиёнро ҷиҳати дастёб гаштан ба онҳо ба тадбирандешӣ мекашид. Мехоҳад бо мусоҳибае ба намояндаи ин мардум андешаи як тан таҳҷоиро оид ба ин боигариҳо бифаҳмад ва бо ӯ масъаларо ба риштаи баҳс кашад. Мехоҳад дар идомаи суҳбат бо сайёҳи бухорой аз мавқеъгирии онҳо ва муносибати салотинашон аз ин минтақа иттилоъе гирад.

Мегӯяд: аз мо касон рафта, ҳар яке аз ин маодинро ба назари тадқиқ ва имъон тафтиш ва тафаҳус намуданд. Хабар оварданд, ки он чӣ мардуми ӯзбак дар муддатҳои мутамодӣ дар ин конҳо ҷон кандаанд, ҳанӯз ба сари матлаб нарасида, ба хазафреза ва сангмайда қаноат кардаанд. Ва дар таворихи мо набиштааст, ки дар солиф замон лаъле аз кони Бадахшон ёфтанд панҷ ваҷаб андар панҷ ваҷаб ва он дар хизонаи волии он ҷо буд. Чиниён вуқуф ёфта, Бадахшонро ба зери сангу кулӯх гирифтанд ва дар шаб баъзе мавозеъро оташ медоданд. Асҳоби адъия ва азоим яке аз эшонро дида ва аз он бедодӣ суол намуд, ки «матлаб ва мақсади шумо чӣ будааст, ки дар озори ин халқ кӯшидаед?» - Гуфт: «Подшоҳи мо иморате дорад ва он қитъаи лаълро, (ки дар хазинаи шумост) мехоҳад. Агар шумо хоҳед, ки аз осеби мо эмин гардед, он сангро дар фалон мавзеъ дар қуллаи кӯҳ гузоред, то мо бардорем». [24, с.149]

Оқибат чиниён ин лаъл ба даст оварда, мардуми Бадахшон аз озори онҳо наҷот меёбад. Фаранги ҳамчунин зикр медорад, ки мо низ ният дорем дар мувофиқа бо давлати Расӣ (рус) ба ин минтақа роҳ кушода, аз боигариҳои он бенасиб намонем.

Барои танзим ва пешбурди корҳои давлатдорӣ Аҳмади Дониш ҳамчунин дар мавриди масъалаи дахл ва харҷи кишвар аҳамият дода, ба подшоҳ тавсия медиҳад, ки дар тобеияти худ ду вазири соҳибҳукм дошта бошад. Якум, вазири кулл, ки масъалаҳои ба дахли мамлакат вобастаро баррасӣ ва назорат намояд. Дуюм, вазири харҷ, ки аз аҳволи низомиён доим хабардор гашта, мушкилоти онҳоро бартараф намояд.

Зимни иҷрои вазифаю уҳдадориҳои давлатӣ ҳар ду вазирро масъул гардонад, ки ҳар рӯз ба подшоҳ дар бораи корҳои иҷрокардаашон гузориш диҳанд. Бо чунин тадбирандешӣ кишвар метавонад ороста гардида, раият амну осуда кору фаъолият варзанд. [25, с. 136]

Ин тавсия низ арзиши амалии худро аз даст надодааст. Ҳоло ҳам барои кишварҳои ҷомеаи муосир дар ҳалли масъалаи ҷо ба ҷо гузории кадрҳои идораи давлатӣ амалӣ кардани он асари мусбати худро доро мебошад.

Дар баробари андешаҳои қаблӣ бо тавсияи Аҳмади Дониш подшоҳ барои дастгирии табақаи аҳли қалам ба онҳо низ раисеро таъйин кунад, то фозил, донишманд, олими ҳақиқӣ ва оқил бошад. Аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна масъалаҳои баҳсбарангез баромада тавонад, то аз ноуҳдабароияш ҳар ноаҳле хабарҳои беасосу бардуруғро ба подшоҳ нарасонад. [25, с. 137]

Ин тавсия низ аз он ҷанба дорои арзиш мебошад, ки маорифпарвар нисбат ба олимон ва донишмандон муҳаббати хосса дошт. Онҳоро неруи пешбарандаи ҷомеа ҳисобида, такя кардани подшоҳро ба онҳо сабаби камолоти худи ӯ ва тараққӣ додани кишвар мешуморид.

Ҳамзамон, тибқи таълимоти Аҳмади Дониш таъйин ва интихоб намудани кадрҳо ба вазифаҳои гуногуни идораи давлатӣ на аз рӯйи муносибатҳои хунию хешутаборӣ, пора, миёнаравии ашхос сурат анҷомад. Подшоҳ ҳангоми таъйини ашхоси сазовор ва лоиқ ба мансабҳои давлатӣ бояд

соҳибмаърифатӣ, соҳибтаҷрибагӣ, кордонӣ, қобилияту истеъдоди ӯро ба эътибор гирад.

Аз ҷумла, агар шахс қуввати тақриру идрок дорад ӯро ба корҳои сафорат шомил гардонад. Агар шуҷоъу нотарс бошад, саркардаи аскар баргуморад. Агар зарифу шӯхтабиат бошад, ба мунодамат, агар қуввати инсофу диёнат дорад, қазои ҳавоиҷи халқ ва вазорат бад-ӯ муносиб бинад, то адолат ҷорӣ гардида, корҳо пеш раванд ва мардум осуда зиндагӣ ихтиёр намояд… [25, с. 139] Баръакс, агар ин тавсияҳоро ба эътибор нагирад ва амалӣ нанамояд тамоми умр маътал монад ва кори ӯ саранҷом наёбад.

Сифатҳои норавою кирдорҳои бад, ба мислӣ: кибр, дурӯғ, фитна ва ғайра муҷиби нафрати мурдумон мебошанд. Дар робита бо ин, маорифпарвар ба подшоҳ пешниҳод мекунад, ки дар вазифаҳои давлатӣ ашхоси мутакаббир, ҷоҳил, нодон, бетаҷриба, суханчин ва нолоиқро масъул нагардонад. Чунки рафтору амали онҳо на танҳо боиси бадномии на худи онҳо, балки подшоҳ низ метавонанд гарданд. Мардум низ ҳамеша аз ин тоифа нафрин доранд ва ба амри онҳо гӯш надиҳанд.

Яъне, подшоҳ монанд ба сарчашма аст ва амалдорону тобеони ӯ ба ҷӯе чанд, ки аз сарчашма ҷорӣ шавад. Агар оби чашма ширин бошад, оби ҷӯйҳо ширин гардад ва агар талх, талх… [25, с. 146]

Пас, аз ин андеша бармеояд, ки дар умури давлатдорӣ беҳтар аст, ки подшоҳ ба адлу эҳсон ва ахлоқи ҳамида намуна бошад, то амалдорону чокарон аз ӯ ибрат гиранд.

Дигар ин ки, Аҳмади Дониш саҳми адибон, шоирон, воқеанигорон (рӯзноманигорон), сафирон ва расулонро дар назму тартиби давлатдорӣ ва ободии мулку осудагии раият барҷаста меҳисобад. Дар ин маврид, маорифпарвар қайд мекунад, ки дар низоми давлатдорӣ подшоҳ вазифадор аст, ки нисбат ба шоирон, адибон, рӯзномнигорон, сафирону расулон иззату эҳтироми хосса дошта бошад. Чунки онҳо ашхоси бофарҳанг, ҳӯшманд, зирак ва дурбини ҷомеа ҳастанд. Метавонанд барои рушди кишвар,

густариши илму фарҳанг, муаррифии арзишҳои он чӣ дар ҳудуди минтақа ва чӣ дар арсаи байналмилалӣ саҳми назаррас расонанд.

Бар замми ин, подшоҳ дар таъйин ва интихоби масъулини идораҳои давлатӣ бояд ботадбир бошад. Ҳеҷ гоҳ дурӯғгӯиро дар табиати худ ривоҷ надиҳад. Забонашро бо гуфтораш як гардонад. Махсусан, зимни баррасии масъала ҳар як ҳукмро зуд қабул накунад, аввал андеша намояд, баъдан бо уламо машварат кунад ва сипас дар баровардан ва амалӣ кардани он кӯшад.

Барои тасдиқи ин андешаи худ мутафаккир чунин ҳикматро зарур меҳисобад, ки «Султонро гурез набувад аз вуҷуди мардумони зирак аз ҳар табақа, то дар аозими маҳомм истишора аз ҳар қавме кунад. Балки дорулмашвара таъйин кунад ва ба он раисе адиб мансуб гардонад ва мавоҷиб муқаррар кунад, то ҳар рӯзе дар он аз табақоти мардум гирд оянд, дар умури мулкӣ ва молӣ ва ободии вилоят машварат мекунанд. Ва манофеъу мазорри ҳар маслиҳатро мешумуранд, то ба як амр иттифоқ афтад ва ба раис медиҳанд. Вай ба султон мерасонад. Агар раъйи султон низ иттифоқ кунад, ба имзо мерасонад, ки чун ақлҳо дар амре иттифоқ кунад, ғолибан аз хато масун монад ва мамлакат ҷамолу камол гирад». [25, с. 153]

Баръакси ин амал дӯстони подшоҳ аз ӯ худро канора гиранд ва душманонаш иттифоқ гарданд. Пас, подшоҳро зарур аст, ки дар тинати худ ду сифатро ҳамеша ороста дорад: 1) ҳиммат ва 2) ҳайбат. [25, с. 147-148]

Дар баробари баррасию таҳлили андешаҳои ақлонӣ ва идеяҳои созандаи маорифпарвар, ки қаблан зикр карда шуданд, дар таълимоти ӯ ба масъалаҳои марбут ба соҳаи тиҷорат, муносибатҳои тиҷоратӣ, равнақ бахшидани муносибатҳои бозаргонӣ аҳамияти махсус дода мешавад.

Бавижа, Аҳмади Дониш нақши тоҷиронро дар муаррифӣ ва тавсеаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як кишвар муҳим арзёбӣ медорад. Зеро, ба иттилои ӯ тоҷирон бо фаъолиятҳои худ на танҳо ба пешрафти иқтисодиёт мусоидат мекунанд, балки дар рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа низ саҳми назаррас мегузоранд. Бо муошврати васеъ ва

табодули фарҳангӣ, онҳо нақши муҳиме дар густариши донишу фарҳанг ва таҳкими равобити байналмилалии ҳар як кишвар мебозанд.

Аз ин рӯ, маорифпарвар онҳоро хазинаи ҳар як мамлакат меҳисобад ва ба подшоҳ тавсия медиҳад, ки аввалан барои онҳо шароити хуби фаъолият кардан мусоид фармояд ва баъдан барояшон раиси адл таъйин кунад, то кори онҳо натиҷаи дилхоҳ дода, барои таъмини аҳолӣ бо маводи ниёзи аввал мусоидат намоянд. [25, с. 164]

Аҳмади Дониш таъминкунандаи амнияту суботи ҷомеаро аскария меҳисобад ва бо ҷиддият таъкид мекунад, ки зимни иҷрои вазифаи хизматӣ онҳо бояд содиқ ва фидоии касби худ бошанд. То аз ҳушёриву зиракиашон сулҳу салоҳ дар кишвар таъмин гардида, мардум дар фазои орому осоишта кору фаъолият намоянд ва ҷомеаро рушд диҳанд. Ӯ, масхусан зикр менамояд, ки сарвари сиёсӣ бояд низомиёнро ҳамеша ҳимоят намояд, доим эҳтиёҷоташонро таъмин кунад, то онҳо муҳофизи марзу бум бошанд. [25, с. 141]

Ӯ масъул аст, ки пеш аз ҳам низомиёнро доим мураттаб ва дар ҳоли омодабоши ҷангӣ нигоҳ дорад. Новобаста аз он ки барояш айён нест, ки ӯ дар атроф душман дорад ва ё не, аз аскария ҳеҷ гоҳ канора нагирад. Табиист, ки душман ногаҳон аз гӯшае сар боло мекунад, ки дар ин вақт барои подшоҳ омодагии ҷангӣ дидан имкон намедиҳад. Бо вуҷуди ин, сарвар аз ботадбирӣ кӯшад ба душмани қавӣ ҳамеша мудороро пеш гирад. Дар сурати бо душмани қавӣ ҷанг кардан ва зафар наёфтан метавонад кишварро аз даст диҳад, мусаххари душман намояд.

Инчунин, солхӯрдагони аскарияро бо лутфу каромат, пешкаш кардани ҳадяву инъомҳо аз вазифа озод карда, ба ҷойи онҳо фарзандонашонро ба сафи артиш сафарбар намояд. То соҳибтаҷрибагон садоқати ватандорӣ ва ҳимояи якпорчагии Ватанро ба насли худ, фарзандон омӯзонанд.

Андешаҳои маорифпарвар доир ба мушаххас кардани сифатҳои саркарда ва амири аскар саривақтӣ ва бисёр ҷолибанд. Дар ҳама давр истифодаашон низ арзиши худро аз даст нахоҳанд дод.

Махсусан, саркарда ё роҳбар се сифати шоистаро доро бошад:

- аввал шуҷоат (бебоку ҷасур бошад ва аз тиру туфанг ва обу оташ наҳаросад);

- дуюм исботи раъй (донишманд бошад, то аз амри ӯ аскария саркашӣ накунад);

- сеюм соҳибтаҷрибт (ба камолрасида, корозмуда ва маъракадида бошад, то аз уҳдаи роҳбарии аскария баромада тавонад) бошад. [25, с.143]

Ҳамзамон, даҳ шарте [25, с. 143-145], ки Аҳмади Дониш ба подшоҳ дар мавриди ороста доштани аскария ва шурӯъ намудан ба ҷанг пешниҳод мекунад, дар ҳама ҳолат ба кор оянд ва истифодаи онҳо дар ҳама давр ба музаффариятҳо метавонанд оваранд. Муҳтавои онҳоро ба таври мухтасар нишон медиҳем:

1) Аз тарафе барои шурӯъ намудани ҷанг овоза паҳн карда, вале ҷангро аз сӯйи дигар оғоз кунад, то душман ғафлатзада гардад.

2) То омодаи ҷангӣ надида, асбобу таҷҳизоти зарурӣ мураттаб насозад, ба ҷанг шурӯъ накунад.

3) Лашакиёнро ҳар рӯз хилъату инъом ваъда дорад, то онҳо ба ҷангидан ҳавасманд шаванд.

4) Ҳар лаҳза аз вазъи лашкар огоҳ бошад, то аз сиёсати ӯ лашкариён битарсанд ва ҳадди худ нигоҳ доранд.

5) Он нафаронеро ба сафи пеши аскария масъул гардонад, ки корозмудаю таҷрибадида бошанд, на нодону хурдсол, ки бо шунидани овози тир ва ғавғои андак пушт диҳанд ва лашкар гузошта, фирор кунанд.

6) Ҷосусони худро дар байни лашкари душман паҳн кунад, то онҳо ҳар лаҳза аз вазъи аскарияи душман ба ӯ иттилоъ дастрас намоянд.

7) То тавонад бо душман мудоро кунад ва ба бастани сулҳ розӣ шавад, зеро оқибати ҳар як ҷанг ба хубӣ наанҷомад.

8) Агар ҷангидан ҳатмӣ бошад, пас назму тартиб лашкарияро мураттаб дорад.

9) Ба тағйирёбии боду ҳаво аҳамият дода, азимати ҷанг намояд.

10) Ба фатҳу зафари андак фориғбол нашавад ва аскарияро зуд пароканда накунад, ё нагузорад, ки ба тороҷу ғорати амволи душман мағул шаванд, зеро душман аз сӯйи дигар омодагӣ дида, зарба занад, ки лашкария ба шикаст рӯ ба рӯ гардад.

Дар маҷмуъ, дар меҳвари фалсафаи сиёсии Аҳмади Дониш раият асоси ҷамъияти салтанатанд, аз ин рӯ, ӯ баъд аз аҳли сайфу аҳли қалам онҳоро ба ду фирқа: аҳли ҳирфа ва ва аҳли деҳканат ҷудо мекунад. Тавсия медиҳад, ки эҳтиёҷи аввалини онҳо ба подшоҳ он аст:

1) Раиси адл бар сари онҳо мансуб гардонад, то қатъи хусумат ва даъвоии онҳо кунад.

2) Мушрифи адл таъйин кунад, то ки закоту иҷороти молияти онҳо ба инсоф бистонад.

3) Нозире мансуб гардонад, то роҳҳои омадушудашонро аз дӯзду қуттоъ, роҳзанон муҳофизат кунад.

4) Амине барояшон таъйин кунад, то бозорашонро аз хиёнати кайлу паймона муҳофизат намояд ва нархҳоро мазмут нигоҳ дорад.

5) Шаҳнае мансуб гардонад, ки ҳимояи молу хонаи онҳо дар шаб кунад.

6) Ноибе мансуб гардонад, ки оби мазореъ ва мавошии онҳоро дар вақташ расонад. [25, с. 155-156]

Ба андешаи маорифпарвар арзиши амалии ин тадбир ҳамон вақт баланд ва адолат дар кишвар ҷорӣ мегардад, ки агар подшоҳ ба мансабдорон моҳонаи мушаххас муайян гардонад, то қозӣ ва раис ришвахӯр гашта, мушриф моли мардум ба зиёд нагирад. Нозир зимни иҷрои вазифаи худ бо дӯздон ва роҳзанон шарикдаст нашавад, амини бозор ҳаромхӯр, шаҳна хоболуд ва ноиб бо тамаъи зару мол обфурӯш нагардад.

Баръакс, агар ин амалдорон аз ҳисоби хазинаи давлатӣ бо маоши зарурӣ таъмин нагарданд дар кишвар зулму беадолатӣ ривоҷ ёфта, аҳволи мардуми заҳматкаш вазнин шавад.

Инчунин, барои тақвияти андешаи худ Аҳмади Дониш чунин мисол меорад: «Зунуни Мисрӣ подшоҳеро гуфт, ки «шунидам, ки фалон омилро, ки

фиристодаи дар вилоят бар раият дароздастӣ мекунад ва ҳайф раво медорад». – Гуфт: «Рӯзе сазои вай бидиҳам». – Гуфт: «Бале, рӯзе сазои вай бидиҳӣ, ки моли раият тамом бурда бошад ва ту аз вай ба заҷр ва мусодара бистонӣ ва дар хазина ниҳӣ, раиятро чӣ суд дорад». Подшоҳ хиҷил гашту дафъи омил фармуд». [25, с. 156]

Аз таъкидҳои Аҳмади Дониш бармеояд, ки подшоҳ бояд ҳама вақт аз фаъолияту амали зердастон огоҳ бошад. Дар ҳама ҳолат суханони онҳоро гӯш кунад, мушкилоташонро осон гардонад, барои беҳбудии кору фаъолияташон маслиҳатҳои муфид диҳад.

Бавижа, донад, ки дӯздон ду тоифаанд, яке бо тиру камон дар саҳроҳо ва дигаре бо кайлу тарозу дар бозорҳо. Аз ин рӯ, набояд умри худро дар фароғату хӯш гузаронидан сарф карда, аз ҳоли раият бехабар монад. Ҳоло он ки «фароғат кори фуқаро аст, на маслаки подшоҳ, чунки вай дидбон бар сари халқ аст». [25, с. 157]

Пас ба мисли он ки Нӯшервони одил, ки ба занҷире ҷарасҳо баста, тарафе назди хеш ва тарафе дар майдон бар дарахте баста дошт, то агар касеро муҳимме будӣ, силсиларо дарҷунбонидӣ, амал намояд.

Ниҳоят, маорифпарвар андешаҳои худро дар мавриди низоми давлатдорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷамъбаст намуда, дар бист банд сифатҳои махсуси подшоҳро ҳамчун сарвари давлат ба таври зайл мушаххас менамояд:

1) Ба ҳамаи мардум ба тавозуъ бошад, ба мискину эҳтиёҷмандон бештар.

2) Сухани авом дар ҳаққи авом нашунавад, ки охири он ба фитнаву фасод кашад ва пушаймонӣ орад, хосса сухани фосиқону ҳасудон ва тамоъон, зероки таммоъ ба тамаъи луқма халқро биранҷонад ва ҳасуд ҳунарро айб шуморад. Ва қавли фосиқ маҳалли эътимод набувад.

Мисоле, ки дар ин маврид мааорифпарвар дар бобати «Аз Муҳаммад ибни Қаъбаи Қуртубӣ пурсидаанд, ки «аз хислатҳои мулук кадом зишт аст?». – Гуфт: «Бисёр гуфтан ва сирри мамлакат ба ҳар кас дар миён ниҳодан ва

сухани ҳар касе шунидан» [25, с. 259] меорад, тасдиқи ин тавсияи муҳимми Аҳмади Дониш мебошад.

3) Он ки ба ҷиҳати зиллате ё тақсире агар бар мусулмоне ғазаб кунад, аз се рӯз зиёда таъхири авф раво надорад, магар, ки ғазаб ба ҷиҳати амре карда бошад.

4) Адлу эҳсонро бар ҷамъи раият омм гардонад ва миёни аҳлу ноаҳл фарқ нагузорад, чунки подшоҳ сояи ҳаққ аст. Ё худ фозилтарин ақл баъд аз имон дӯстӣ кардан аст бо халқ ва некӣ кардан ба некону бадон мебошад.

5) Ҷабру ситамро ба халқ раво набинад ва бе истизон дар миёни манозилу махозини раоё наравад.

6) Бо халқ дуруштӣ накунад ва бо муомилаи нек ҳамроҳашон суҳбат ороянд.

7) Дар маҷлису маҳозир пиронро некӯ дорад ва ба тифлон ба чашми шафқат нанигарад.

8) Ба ваъдаи худ ҳамеша вафо кунад ва хилофи онро раво надорад.

9) Дар ҳукм сухан ба унф нагӯяд ва бо вазеъу шариф рӯй кушода дорад ва бо заифон сухан бар ҳаққ гӯяд.

10) Нафси худро пок дорад ва нисбат ба моли мардум беинсоф набошад.

11) Ҳангоми баррасии низоъу масоили баҳсталаби дар байни мардум пайдошуда чунин амалро ба худ муносиб бинад, ки онҳо ба ҳамдигар созиш диҳад ва сулҳ барқарор созад.

12) Аз паси ковиши айби мардум нагардад ва гуноҳҳои онҳоро пӯшида нигоҳ дорад.

13) Худ ба иҷро кардани амалҳои бад машғул нашавад ва мардумро аз содир кардани амалҳои зишт боздорад.

14) Дар қазои ҳоҷат қасосгир набошад ва мушкилоти мардумро ақлонӣ ҳаллу фасл намояд.

15) Дили халкро ҳамеша хушнуд ва рӯҳияашонро доимо болида гардонад.

16) Подшоҳ бояд аз ҳоли мардумони дар тангдастӣ монда огоҳ бошад ва дар кӯмак кардан ба заифон ва ниёзмандон кӯтоҳӣ накунад. Ба ҳолати бевазанҳо ва ятимон аҳамият диҳад ва вазифаи худ донад, ки онҳоро сарпарастӣ кунад. Беҳуда нагуфтаанд, ки подшоҳон - падарони ятимон ҳастанд, бояд онҳо беҳтар аз падари воқеии ятим нисбат ба онҳо ғамхор бошанд, то фарқ бошад байни падари одӣ ва падарии подшоҳ.

17) Роҳи омадушуди раиятро аз дӯздону роҳзанон ба сатвати сиёсат эмин дорад. Ва дар ҳар гӯшаи кишвар, ки амлҳои дӯздию роҳзанӣ бештар ба чашм мерасанд, дар он ҷо нигоҳбон гузорад. Атрофи роҳҳоро бо дарахтони бузург сабз гардонад, то мардум ба соя гузаранд ва азият накашанд. Инчунин, дар масофаи муайяни роҳҳо аломат гузошта, истгоҳҳо бино кунад, то мусофирон роҳгумзада ва ба мушкилӣ гирифтор нашаванд.

18) Дар вилоят ҳар он ҷое, ки работу пул ё роҳ аз сабаби селу борон хароб шудаанд, таъмир кунад, то барои равандагон осоиш бошад.

19) Дар ҳар як гӯшаи вилоят масҷиду хонақоҳ бино кунад, то мардум тавонанд тоату ибодаташонро ба ҷо оранд.

20) Назорати риояи қонун ва аҳкоми шариатро таъмин намояд. [25, с. 157-163]

Воқеан, ҳар як банди зикркардаи Аҳмади Дониш, ки ҳуқуқҳои подшоҳро нисбат ба раият муайян мекунанд, на танҳо барои ҷомеаи феодалии аморати Бухоро ҷиҳати таъмини адолат, риояи баробарии иҷтимоӣ ва тараққии кишвар дахлдор мебошанд.

Ҳамзамон, онҳо имрӯз низ бо гузашти якуним аср арзиши назарию амалии худро гум накардаанд. Баръакс, истифодаи онҳо барои сарвари ҷомеае, ки пояи давлатро бо адл ороста медорад, ғамхори мардум мебошад ва барои беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ камар мебандад, аз аҳаммият холӣ намебошанд.

Аҳмади Дониш дар ин фалси китоби «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун» дар баробари мушаххас кардани ҳуқуқҳои подшоҳ нисбат ба раият (вобаста ба хусусиятгирии ҷомеаи исломӣ), инчунин ҳуқуқҳои аҳли зимма

(ғайриислом)-ро низ муайян менамояд, ки ин тамоилгирии афкори сиёсӣ дар таълимоти мутафаккирони пешин мушоҳида намешавад. Ин ҳуқуқҳо низ аз ҷониби маорифпарвар дар бист банд мураттаб шудаанд, ки мазмунан онҳо чунин мебошанд:

1) Дар ҷомеаи исломӣ дайру бутхона бино накунанд.

2) Дайру бутхонаҳои мавҷудбуда ва бо сабабҳои гуногун харобгаштаро аз нав таҷдид накунанд.

3) Мусофирони аҳли исломро аз нузули дайру бутхона манъ накунанд.

4) Ҳар мусулмоне, ки дар манозили эшон нузул кунанд, агар ӯро иттифоқи макс бувад, се рӯз дар зиёфати ӯ тақсир накунанд.

5) Ҷосусии диёри ислом накунанд ва ҷосусро ҷой надиҳанд.

6) Агар яке аз хешони эшон дар ислом рағбат кунад, манъ накунанд.

7) Мусулмононро ҳурмат доранд ва изо надиҳанд.

8) Дар маҷлисе, ки нишастаанд, агар мусулмонон ҳозир шаванд, маҷлис ба эшон гузоранд.

9) Дар либос ташбеҳ ба мусулмонон накунанд.

10) Номи мусулмонӣ ба якдигар нанниҳанд.

11) Бар аспи бо зину лаҷом савор нашаванд.

12) Шамшеру тир бо худ барнадоранд.

13) Ангуштарии бо муҳру нигин дар даст нагузоранд.

14) Хамр нафурӯшанд ва ошкор нахӯранд.

15) Либоси ҷоҳилият, ки доштанд, тарк накунанд, то аз мусулмонон имтиёз бошад.

16) Расму одоти мушриконро дар миёни аҳли ислом изҳор накунанд.

17) Дар ҳамсоягии мусулмонон хона бино накунанд.

18) Мурдагони худро ба наздикии мақобири мусулмонон набаранд.

19) Дар азову мусибат овоз баланд накунанд.

20) Бандаи мусулмон нахаранд. [25, с. 163-164]

Ин бандҳо ҳарчанд аз ҷониби Аҳмади Дониш вобаста ба тамоилгирии ҷомеаи исломӣ ва тартибу шароити зиндагии онҳо пешниҳод карда шудаанд,

вале дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, хусусан имрӯз вобаста ба тағйироте, ки дар низоми ҷомеадорӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ сурат гирифтаанд, қобили пазироӣ намебошанд.

Ҳар як ҷомеаи муосир бояд ба шаҳрвандони худ новобаста аз он ки мансубият ба халқиятҳои дигаре доранд, эҳтиром гузоранд, ҳуқуқу озодиҳояшон таъмин гардонад, дар чаҳорчӯбаи қонун ба баргузории расму анъанаҳои аҷдодиашон иҷозат диҳад. Пас, аз рӯйи адолат чунин ҷомеаро метавон ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳисобид.

Давлатдорӣ, воқеан кори азим ва сермасъулият мебошад. Бинобар ин, маорифпарвари тоҷик ба подшоҳон тавсия медиҳад, ки зимни идораи он бояд бедор ва зирак бошанд. Дар баррасӣ ва ҳалли ҳамаи мушкилот ба аҳли уламо, донишмандон таваҷҷуҳ диҳад ва бо маслиҳату машварати онҳо сиёсати давлатдории худро амалӣ намояд ва худкомаю мағрур набошад.

Ҳарчанд ӯ ҷонибдори низоми давлатдории исломӣ буд, вале андешаҳояш тамоили дунявӣ доштанд. Хусусан, ӯ муътақид бар он буд, ки «салтанат мутеъи қонун бошад ва шариат забони салтанат» [25, с. 164], аммо амали уламои сӯъ (зишт)-ро, ки ба хотири ҳавои нафс ва ҷоҳу мансаб, ки ҳукм ба завоҳир карда, ҳақиқати ҳолро мепӯшонанд, мавриди танқид қарор дода, мегӯяд: «Динро нигоҳ натавон дошт, магар ба илм ва мулкро илло ба ҳилм». [25, с.167]

Мантиқан, мазмуни ҳамаи ин андешаҳои солиму созанда, ки Аҳмади Дониш пешниҳод мекунад хусусияти инсонгароӣ доранд. Аҳмади Дониш бо мақсади татбиқ намудани сиёсати одилонаи идораи ҷомеа ва риоя доштани принсипи адолати иҷтимоӣ онҳоро ба масъулин пешниҳод менамояд, бо ҳикматҳои ахлоқӣ ва инсонгароёна ба онҳо маънии бикр мебахшад то таъсир бар тинати масъулин гузоранд ва онҳоро дар раванди фаъолияти рӯзмарра таъмин кунанд.

Ба ин хотир ӯ менависад: «Подшоҳон бар раият подшоҳанд, чун раиятро бикоҳанд ва нохӯш доранду биёзоранд худро нохӯш дошта ва хештанро озурдаанд ва душмани мулку давлати хеш бошанд ва музоҳими ҷону тани

хеш. Шоҳон сари раиятанд, нодон саре бошад, ки ба дандон бадани хешро пора кунад. Омили мардумозорро ҳукму амал надиҳад, ки раоё ӯро танҳо дуои бад кунанд». [25, с. 167]

Ё худ, маорифпарвар дар ҷои дигари асар ин нуктаро ба таври муфассал ва воқеъбинона тавсиф карда, менависад: «Подшоҳ сояи Худост ва чун соя бояд аз соҳибаш пайравӣ кунад. Пас, чуноне ки Худованди мутаъол бар аҳволи бандагон огоҳ аст, подшоҳ низ бояд аз ҳолати мардумаш бохабар бошад. Ҳамчуноне ки Худо ҳар як аз бандагонро ба тариқи худ рӯзӣ медиҳад, подшоҳ низ бояд барои ҳар як аз раият мувофиқи ҳолашон вазифа ва хидмате муқаррар кунад. Ҳамчунон ки Худованд гуноҳҳои бандагонро мепӯшад ва бурдбор аст, подшоҳ низ бояд гуноҳҳои мардумро афв кунад ва сабр нишон диҳад. Ба ҳар чиз зуд наранҷад, то вақте ки мардум худ парда барнадоранд ва исрор накунанд, ки ба уқубат сазовор шаванд. Чуноне ки Худованд амин аст, подшоҳ низ бояд амонати мардумро нигоҳ дорад ва рози ҳар якро ба дигарӣ нарасонад ва ба молу мулки мардум хиёнат накунад. Чунон ки Худо карим аст, подшоҳ низ бояд, ки карам ва саховатро пеша кунад, то дилҳоро ба ҳам наздик созад. Ва чунон ки Худованд дар айни қудрати худ афв мекунад, подшоҳ низ бояд дар айни иқтидораш афв кунад. Ҳамчунон ки Худо ба ҳама, новобаста аз имону куфрашон, рӯзӣ медиҳад, подшоҳ низ бояд ҳамаи мардум, новобаста аз сиддиқу зиндиқ, олиму ҷоҳил, орифу омиро бо раҳмати худ фаро гирад». [25, с. 169]

Аҳмади Дониш дар баробари тавсия доштани амалҳои нек ба подшоҳ ҷиҳати ғамхори халқ будан ва ҳамеша эҳтиёҷоти онҳоро бароварда сохтан, инчунин машғул шуданашро ба хамру замр ва нарду шатранҷ аз муҳаррамот меҳисобад. Зеро ки машғули бозӣ шудан ӯро аз умури давлатдорӣ дур сохта, дар вуҷудаш ҳисси бепарвоиро нисбат ба давлат ва аҳволи раият ба вуҷуд меорад.

Ҳамзамон, умри худро танҳо бо айшу ишрат, зарофату масхара кардани мардум нагузаронад, хашму ғазабашро сари раият фурӯ нарезонад, ҳарчанд «Хашму салобати подшоҳ ба кор аст, на чандон ки мардумон аз хӯи бадаш

нафрат гиранд. Бозию зарофат ва мазоҳ равост, на чандон ки ба хиффати ақл мансуб доранд. Зӯҳду ибодат шоиста аст, на ба ҳадде, ки зиндагонӣ бар худ ва дигарон талх гардонад…». [25, с. 170]

Дигар тавсияи Аҳмади Дониш ба амирони манғитӣ, ки иҷрои он боиси таъмини адолат дар ҷомеа, баланд гаштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, пайдо шудани манбаи даромад ба онҳо, мегардид он буд, ки подшоҳ нисбати аҳли касбу ҳунар, ҳунармандон, савдогарон, донишмандон аҳамияти бештар диҳад. Нагузорад, ки онҳо тарки кишвар, касбу ҳунар карда, ба паст шудани неруи заҳнию ақлии мамлакат оварда расонад. Онҳоро вобаста ба шуғл, касб ва эътибор гирифтани ҳунару маҳорат бо ҷойҳои муносиби корӣ таъмин созад. Барои аз такмили ихтисос гузаштан онҳоро ба кишварҳои пешрафта сафарбар намояд. Барои пешрафти соҳаҳои ҳунармандӣ, мошинсозӣ, коркарди сарватҳои табиӣ, боғу токпарварӣ ва ғайра мутахассисонро аз кишварҳои пешорафта ба Ватан ҷалб намояд ва ғайра.

Аҳмади Дониш ин андешаро ҷамъбаст намуда, муътақид бар он мешавад, ки чӣ тавре ки подшоҳӣ бе зару раият сурат набандад, бе зинат ҳам тамом нашавад. Зиннат бе ҷамъияти асбоб ва асҳоби ҳунар ва арбоби камол муяссар нагардад.

Бинобар ин, подшоҳ табиати ҳар як шахсро бидонад. Ӯро чӣ тавре дар намуди зоҳирӣ ду чашм аст, дар ботин низ ду чашм дошта бошад, зоҳир мулоҳизаи ҳол кунад ва чашм ботин мулоҳизаи маол (оқибати кор). Ва чунон ки «агар ду чашми зоҳир яке бошад, мӯҷиби нуқсони бадан аст. Ва агар ду чашми ботин яке гардад, сабаби нуқсони мамлакат ва давлат гардад». [25, с.170]

Ҳамчунин, дар анҷоми зерфасли «Дар муомалаи салотин бо фуқаро ва раият ва расидан ба ғаври муҳиммоти онҳо» Аҳмади Дониш чаҳордаҳ қоидаро ба подшоҳ пешниҳод мекунад, ки риоя ва татбиқи онҳо метавонанд боиси назму тартиби давлатдорӣ ва ободии мулк гарданд:

1. Ҳар касро аз мулозимон, ки ба тақарруби худ сарфарозӣ диҳад, сухан дар боби шикасти ӯ қабул накунад, чӣ ҳар кӣ назди султон муқарраб шавад,

ҳар оина ҷамъе бар ӯ ҳасад баранд. Ва чун асоси инояти султон дар борai ӯ ба истеҳком бинанд, ба латоифулҳиял дар нуқсу ҳадми он кӯшанд; ба сабаби он ки ҷоҳу эътибор ба ҳар мизоҷе созвор аст, ҳар кадом худро аҳақќ шносанд, на ғайра. Пас аз роҳи давлатхоҳӣ ва насиҳат даромада, суханони рангину фиребанда мегӯянд, то вақте ки мизоҷи подшоҳ бар ӯ мутағайир гардад ва дар зимни он мақсуди эшон ба даст ояд.

2. Мардуми наммому суханчин ва арозилро дар маҷлиси худ роҳ надиҳад ва аввал хулқу мизоҷи ӯро аз хориҷ таҳқиқу тафтиш кунад ва ҳасабу насаби ӯ бидонад, ки ин табақа фитнаангезу ҷангҷӯ бошанд ва озори халқ хоҳанд ва ба сироят дар ҳузури султон ирзи обрӯи мардум бибаранд…

3. Бо умаро ва аркони давлат тариқи мувофақат ва некхоҳӣ маръӣ дорад ва ҳеҷ касро бе ҷаримаи куллӣ ба худ душман нагардонад, ки бе тифоқи дӯстони якдил ва муованати мусоҳибони якҷиҳат корҳои куллии давлатӣ мутамашшӣ нагарданд.

4. Ба талаттуфу чоплусии душман мағрур нагардад. Ҳарчанд душман тамаллуқ пеш орад ва тазаррӯъ пеш кунад аз рӯи ҳазм бар вай эътимод накунад, ки аз душман ба ҳеҷ рӯй дӯстӣ наёяд.

5. Чун гавҳари мурод ба чанг ояд, дар муҳофазати он таҳовун наварзад ва онро ба ғафлат зоеъ нагардонад, ки дигар тадорук сурат набандад ва чандон ки пушаймонӣ хӯрад, суд надорад.

6. Дар корҳо шитобзадагӣ ва хиффат нанамояд, балки ба ҷониби тааннию тааммул гирояд, ки мазаррати таъҷил бисёр аст ва манфиати сабру сукун бешумор.

7. Ба ҳеҷ ваҷҳ назорати тадбирро аз даст надиҳад. Ва агар гурӯҳе аз душманон алайҳи ӯ муттаҳид шаванд, бояд яке аз онҳо бо мулоимат муносибат кунад, то ба воситаи он халосиро таъмин кунад...

8. Дар низоми давлатдорӣ ҳасудонро дар атрофи худ ҷамъ накунад, бо суханчиниву таърифҳои ноҷойи онҳо болида нашавад. Аз чунин тоифаи одамон ҳамеша худро дур гирад ва ба суханонашон гӯш надиҳад.

9. Афву бахшишро шиори худ сохта, мулозимонро ба андак ҷарима дар маърази хитобу итоб наёрад, ки ҳамвора акобир ба оби афву марҳамат ҷароим аз ҷароиди аҳволи асоғир фурӯ шустаанд ва домани иғмоз аз рӯи шафқат бар беадабию ҷуръати эшон пӯшида.

10. Гирди озори ҳеҷ кас нагардад, то ба тариқи мукофот, ки зараре ба вай лоҳиқ нашавад, балки борони эҳсон бар мафориқи оламиён борад…

11. Коре, ки мувофиқи тавру лоиқи ҳоли ӯ набошад, албатта майл нафармояд, ки бисёр касон кори худ гузошта ба муҳимми номуносиб икдом намоянд ва онро ба итмом нарасонда, аз кори худ бозмонанд.

Ба монандӣ:

Зоғе равиши кабки дарӣ меомӯхт,

Он даст надоду роҳи ӯ рафт зи даст.

12. Ҳоли худро ба ҳулияи ҳилму сабот ороста гардонад ва ба ҳар боди сахте аз ҷой наҷунбад, ки дили ҳалим малеҳ аст.

13. Мулозимони амину мӯътамад ба даст оварад ва муҳиммоти мулкӣ дар уҳдаи кифояти эшон гузорад. Ва аз мурдуми хоину ғаддор иҷтиноб намояд, ки чун муҷовирони аттабаи салтанат ба сифати амонат мавсуф бошанд, ҳам асрори мамлакат маҳфуз монад ва ҳам мардум аз зарари эшон эмин бошанд…

14. Аз меҳнати рӯзгор ва инқилоби адвор бояд, ки ғубори малол бар домани ҳиммати ӯ нанишинад, чӣ марди оқил пайваста бастаи банди бало бошад ва одами ғофил дар неъмату роҳат рӯзгор гузаронад. [25, с. 172-176]

Ҳар як банд дорои мазмуни баланд ва аз ҷанбаи ақлонӣ асоснокшуда мебошанд. Аз ин рӯ, истифода ва амалӣ кардани онҳо дар низоми идоракунии кишварҳои ҷомеаи муосир низ аз манифат холӣ намебошанд. Бар замми ин, барои ташаккули тафаккури сиёсии ҳар як шаҳрванд низ метавонанд асари нек гузоранд.

Ниҳоят, Аҳмади Дониш назму тартиби идораи давлатии салтанати манғитияро, ки худ шоҳиди бевоситаи услуби идоракунии се амири ин хонадон: Насрулло, Музаффар ва Абдулаҳад буд, таҳлилу таҳқиқ карда,

иттилоъ медиҳад, ки низоми идоракунии ҷомеа аз ҷониби амирони манғития идомаи мантиқии низоми давлатдории Чингиз мебошад, ки ҳамчун подшоҳи ҷобир ва қаттол ном баровардa буд.

Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш ин назму тартиби давлатдории қабилаҳои туркро хилофи назму насақи хулафои рошидин ҳисобида, иллати асосии бедодӣ ва ривоҷи зулм, риоя нагаштани рукнҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ меҳисобад. Зеро аз сабаби ҷабру зулми амир, мансабдорони дарбор арзаи эҳтиёҷи сипоҳу фуқаро ба султон ба зудӣ намерасид ва масъалаҳои кишвардорӣ ба зудӣ баррасӣ намегаштанд.

Аксари корҳо ба воситае ҳаллу фасл мешуданд ва худи аҳли табақоти поёнӣ имкони ошкоро бо амир суҳбат оростанро надоштанд ва ба онҳо сарҳангон монеа эҷод мекарданд ва мегуфтанд: «ҳон, инҷо маист ва инҷо манишин ва ин арз макун, ки ба султон малол ояд. Ва ин вақт вақти духул нест, ки амир фароғат дорад. Ва ё инҷо биншин ва аз инҷо марав, ки мабод туро биталабанд. Ва се рӯз гузарад, кас вайро наталабад». [25, с. 178]

Умуман, аз чунин сурат гирифтани вазъ аҳли зиё, донишмандон, аҳли касбу ҳунар, ашхоси ҳақиқатҷӯю хайрхоҳ ба дарбори амирон намерафтанд ва барои ҷомаву порaи нон мансабдоронро таърифу тавсиф намекарданд. Дар дарбори аморат ашхоси тамаллуқпеша, ҳарис, хушомадгӯю нолоиқ, коҳил, ки касбу пешае надоранд, ё аз иҷрои коре баромада наметавонанд, ҷамъ омада, аз барои шикам ва ҷома ҳама маломату муомилаи дуруштро бардошт мекарданд. Дар сурати аз даре ронда шудан, аз дари дигаре боз ворид мешуданд. Аз ин рӯ, онҳо ҳеҷ як аз аҳли ақл ва ҳунарро ба сабаби адовати зотӣ намепазируфтанд, то рӯ ба рӯяшон душмани доноро набинанд. Зеро вақте офтоб меояд, сояро маҷоли иқомат намемонад ва мегурезад.

Аҳмади Дониш назму насақи ин давлатдории феодалӣ ва аз доираи ақли инсони берунро тавсиф карда, менависад: «давлатхоҳию ҷонсӯзии ин табақаи ҷоҳил то он ҷост, ки агар даври шаҳр оташ гираду хонаҳо барафтад, султон аз ҳарамсарой тафаррус кунад, ки «дар шаҳр ғавғое аст ва бӯи дуд дар машом мерасад» арз кунанд, ки «ҳеҷ ғоила нест, кулолон оташ дар хумдон

ниҳодаанд ва ин машғалаи онҳост». Ва агар дар шабе ҳаромиён ба ҳарами мусулмоне дарраванду молаш бибаранд ва хунҳо бирезанд ва ғавғое масмӯъи султон шавад, расонанд, ки «ҳеҷ боке нест, зане бо шавҳар арбада карда». Ва ҳамчунин дар саҳроҳо ва бозорҳо, дар обе, ки ба масорифи шаҳр кофӣ набошад, - гӯянд: «Ҳама заминҳои музореин сероб гашт, зиёдатии об ба денгиз меравад». Ва инчунин дар бозорҳо ғаллаву матоъ ба сабаби тафовути нархҳо рӯй ба нуқсон оварда. – Гӯянд: «Ҳамаи аҷнос арзон аст, ки кас аз бозор чизе намехарад. Алҳақ рост гуфта бошанд, ки аз ҷиҳати гаронӣ касе чизе намехарад ва ғайра». [25, с. 179]

Ниҳоят, агар подшоҳ мансабу мартабаҳои аҳли ақлро дуруст муқаррар кунад ва ба ин мансабҳо одамони лоиқу арзандаро масъул гардонад, ба онҳо вобаста ба амалҳои иҷрокарда ва натиҷаҳои бадастоварда рутбаҳо диҳад, вақти қабулашон ба нақша даровarda шавад, пас ҳеҷ шахси оқил тарки хизмат намекунад. Баръакс, шахсони донишманду соҳибҳунар барои кор ба дарбор оянд, ба иҷрои коре машғул шаванд, дар натиҷа мамлакат обод ва салтанат истиқлолу истиқмол ёбад. Ҳамин тавр, дар хулосаи боби мазкур зикри чунин нуктаҳоро муҳим метавон шуморид:

1) Илми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Аҳмади Дониш ҷузъи асосии илмҳои амалӣ мебошад. Он ифодакунандаи хӯ, хулқ, рафтору кирдор ва дигар амалҳои инсон мебошад. Қоидаву меъёрҳо ва сифатҳои нек, ки аз фазилатҳои баланди инсон далолат мекунанд, дар таърифномаи Аҳмади Дониш адолат, фазилат, саҳоват, беозорӣ, таҳаммул, ваҳдат, парҳезкорӣ, иффат, ҳаё, дӯстӣ, ҷавонӣ, сирнависӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, масъулият ва ғайра мебошанд. Сифатҳои нораво ва ношоистаро маорифпаврар истеъмоли зиёди машрубот, ғазаб, ҳирсу шаҳват, худсифатӣ, худҳаракатӣ ва ғайра меҳисобад.

2) Оила ба назари Аҳмади Дониш ядрои ҷомеа мебошад. Он аз изҳори муҳаббати ду нафар дар доираи риоя доштани қоидаҳои шаръӣ ва ба расмиятдарории давлатӣ ташкил карда мешавад. Пас, ҳадаф аз бунёди оила иҷрои ду вазифаро мубрам мегардонад: якум, таваллуди насл ва боқӣ

гузоштани авлод ва дуюм, саҳм гузоштан дар инкишоф ва рушди ҷомеа, мақому манзалат пайдо кардан дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи он вобаста ба бархурдҳо ва дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ.

3) Дар зербоби сеюми боби мазкур, махсусан ба шарҳу тавзеҳи мафҳуми сиёсат, усулҳои идоракунии ҷомеа, баррасии масъалаи адолат ва риояи адолати иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дода шудааст. Аҳмади Дониш дар ин зербоб ҷомеаро ба маданӣ ва ғайримаданӣ тақсим карда, арзишҳои ҷомеаи маданӣ ва амалҳои номатлуби ҷомеаи ғайримаданиро муфассал ва возеҳ таҳлилу таҳқиқ менамояд ва барои рушди ҷомеаи маданӣ ва заволи ҷомеаи ғайримаданӣ тавсияву пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ироа медорад, ки муассир ва имрӯз ҳам актуалӣ мебошанд.

## ХУЛОСА

Аҳмади Дониш – асосгузори ҷаҳонбинии нав, ҷунбиши маорифпарварӣ мебошад. Дар тӯли умри худ доир ба соҳаҳои зиёди илми замонаш асарҳои пурмазмун эҷод кардааст. Ҳамзамон, оид ба таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи асарҳои ҷомеашинос тадқиқотҳои зиёде анҷом дода шуданд. Аммо дар мавриди муайян кардани ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти маорифпарвар таҳқиқоти комиле мавҷуд намебошад, ки маҳз ин паҳлуи таҳқиқнашудаи афкори ӯ зарурати таҳқиқи таҳқиқоти алоҳидаро тақозо кард.

Омӯзиш, таҳлилу баррасии масъалаҳои фалсафаи амалии Аҳмади Дониш: ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудун, умуман ҳар як дар алоҳидагӣ муқоисаи таҳқиқоти мушаххасеро талаб мекунад. Вале вобаста ба талаботи мавзуъ мо саъй намудем, ки ҳар се ҷузъи таркибии фалсафаи амалии маорифпарварро дар шакли комил таҳлилу муқоиса ва баррасӣ намуда, нуктаҳои муҳимро дар шакли хулоса, ба таври зайл пешниҳод намоем:

1) Китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз зумраи сарчашмаҳои муътамадест, ки дар он ба таври мукаммал зиндагинома, давраҳои ба таҳсил фаро гирифтан, давраи эҷод ва фаъолият намудани маорифпарвар дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ ва ғайра инъикоси худро ёфтааст. Маълумоти дигари иловагиро оид ба шарҳи ҳол, давраи фаъолияти эҷодӣ, таълифоти маорифпарвар ва тамоилгирии мазмуни осори ӯ аз корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотии олимони хориҷию ватанӣ, ки ба нашр расидаанд, метавон ба даст овард. [1-М]

2) Осори таълифкардаи Аҳмади Дониш гуногунҷанба буда, дар онҳо доир ба масъалаҳои пайдоиши олам, коинот, инсон, ҷамъият, нақши инсон дар ҷомеа, пайдоиши оила ва вазифаҳои иҷтимоии он, таълиму тарбияи фарзанд, масъалаи тарбияи инсони комил, низоми идоракунии давлат, усулҳои ҷоридошти адолат, танзими баробарии иҷтимоӣ ва ғайра таваҷҷуҳи хосса дода шудааст. [3-М]

3) Ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Дониш дар зери таъсири мероси ғании классикони тоҷику форс ташаккул ёфтааст, аммо омили дигар ташаккул ва

таҳаввули афкори прогрессивии ӯ вазъи иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухоро маҳсуб меёбад.

Натиҷаҳои сафарҳои ӯ аз Россияи подшоҳӣ ва шиносоӣ бо андешаҳои пешқадами маорифпарварони дигар кишварҳои исломӣ низ дар ташаккули ақидашиносии ӯ таъсири калон расонидаанд. Барои Аҳмади Дониш натиҷаи сафарҳо ба Россияи подшоҳӣ на танҳо иборат аз мушоҳидаи қудрати бозӯи муъҷизотофари заҳматкашони рус буд, балки аз ин дидор тарзи идроку иқтидории хулосабароирии ӯ низ такомул ёфт. Ба воситаи рафиқони хориҷӣ аз ғояҳои сотсиализми хаёлии Европаи ғарбӣ бохабар гаштааст ва ҳатто нисбат ба ин андешаҳо таваҷҷуҳи махсус доштааст. Ӯ пас аз он, ки аз нобаробарии иҷтимоӣ ва беадолатии замонааш сухан мекунад, ба хонандагон хабар медиҳад, ки мардуми ситамкашида дар Фарангу Юнон барои тағйир додани сохти ҷамъиятӣ қиём намуда, ҳокимиятро ба даст даровարданд.

Ҳамзамон, ин андеша далолат аз он мекунад, ки андешаҳои инқилобии маорифпарвар маҳз дар заминаи сафарҳояш ба Россия ва шинос гардидани ӯ аз дастоварду пешравиҳои кишварҳои Русу Фаранг, ки мардум дифоъ аз озодию ҳуқуқҳои худ мекарданд, маншаъ гирифтааст. [1-М]

4) Аҳмади Дониш чун Арасту, Форобию Ибни Сино, Насириддини Тусию Қутбиддини Шерозӣ ва дигар файласуфон - фалсафаи амалиро дониш дар бораи зиндагии инсон, ба даст овардани саодату хушбахтӣ, камолоти маънавӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, нишон додани шаклҳои оқилонаю одилонаи идораи ҷомеа ва давлат ба хотири бунёди ҷомеаи бонизому пешрафта ва ғайра мефаҳмад. Муътақид бар он аст, ки тавассути ин илм тарзи рафтор, кирдори инсон ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва иштироки бевоситаи ӯ дар бунёд ва рушди ҷомеаи бо адл оростагашта, бонизому мутамаддин муайян карда мешавад. [5-М]

5) Аҳмади Дониш мураббии инсон аст ва ҷавҳари таълимоти ӯро масъалаи инсон ва тавсифи сифатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, ӯ аз рӯйи шоистагӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва камбудиҳо мафҳумҳои ахлоқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: мафҳумҳое, ки амали нек ва бади инсонро инъикос

мекунанд ва мафҳумҳое, ки амалҳои зарарнок, манфӣ ва мамнуъи инсонро ифода мекунанд. [6-М]

6) Маорифпарвар ба мавзуи одоби манзилдорӣ таваҷҷуҳ дода, андешаҳои ҷолиб ва барои ҷомеа дархӯрро пешниҳод менамояд, ки тавсифи пурраи онҳо дар матни таҳқиқот таҷассуми худро ёфтаанд. [2-М]

7) Аҳмади Дониш халқро манбаи асосии ҳокимият, адолатро принсипи олии давлатдорӣ меҳисобад. Ба андешаи ӯ сипоҳ таъминкунандаи субот ва амнияти ҷомеа буда, деҳқонону кишоварзон, тоҷирон ғаникунандаи хазинаи давлатӣ мебошанд. [3-М]

8) Даҳ шарте, ки Аҳмади Дониш ба подшоҳ дар мавриди ороста гардидан ва шурӯъ намудан ба ҷанг пешниҳод мекунад, дар ҳама ҳолат ба кор оянд ва истифодаи онҳо дар ҳама давр ба музаффариятҳо метавонанд оваранд. [6-М]

9) Қобили қайд аст, ки андешаҳои Аҳмади Дониш дар бобати ахлоқу рафтор, шароити оиладорӣ ва идоракунии ҷомеа бо вуҷуди сипарӣ гаштани беш аз як аср арзиши назариявӣ ва амалии худро аз даст надодаанд. Аз ин лиҳоз, дар ҷомеаи имрӯза ва тағйирёбандаи Тоҷикистон вобаста ба тамоюлоти глобализм ва ҷаҳонишавии арзишҳо, ки ахлоқи мардумро коста гардонида, падидаи бегонашавии фарҳангиро густариш дод, дар низоми оиладории суннатӣ, муносибатҳои оилавӣ таъсири манфии худро расонид. Дар низоми ҷомеадорӣ барои пайдоиши гурӯҳҳои мухолиф шароит мусоид фароҳам овард, ба пайдоиши ҳаракатҳои манъгардидаи ифротӣ, ки ҳадафашон тағйир додани сохти давлатдории кишвар ва ба даст овардани қудрати сиёсӣ мебошад, имкониятҳо фароҳам намуд, ки баррасӣ, омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи мавзуи мазкурро таҷассум менамояд. [2-М]

10) Ҳарчанд тавсияву пешниҳодҳои созандаю оқилонаи Аҳмади Дониш дар низоми идоракунии ҷомеаи феодалии Бухорои амирӣ амалӣ нагардиданд, вале онҳо аз сабаби рӯҳияи инқилобӣ ва прогрессивӣ доштан барои бунёди мактаби нави маорифпарварӣ – ислоҳотхоҳӣ ва билохир рух додани инқилоби Бухоро роҳ кушоданд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Тағйироту дигаргуниҳое, ки вобаста ба раванди ҷаҳонишавӣ ва бегонашавии фарҳангҳо вусъати тоза касб мекунанд, пеш аз ҳама аз коста гаштани ахлоқ ва риоя нашудани меъёрҳои ахлоқӣ вобастагӣ доранд.

Дар таълимоти Аҳмади Дониш инсон мавзуи меҳварӣ ва ӯ худ мураббии инсон аст. Ӯ ба масъалаи шарҳу тавзеҳи мафҳуми ахлоқ, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, таҳлил ва баррасии сифатҳои ҳамида ва носазои инсонӣ, ки фардро барои содир кардани амалҳои накую зишт равона медорад ва ғайра таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, тавсияву андешаҳои арзишманд баён медорад. Тавсияву пешниҳодҳои маорифпарвар доир ба ин масъала барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, масъулиятшиносӣ, содиқ будан ба Ватан, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ ва ғайра нақши муассир метавонанд гузоранд.

2. Оила, ки ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ вазифаи тавлиди насл, тарбияву ба камол расонидан ва иҷрои нақшҳои иҷтимоиро барои фарзанд иҷро мекунад дар фалсафаи амалии Аҳмади Дониш яке аз мавзуъҳои муҳимми таҳлил ва баррасишуда мебошад.

Тавсияву пешниҳодҳои ӯ барои таъсиси оилаи солим, танзими муносибатҳои оилавӣ новобаста аз дигаргуниҳои ҷомеаи муосир, мустааҳкам кардани робитаҳои байни оила, мактаб ва ҷомеа, ки дар раванди таълиму тарбияи шахсияти комил ҳамчун ниҳодҳои калидии ҷомеа мебошанд, ҳамаҷиҳата мусоидат менамоянд,

3. Дар замони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи демократӣ ва дунявии идора кардани ҷомеаро пеш гирифтааст, ки дар он омезиши арзишҳои фарҳанги миллӣ бо арзишҳои фарҳанги башарӣ баръало мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, ба хотири бомаром рушд кардани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тавсия дода мешавад, ки дар амал татбиқ намудани ақидаҳои Аҳмади Дониш дар боби бо адл ороста доштани давлат, муайян кардани сифатҳои лидери сиёсӣ, тартиби ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳои идора ва муассиаҳои давлатӣ, таъсиси артиш ва таъини саркардаҳои аскар, қабул ва оқилона ҳал кардани

арзу даъвоҳои шаҳрвандон, дар маҷмуъ, дар доираи талаботи қонунҳои амалкунанда иҷро кардани вазифаву уҳдадориҳо аз ҷониби хизматчиёни идораҳои давлатӣ ва қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба мақсад мувофиқ аст.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. - 136 с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6. (ҚҶТ аз 28.08.2017, №1461).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №7-8, соли 2016, №3 (аз 15.03.2016, №1294; аз 17.05.2018, №1532).

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

[4] Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ: (Афкори диннию фалсафӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш). - Душанбе, 1994. -150 с.

[5] Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш). [Матн] /*Ш.Абдуллоев.* - Душанбе, 1994. - 150с.

[6] Абуалӣ Ибни Сино. Рисола андар ахлоқ [Матн] /*Абӯалӣ ибни Сино* //Авранг №1. - Душанбе, 2001с.- С. 62-69.

[7] Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил [Матн] /*Абӯалӣ ибни Сино* //Осор. Ҷ.4. – Душанбе, 2007. – С.24-25.

[8] Абӯнасри Форобӣ. «Иҳсо-ул-улум». [Матн] /*Абӯнасри Форобӣ* /Пажӯҳиш, таҳияи матн, таълиқот ва тавзеҳоти Б.Ҷ.Самиев. Матбааи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 2020. – С.4.

[9] Айнӣ, С. Куллиёт. [Матн] /*С.Айнӣ.* - Ҷ. 7. - Душанбе: «Ирфон», 1962. – С. 29-41.

[10] Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро [Матн] /*С.Айнӣ.* Куллиёт. - Душанбе, 1996. Ҷ.10. – 343с.

[11] Айнӣ, С. Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] /*С.Айнӣ.* - Душанбе, 2005. - 400с.

[12] Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] /*С.Айнӣ.* - Душанбе, 1987. - 239с.

[13] Алиқулов Х. Взаимовлияние и развитие общественно-политической мысли и утопические идеи в Средней Азии и Иране в XIV-XV вв.//Социально-утопические идеи в Средней Азии. - Ташкент: Фан, 1983.

[14] Ал-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города / /Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв.-С.156-165.

[15] Аль Фараби. Социально-этические трактаты [Текст] /*Аль Фараби.* – Алма-Ата: Наука, 1973. – С.121.

[16] Аль-Фараби. Афоризмы государственного деятеля [Текст] /*Аль-Фараби.* Социально-этические трактаты. – Алма-Ата, 1973. – С. 21.

[17] Амондуллоев, Б.С. Фалсафаи маорифпарварии Шарқи Наздик, Миёна ва Ҳинд (нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX). [Матн] /*Б.С.Амондуллоев.* - Душанбе, 2019. - 362с.

[18] Арасту. Ахлоқи Никомах [Матн] /*Арасту* /Тарҷимаи Муҳаммад Ҳасани Лутфӣ. - Теҳрон, 1385. - С. 209-221.

[19] Аристотель. Сочинения в 4-х томах [Текст] /*Аристотель.* - Т.1, - М., 1975. - С 67, 69, 100- 103, 272.

[20] Асимов М.С., Ашуров Г.А., Диноршоев М.Д. Философская и общественно-политическая мысль таджикского народа// Таджикская Советская социалистическая Республика. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 146с.

[21] Асирӣ, Т. Гулчин [Матн] /*Т.Асирӣ.* - Ленинобод, 1964. - 49с.

[22] Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. [Текст] /*А.Дониш.* - Д.: Ирфон, 1976. - 280с.

[23] Аҳмади Дониш. Манозир-ул-кавокиб [Матн] /*А.Дониш* /Баргардони матн, пешгуфтор, тавзеҳоту шарҳи луғот аз ҷониби М.Холов. – Душанбе, 2017. - 432с.

[24] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /*А.Дониш*. - Душанбе, 1988. - Кит. 1. - 287с.

[25] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ [Матн] /*А.Дониш.* - Душанбе, 1989. - Кит. 2. - 344с.

[26] Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] /*А.Дониш.* - Душанбе, 1992. - 98с.

[27] Аҷзӣ, С. Анҷумани арвоҳ. Гулшани адаб [Матн] /*С.Аҷзӣ.* – Душанбе, 1986. Ҷ.5. -С. 424-436.

[28] Аҷзӣ, С. Миръоти ибрат [Матн] /*С.Аҷзӣ* //Садои Шарқ. - 1989, №5. - С.38-53.

[29] Бартолд, В.В. Таърихи ҳаёти фарҳангии Туркистон [Матн] */В.В.Бартолд*. - Л., 1936. - С.9-28.

[30] Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ [Матн] */Э.Бертелс*. - М., 1960. - 556с.

[31] Бертельс, Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ [Текст]: */Э.Бертельс* //Тр. Тадж. Базы АН СССР. - 1936. - Т.3: Лингвистика. - С. 9-28.

[32] Богоутдинов, А.М. Избранные произведения [Текст] /*А.М.Богоутдинов*. - Душанбе: Дониш, 1980. - 416с.

[33] Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] *А.М.Богоутдинов.* - Душанбе: Таджик Госиздат, 1961. - С.264-308.

[34] Борнс, А. Путешествие в Бухару лейтенанта остиндской компанейской службы Александра Борнса [Текст] /*А.Борнс*. - М., 1848, Т.1-3. -512с.

[35] Брагинский И.С. Очерк аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн] /*И.С.Брагинский*. - Сталинобод, 1956. – 216с.

[36] Вагабов М.В. Ислам и семья. - Махачкала: Даг. Кн. изд-во, 1973.

[37] Вамбери, О. Саёҳатномаи дарвеши дурӯғин ба хоноти Осиёи Марказӣ [Матн] /А.Вамбери. - Теҳрон, 1370. -529с.

[38] Вундт, В. Введение в философию [Текст] */В.Вундт.* - Москва, 1998. - С. 44.

[39] Ғазолӣ, М. Насиҳат-ул-мулук [Матн] /*М.Ғазолӣ.* – Душанбе, 1993. - 144с.

[40] Гафуров, Б. Цибувидзе, Д. Александр Македонский и Восток [Текст] /Б.Гафуров, Д. Цибувидзе. -Москва, 1980. - С. 200.

[41] Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: (иборат аз ду китоб) [Матн] /Б.Ғафуров. Китоби 2. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. - Душанбе, 1985. - 416с. - С.89.

[42] Гафуров, Б.Г., Прохоров, Н.Н. Падение Бухарского эмирата [Текст] /*Б.Г.Гафуров, Н.Н.Прохоров.* - Сталинабад, 1940. -96с.

[43] Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] /*П.Гулмуродзода*. - Душанбе, 2006. -187с.

[44] Гусейнов А. А. Введение в этику. - М.: Изд-во Моск. ун-та, 1985.

[45] Давони Джалолиддин. Тарикат-ул-тарбият-ул-авлод. Рук. ИВУ.249.

[46] Давони Ҷалолиддин. Арзи сипоҳи Узун Ҳасан. - Теҳрон, 1952. – 221с.

[47] Давонӣ Ҷалолиддин. Ахлоқи Ҷалолӣ. -Нувлакишвар, 1883. - 350с.

[48] Диноршоев М. Философия Насириддина Туси. - Душанбе: Дониш, 1968. -157 с.

[49] Жуковский С.В. Миссия в Хеву и Бухаре в 1858г. - СПб, 1887. - С. 11-16.

[50] Жуковский С.В. Сношения России с Бухарой и Хивой за последнее трехсотлетие. Пр. 1915. - С. 3 - 11.

[51] Зиёев, И. Ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии Муҳаммад Иқбол [Матн] *И.Зиёев.* - Душанбе, 2005.

[52] Зокиров Н.М. Реформаторская консепсия Ахмада Дониша [Текст]/*Н.М.Зокиров* – Душанбе, 2017. – 162с.

[53] Зокиров Н.М. Ҷойгоҳи дин дар ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш//Ахбори ИФСҲ АИ ҶТ. – 2019, №2. – С.19-24.

[54] Ибн Халдун. Введение. /Пер. С. Н. Бациевой //Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. - М., 1961. -С. 559-628с.

[55] Ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] *Ибни Сино* //Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фалсафа. - Душанбе: Ирфон, 1983, Ҷ.2. - 650с.

[56] Идибеков Н. Этика Насириддина Туси в свете его теории свободы воли. -Душанбе: Дониш, 1987. – 187с.

[57] Искандаров Б.И. Бухара (1918 1920). - Душанбе, 1970. - С. 42 - 54.

[58] Искандаров, Б.И. Подготовка Англией Бухарского плацдарма для интервенции в Советской Туркестан [Текст] */Б.И.Искандаров* //Исторические записки. 1951, Т.36. – С.23-34.

[59] Калила ва Димна (Аз рӯи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ) [Матн]. - Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2019, 316с. – С.3.

[60] Камилов М. Изменение социальной среды и формирование новой личности. - Душанбе: Ирфон, 1971. - 227 с.

[61] Камилов, М. Изменение социальной среды и формирование новой личности [Текст] */М.Камилов.* - Душанбе: Ирфон, 1971. - 227с.

[62] Кант, И. Критика способности суждения [Текст] */ И.Кант.* Соч.: в 6 т. - Т.5. - М., 1966.

[63] Кант, И. Опыт некоторых рассуждений об оптимизме [Текст] */И. Кант.* Соч.: в 6 т. - Т. 2. - М., 1964.

[64] Кант, И. Сочинения: в 6 тт. [Текст] */И. Кант.* - М., 1976. - 743с.

[65] Касымов Ф.Х. Некоторые вопросы новейшей историографии народных революций в Хорезме и Бухаре //Общественные науки в Узбекистане. 1990. №1. С. 44 - 48.

[66] Кирабаев И.С. Социальная философия мусульманского Востока. - М., 1987. - 173с.

[67] Колесов Ф.И., Бобунов А. В борьбе с Эмирской Бухарой //Война в песках: Материалы по истории гражданской войны: К XI1 тому

//Под ред. М. Горького, В. Иванова, И. Минца, Ф. Колесова. Гражданская война в средней Азии. -Л, 1935. -С.12 -24.
[68] Комилов Р.С. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1997. - 288с.
[69] Комилов Р.С. Социально-утопические учения- в истории таджикской философии XIII ХУ в. - Душанбе: Дониш, 1993. - 117с.
[70] Костенко А. Средняя Азия в водворение в ней русской гражданственности. СПб, 1870. - С 4 - 42.
[71] Крестовский В.В. В гостях у эмира бухарского. - СПб., 1887. С.2-42.
[72] Крестовский, В.В. В гостях эмира бухарского [Текст] /*В.В.Крестовский.* - СПб, 1987. – С.126.
[73] Лей Герман. Очерк по истории средневекового материализма. М., 1962. -587с.
[74] Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. -СПб., 1911. -Т. 1 -340 с.
[75] Логофет Д.Н. В забытой стране. М.,1912. - 175 с.
[76] Логофет Д.Н. Страна бесправия. М., 1909 - 239 с.
[77] Логофет, Д.Н. Бухарское ханство под русским потекторатом [Текст] /*Д.Н.Логофет.* - СПб., 1911. - Т.1. -340с.
[78] Логофет, Д.Н. В забытой стране [Текст] /*Д.Н.Логофет.* - М.1912. -175с.
[79] Логофет, Д.Н. Страна бесправия [Текст] /*Д.Н.Логофет.* - М.1909. -239с.
[80] Макшеев, А.И. Исторический образ Туркестана и наступательного движения в него русских [Текст] */А.И.Макшеев.* - СПб., 1890.
[81] Мансур Ғиёсиддин. Ахлоқи Мансурӣ. -Бухоро, 1900. - 86с.
[82] Масальский В. И. Туркестанский край. СПб., 1913. - 861с.
[83] Масов Р. История топорного разделения. - Душанбе: Ирфон, 1991 - 192с.
[84] Масов Р. Таджики: история с грифом «совершенно секретно». - Душанбе, 1995г. - 200 с.

[85] Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн]. - Душанбе, 1962. – С.112-135.

[86] Маҳмадали ибн Маҳмадсаид. Таърихи Нофеъӣ. - Душанбе: Ирфон, 1993. - 107с.

[87] Маъруфи Раджаби. Ислам: Джадидия и Революция. - Душанбе, 1997. -442с.

[88] Маъруфи Раҷабӣ. Ислом. Ҷадидия ва Инқилоб [Матн] /*Раҷабӣ М.* - Душанбе, 1997. - 442с.

[89] Мион Муҳаммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом. Теҳрон, 1365. -ҷилди 2. -534с.

[90] Мирзо Азими Сомӣ. Тӯҳфаи шоҳӣ [Матн] */Мирзо Азими Сомӣ.* Рукоп. Фонд. Ин-та востоковедения АН Тадж. СССР, №927.

[91] Мирзо Сироҷи Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро [Матн] /*Мирзо Сироҷи Ҳаким*. - Теҳрон. 1326. - 384с.

[92] Мирзоев, С. Андешаҳои маорифпарварӣ дар адабиёти се даҳаи аввали асри XX Афғонистон [Матн] /*С.Мирзоев.* - Душанбе, 1993. -187с.

[93] Мирзо-зода X. Муносибати баъзе ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони асри XX/Дар китоби «Афкори рангин». - Душанбе: Ирфон, 1982. -С. 199.

[94] Мирзо-зода Ҳ. Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри XX. //Маориф ва маданият, 11 -12 - 1976.

[95] Мирзозода Ҳ. С.Айни ва муносибати у бо маорифпарварони ибтидои асри XX. //Образ ва маҳорат. Душанбе: Институти педагогии ш. Душанбе, 1979. -С.3-31.

[96] Мирзо-зода, Х. Афкори рангин [Матн] /*Х.Мирзо-зода*. - Душанбе, 1982. - 352с.

[97] Мирзозода, Х. Афкори рангин [Матн] /Х.*Мирзозода*. - Душанбе, 1982; Туҳафи аҳли Бухоро//Маориф ва маданият, 13.02.1973.

[98] Мирзозода Х. Туҳафи аҳли Бухоро //Маориф ва маданият, 13-02 1973.

[99] Мискавейх Ибни. Таҳзиб-ул-ахлоқ. - Бейрут, 1966. – 223с.

[100] Монтессори, М. Дом ребенка: метод научной педагогики [Текст] *М.Монессори*. - М.: Астрель: АСТ, 2006. - С.14.

[101] Музаффарӣ, М. Антропологияи ориёӣ [Матн] /*М.Музаффарӣ*. - Душанбе, 2006. – 124 с.

[102] Музаффари, М. Системная антропология. Книга в трёх частях. Часть 1. [Матн] /*М.Музафар*. - Душанбе, 2021. - 218с.

[103] Муминов И. Из истории общественной и философской мысли Узбекистана конца XIX и начала XX вв. //Тр. Узб. гос. пед. ин-та им Навои. Нов. сер. 1949. - № 40. - С. 1 - 71.

[104] Муминов И. Из истории развития общественно-философской мысли в Узбекистане конца XIX и начала XX вв. - Ташкент: Госиздат Уз ССР, 1957. -214 с.

[105] Муминов, И. Из истории развития общественно-философской мысли в Узбекистане конца и начала вв. [Текст] *И.Муминов*. - Ташкент: Госиздат Уз ССР, 1957. -214с.

[106] Муртазо Муттахарӣ. Муқаддима дар ҷаҳонбинии ислом. Теҳрон, 1365. - 86с.

[107] Муҳаммад Иқбол. Паёми Шарқ. - Душанбе: Адиб, 1987. - 320с.

[108] Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих: Дар 7 ҷилд. - Душанбе: Ирфон, 1990. Ҷилди 1 - 2. - 480с.

[109] Муҳаммад Таки Ҷаъфарӣ. Шинохт аз дидгоҳи илмӣ ва аз дидгоҳи қуръонӣ. - Теҳрон: Фарҳанги исломӣ, 1360. - С. 176.

[110] Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ. Шинохт аз дидгоҳи илмӣ ва аз дидгоҳи қуръонӣ [Матн] /*Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ*. - Теҳрон. Фарҳанги исломӣ. 1360. - С.176.

[111] Назаров, Х. Саид Джамолиддин Афгани и его общественно-политическая школа [Текст] /*Х.Назаров.* - Душанбе, 1993. -194с.

[112] Наливкин, В. Краткая история ханства, материалы для статистики Туркестанского края [Текст] /*В.Наливкин*. - СПб, 1879, вып.5.

[113] Неъматзода, Н. Дар бораи Возеҳ ва асари ӯ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» [Матн] /*Н.Неъматзода.* - Сталинобод, 1957. - 50с.

[114] Низом-ал-мулк. Сиасет-намэ: Книга о правлении визира Х1-столетия Низом-ал-мулка //Пер. введ. в изуч. памятника и примеч. Б. Н. Заходера. -М.; Л., 1949. -379 с.

[115] Платон. Сочинение. В 3-х томах [Текст] /*Платон.* - М.: Мысль, 1973. Т3 (1). - С.22-23.

[116] Платон. Федон [Текст] /*Платон.* Сочинения. - Т. 3. - М., 1971. - С. 330.

[117] Платон. Филеб [Текст] /*Платон.* Сочинения. Т. 3. - М., 1971. С. 71, 73-75.

[118] Раджабов, З.Ш. Выдающийся просветитель таджикского народа Ахмад Дониш [Текст] /*З.Ш.Раджабов.* - Сталинабад, 1961. - 220с.

[119] Раджабов, З.Ш. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX вв. [Текст] /*З.Ш.Раджабов.* - Сталинабад, 1957. - 459с.

[120] Раджабов, З.Ш. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша [Текст] /З.Ш.Раджабов. - Душанбе, 1976. -126с.

[121] Раджабов, З.Ш. Поэт-просветитель таджикского народа - Асири [Текст] /З.Ш.Раджабов. - Душанбе, 1974. - 65с.

[122] Раджабов, З.Ш. Развитие общественной мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX вв. [Текст] /*З.Ш.Раджабов.* - Сталинабад, 1951. - 42с.

[123] Рахимов М.Х. Категория счастья в этике Ибн Сины //Второй Российский Философский конгресс России. Философская антропология и философия культура. 4.1. – Екатеринбург? 1988г. Тезисы выступлений. - С. 235-236.

[124] Раҷабов, З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] /*З.Ш.Раҷабов.* - Душанбе, 1964. - 307с.

[125] Руссо, Ж.-Ж. Эмиль, или О воспитании [Текст] /*Ж.Ж.Руссо* //Пер. с франц. П. Первова, изд. 2-е. - М., К.И. Тихомиров, 1911.

[126] Руссо, Ж.Ж. Педагогические сочинения. В двух томах [Текст] */Ж.Ж.Руссо* /под ред. Г.Н.Джибладзе. - М.: Педагогика, 1981. – 343с.

[127] Руссо, Ж.Ж. Эмил ва ё дар бораи тарбият [Матн] */Ж.Ж.Руссо* /Бо кӯшиши профессор Ирина Каримова; таҳия ва таҳқиқи профессор Сулаймонӣ С. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 315 с.

[128] Садри Зиё. Наводири зиёия [Матн] */Садри Зиё.* - Душанбе: Адиб, 1989. - 200с. - С.10.

[129] Садри Зиё. Рӯзномаи Садри Зиё [Матн] */Садри Зиё.* - Теҳрон, 1382. - 500с. - С.382.

[130] Саидюнус, А. Бозшиносии фалсафаи Ибни Сино [Матн] */А.Саидюнус.* - Теҳрон, 1384. - С.18.

[131] Самиев, Б.Дж. Некоторые проблемы «Политического трактата» Ахмада Дониша о государстве [Текст] */Б.Самиев* – Душанбе, 1997. – 40с.

[132] Самиев, Б.Дж. Социально-философский анализ взглядов таджикских просветителей о структуре социальных отношений конца XIX и начала XXв. [Текст] */Б.Самиев* - Д.: Ирфон, 2007. - 258с.

[133] Самиев, Б.Ҷ. Афкори ислоҳоти иҷтимоии Аҳмади Дониш [Матн] */Б.Самиев.* - Душанбе, 2000. - 167с.

[134] Сино Абуалӣ. Тадбири манзил//Осори мунтахаб/-Душанбе.: Ирфон, 1983. -Ҷ.2. – С.6-86.

[135] Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутфаккирони Шарқ. -Душанбе: Ирфон, 1989.

[136] Сухарева, О.А. Бухара. XIX - начало XXв. [Текст] /*О.А.Сухарева* - М., 1956. - 324с.

[137] Сухарева, О.А. К истории городов Бухарского ханства [Текст] /*О.А.Сухарева* - М., 1958. - 148с.

[138] Тихомиров Л.А. Единоличная власть как принцип государственного строения [Текст] /*Л.А.Тихомиров.* -М.: Университетская типография, 1897. - С.26.

[139] Улугзаде, С. Памяти Ахмада Дониша //Единение. [Текст] /*С.Улугзаде.* - Душанбе, 1963. - С. 160-174.

[140] Философский словарь [Текст] /Под ред. И.Т. Фролова. 6-е изд. перераб. и до-пол. - М.: Политиздат, 1991. - 560с.

[141] Фитрат Абдурауф. Баёноти саёҳи ҳиндӣ. //Садои Шарқ. - 1988. - № 6. -С. 12-57.

[142] Фитрат Абдурауф. Роҳбари наҷот. //Садои Шарқ. -1992. - № 7 8. - С. 16-59.

[143] Фитрат, А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон [Матн] *А.Фитрат.* - Душанбе, 1991. - 63с.

[144] Фохури Ҳино. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ [Матн] *Ҳ.Форухӣ.* - Теҳрон 1373. - С.363.

[145] Хади-зада Р. Звёзда во мгле [Текст] *Р.Хади-заде.* - Душанбе, 1968. - 367с.

[146] Ханыков, Н. Описание Бухарского ханства [Текст] /Н.Ханыков. - СПб, 1843. - 279с.

[147] Худоёров, Г. Аз таърихи ҳаракатҳои миллигароӣ дар фарҳанги тоинқилобии халқҳои тотору башкир [Матн] /Г.Худоёров. -Уфа, 1950. – 114с.

[148] Ҳасанов, Ҳ. Инқилоби 1905-1907 дар Тотористон [Матн] /Ҳ.Ҳасанов. - Москва, 1965. – 216с.

[149] Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш [Матн] /*Р.Ҳодизода.* - Душанбе, 1967. - 156с.

[150] Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш [Матн] *Р.Ҳодизода.* - Душанбе, 1976. - 468с.

[151] Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. Очерки илмию бадеии зиндагонии ӯ [Матн] /*Р.Ҳодизода.* - Душанбе, 1976. - 468с.

[152] Ҳодизода, Р. Сарчашмаҳо барои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX. - Сталинобод, 1956. – 176с.

[153] Шарипов, И.Ш. Предпосылки преобразования общественных отношений в Таджикистане на пути некапиталистического развития [Текст] /*И.Шарипов*. - Душанбе, 1973, Т.1. - 166с.

[154] Шерозӣ Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бахши ҳикмати амалӣ ва сайру сулук [Матн] /*Қ.Шерозӣ.* Бо кӯшиш ва тасҳеҳи Моҳдухт Бону Ҳумоӣ. Чопи дуввум. – Теҳрон, 1386. – С.22.

[155] Шоҳин Ш. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] /*Ш.Шоҳин* //Садои шарқ. - 1998, №7. - С.41-53.

[156] Энсиклопедияи советии тоҷик. [Матн] Ҷилди 2. -Душанбе, 1983. - С.481.

**Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо:**

[157] Абдуллоев, Ш. Нақши Алии Ҳамадонӣ дар таърихи афкори сиёсии исломӣ //Изв. АН РТ. Серия: философия и правоведение. 1994, №1. - С. 13-17.

[158] Авезбаева Р. Воззрения Ахмада Дониша на гасударство //Изв. АН Тадж ССР. Отд-ние обществ, наук. - 1962. - Вып.3. - С. 12-17.

[159] Ашӯров Ғ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав. Китоби «Ҷашнномаи Айнӣ (Ҷилди X)» - Д., 2003. - С. 22-29.

[160] Ашӯров Ғ. Масъалаҳои мубрами маорифпарварӣ: оид ба баъзе масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ//Ахбори АИ ҶТ, 1965, №2. - С. 49-60.

[161] Ашӯров, Ғ. Диноршоев, М. Оид ба фалсафаи маорифпарварӣ ва иҷтимоии Аҳмади Дониш//Ахбори АИ ҶТ, 1978, №3. - С. 48-59.

[162] Богоутдинов А.М. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа//Вопрос философии. - М., 1951, №3. - С.126-132.1951.

[163] Девонақулов А. Аҳмади Дониш мураббии инсон//Дар китоби Наводир-ул-вақоеъ. Қисми 2. - Душанбе, 1989. - С.3-19.

[164] Захаров А, А. Аристотель о сознательном выборе и моральной ответственности личности//Актуальные вопросы гуманитарных наук на современном этапе. - Душанбе: Дониш, 1987. – 46с.

[165] Идибеков Н. Социально-политические взгляды Насриддина Туси //Материалы годичной (XX) науч. конф. Тадж. мед. Ин-та им. Абуали Ибн Сина. Душанбе, 1970 - С. 20 - 23.

[166] Мирбобоев М. Мавзуи илми ахлоқ аз назари Ҷалолиддини Давонӣ //Ахбори АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1974, 4(78).- С. 26-36.

[167] Мирзоев, А. Первая редакция «Наводир-ул-вакоеъ» и время ее составления //Сборник статей, посвященный 80-летию со дня рождения А.А.Семёнова. - Сатлинабад, 1953. - С. 151-159.

[168] Мирзоев, Г.Дж. О правах женщин Бухарского эмирата в произведении Ахмада Даниша/ Наука и общество. Научно-популярный академический журнал АН РТ, № 2 (15), 2019. - С. 59-70.

[169] Мирзо-зода Х. Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри XX//Маориф ва маданият, 1979, №11-12.

[170] Назаров, Х. Политические воззрения Али Ҳамадони//Изв. АН РТ. Серия: философия и правоведение. 1994, №1. - С.46.

[171] Ратников, К.В.Педагогические идеи Ж.Ж. Руссо в критической оценке С.П. Шевырева //Альманах современной науки и образования, № 4 (23) 2009, часть 1. - С.151-153.

[172] Самиев, Б.Ҷ. Масъалаи инсон дар таълимоти Аҳмади Дониш / Б.Ҷ. Самиев // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2023. – № 1-2(9-10). – С. 17-21.

[173] Самиев, Б.Дж. Анализ социальной структуры Бухарского эмирата и роль социальных слоёв общества в учении Ахмада Дониша/ Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. № 1–4. Душанбе, 2005. - С.26-35.

[174] Самиев, Б.Дж. Ахмад Дониш о принципах социально-экономической политики государства и эффективном использовании земельных и водных ресурсов/ Доклады Таджикской Академии сельскохозяйственных наук. – Душанбе, 2008. - № 1 (15). - С. 43-48.

[175] Самиев, Б.Дж. Осознание понятия единства и национального самосознания с точки зрения Ахмада Дониша и последующих мыслителей таджикского народа/ Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. – 2008. - № 2. – 76-83.

[176] Самиев, Б.Дж. Принципы справедливого отношения к населению и защита его прав с точки зрения Мухаммеда Газзали и их влияние на политические взгляды Ахмада Дониша (тезисы доклада)/ Сб. тез. Института философии и права АН РТ. - Душанбе: Дониш, 1997г.- С. 121 -124.

[177] Самиев, Б.Дж. Проблема семьи и этика брака в учении Ахмада Дониша/ Журнал «Фируза», 1998, № 10. - С. 18 - 20.

[178] Султанов У. Философские, социальные и этические взгляды Абуали Сино//Вопросы философии. 1980. - №9. - С.90 - 105.

[179] Султонов, М. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва Аҳмади Дониш роҷеъ ба салтанат//Армуғон, 1995. - №4. – С.16-18.

[180] Ҳодизода Р. Ҷадид гӯем ё маорифпарвар? //Адабиёт ва санъат. - 5 июли соли 1990.

[181] Шарипов И.Ш. Загадочная трагичность судьбы таджиков и таджикской государственности //Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. Душанбе. 2005. № 1 - 4. - С. 172 - 182.

[182] Шарипов И.Ш. Эпохальное событие на путях укрепления национального государства // Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. Душанбе. 2004. - № 3 – 4. С. 2 – 12.

[183] Шоисматуллоев Ш Становление молодой семьи: (социология) //Изд. АН Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение 1992. №3(3). - С.27-34.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**


[184] Абилова, Г. Духовно-нравственные основы семьи [Матн] /Г.Абилова //Дисс. канд. филос. наук. - Душанбе, 2011. - 152с.

[185] Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ [Матн] */Ш.Т.Амирхон* //Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. – Душанбе 2022. – 347с.

[186] Бекзода, К. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик [Матн] /*К.Бекзода//*Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. - Душанбе, - 262с.

[187] Давлатов, П.Н. Этические взгляды Мир Саида Али Хамадани: Автореферат дисс. канд. филос. наук [Текст] */П.Н.Давлатов.* – Душанбе, 2014. - 25с.

[188] Мирбабаев М. Этика и социальная философия Джалолиддина Давони: Дисс. канд. филос. наук [Текст] */М.Мирбабаев.* – Душанбе, 1975. - 154с.

[189] Ниёзӣ Ё.Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм [Матн] */Ё.Б.Ниёзӣ* //Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа. - Душанбе, 2020. - 326с.

[190] Саидов Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке: Автореферат дисс. на соиск.уч. степени доктора философ. наук [Текст] /Н.С.Саидов. - Душанбе, 2009. – 46с.

[191] Самиев Б.Дж. Социально-исторические идеи таджикских просветителей конца XIX начала XX вв. Дис. на соискание учёной степени доктора философских наук [Текст] */Б.Дж. Самиев.* Душанбе, 2009. - 253с.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр шудаанд:**


[1-М] Ҷабборова В.Ҳ. Заминаҳои гносеологии масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти Аҳмади Дониш [Матн] / *Ҷабборова В.Ҳ.* //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - №4 2023. - С. 108-115.

[2-М] Ҷабборова В.Ҳ. Масъалаи оиладорӣ ва танзими муносибатҳои он аз назари Аҳмади Дониш [Матн] / *Ҷабборова В.Ҳ.* //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - №2 2024. - С. 102-107.

[3-М] Ҷабборова В.Ҳ. Масъалаи таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа дар фалсафаи амалии Аҳмади Дониш [Матн] / *Атоев А.М., Ҷабборова В.Ҳ.* //Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ - №4 (273) 2023, С. 48-54.


**Маводи конфронсҳо, фишурдаҳо ва маърузаҳо**


[4-М] Джабборова В.Х. Вопросы происхождения и сущности человека в структуре онтологических и гносеологических воззрений [Матн] /*Джабборова В.Х., Корихонов С.* /Материалы научно-практического семинара на тему: «Современная таджикская философия: проблемы, преспективы и пути развития». – ТНУ, Душанбе, 2021. - 0,4 ҷ.ч.

[5-М] Джабборова В.Х. Онтологические предпосылки учения Ар-Рази о человеке. // [Матн] / Джабборова В.Х., Джураева Н. / Материалы научно-практического семинара на тему: «Современная таджикская философия: проблемы, преспективы и пути развития». – ТНУ, Душанбе, 2021. - 0,4 ҷ.ч.

[6-М] Жабборова В.Ҳ. Бобожон Ғафуров асарларида Марказий Осиё фалсафаси тарихи инъикоси [Матн] / *Ҷабборова В.Ҳ., Бегматова М.А.* /Международная научно-практическая конференция «Роль

университетов в достижении целей устойчивого развития». – Ташкент, 2023. - 0,7 ҷ.ч.

[7-М] Ҷабборова В.Ҳ. Истиқлоли миллӣ ва истиқлолӣ фикрӣ [Матн] /*Ҷабборова В.Ҳ., Халилова З.Қ.* /Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Хонишҳои 5-уми Артуч» бахшида ба «Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир», 4 - 6 июли соли 2023. - Панҷакент. - 0,6 ҷ.ч.

[8-М] Ҷабборова В.Ҳ. Сарвари маорифпарвар [Матн] /*Ҷабборова В.Ҳ., Қурбонова М.У.* /Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Хонишҳои сеюми Артуч». – Панҷакент, 2021. - 0,4 ҷ.ч.

[9-М] Ҷабборова В.Ҳ. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи ҳифзи мероси ниёгон [Матн] /*Ҷабборова В.Ҳ., Ҳакимова З.А.* /Маҷмуи мақолаҳои ҳайати профессорору омӯзгорони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ». – Хуҷанд, 2023. - 0,4 ҷ.ч.

[10-М] Ҷабборова В.Ҳ. Ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ - омили солимии оила [Матн] /*Ҷабборова В.Ҳ.* / Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Хонишҳои сеюми Артуч». – Панҷакент, 2021. - 0,3 ҷ.ч.

[11-М] Ҷабборова В.Ҳ.Замон одилтарин ва оқилтарин довар аст [Матн] /*Ҷабборова В.Ҳ.* /Маводи анҷумани илмӣ-амалии байналмилалии «Хонишҳои чоруми Артуч». – Панҷакент, 2022. - 0,4 ҷ.ч.

[12-М] Ҷабборова В.Ҳ.Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш [Матн] / *Ҷабборова В.Ҳ.* / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Масъалаҳои мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо». - ДМТ, Душанбе, 2024. - 0,4 ҷ.ч.